Дастгоҳи дипломатияи рақамии ИМА бузургтарин ва гуногунҷабҳатарин дар ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Он аз шабакаи васеъмиқёси иттилоот, сомонаҳои мубоҳисавӣ ва рамзнишонаҳои расмӣ дар шабакаҳои маъруфи иҷтимоӣ – “Facebook, Flickr, Google, Instagram, Pinterest, Tumblr, Twitter, YouTube” ташаккул ёфтааст. Илова бар ин, зиёда

аз 40 намояндагиҳои маҷозӣ ташкил карда шуданд, ки ҳамчун ивазкунандаи рақамии намояндагиҳои дипломатӣ (сафоратхонаҳои маҷозӣ) амал мекунанд.

Британияи Кабир

Британияи Кабирро яке аз пешвоёни чаҳони Ғарб мешуморанд. Доираи роҳбарикунандаи Британияи Кабир то ҳол аз низоми анъанавии расонаҳои хабарӣ ба таври ҷиддӣ истифода мекунад ва ҳамзамон, бо назардошти дастгирии афзалиятҳои сиёсати хориҷӣ ва барқарории алоқаҳои мустақим бо аҳолӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ аз воситаҳои электронӣ ва рақамии иртибот истифода менамоянд.

Бояд гуфт, ки дар соли 2020, тибқи маълумоти "Influencer Marketing Hub", шумораи истифодабарандагони шабакаҳои иҷтимоӣ дар ҷаҳон ба 3,8 миллиард нафар расидааст, ки тақрибан нисфи аҳолии сайёраро ташкил менамоянд. Дар Британияи Кабир маъмултарин шабакаҳои иҷтимоӣ ин: Facebook - 44 миллион муштарӣ, Twitter - 43,7 миллион муштарӣ, YouTube - 39 миллион нафар, LinkedIn - 27,5 миллион, Instagram - 24,4 миллион ва ғайра мебошанд[23].

Яке аз фаъолтарин истифодабарандаи шабакаҳои иҷтимоӣ сарвазири феълии Британияи Кабир Б. Ҷонсон мебошад, ки саҳифаи инфиродии ӯ дар "Twitter" фаъол мебошад[2, 95]. Сиёсатмадор барои муошират бо мардум ин шабакаи иҷтимоиро ба далели омилҳои зерин интихоб мекунанд:

1) суръати эҷоди рамзнишона ва дараҷаи баланди самаранокӣ;

2) муошират дар реҷаи мустақим ва баробар;

3) мухтасарӣ ва саҳеҳии муаррифӣ, ки дар он ҳаҷми ҳадди баланди аз 280 аломат ба ҳар як хабар рост меояд, вуҷуд дорад;

4) роҳи оддии «дастрасӣ» ба ҳар як истифодабаранда тавассути гуфтугӯи «рӯ ба рӯ»;

5) имконияти исботи мавқеи худро на танхо хамчун ходими сиёсӣ, балки хамчун як шахси оддие, ки ба вай ҳифзи манфиатҳои тамоми миллатро бовар кардаанд.

6) боз як омил ин аст: сиёсатмадор сифату хислатҳои шахсии худро: сухангӯӣ, ҳаҷвӣ, дараҷаи маълумотнокӣ, ки метавонад ба симои ӯ ва ҳадафҳои пешгирифтааш таъсири мусбӣ расонад, ба осонӣ нишон медиҳад.

Дар ин саҳифа Б. Ҷонс аз стратегияҳои иртиботии дипломатияи рақамӣ дар асоси саҳифаи инфиродии Twitter-и "@BorisJohnson" истифода менамояд. Стратегияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ, бешубҳа калиди дипломатияи рақамӣ мебошанд. Маълум аст, ки онҳо дар чунин шаклҳо амалӣ карда мешаванд:

1) интихоби маълумоти муайян;

2) коркарди ҳадафмандонаи иттилоот;

3) хомӯши нисбати баъзе далелҳо (стратегияи сукут)[9, 16].

Б. Ҷонсон ҳамчун сиёсатмадори ботаҷриба барои саҳифаи инфиродии худ мавзӯъҳоро моҳирона интихоб мекунад. Мақсади асосии ҳузури иртиботии сиёсатмадор дар шабакаҳои иҷтимоӣ расонидани маълумот ба

истифодабарандагон дар бораи рӯйдодҳои асосии сиёсии хориҷӣ ва дохилӣ мебошад, ки ин сиёсатмадор иштирокчии мустақим ё ташаббускори асосии онҳо мебошад.

Б. Ҷонсон аз ин сабки фазои маҷозӣ, як шакли нави иртиботро истифода мекунад, ки ҳамзамон муошарати миллионҳо истифодабарандаро дар бар мегирад ва ҳадафи калидии он иттилоотонии доираи васеи шунавандагон аз афзалиятҳои сиёсии ҳукумат бо истифода аз усулҳои мухолифат - «дӯст ё душман» ташкил медиҳад[6, 51-57]. Зери мафҳуми «дӯст» асосан давлатҳои иттифоқчиеро дар назар гирифта мешавад, ки Б. Ҷонсон онҳоро бо тамоми воқеаҳои муҳимми фаъолияти инфиродӣ ва муштарак ёдовар мешавад.

Федератсияи Россия

Дар Федератсияи Россия дипломатияи рақамӣ, асосан тавассути Вазорати корҳои хориҷии Россия ва дигар мақомотҳои сиёсати хориҷии давлат дар расонаҳои гуногуни интернетӣ амалӣ карда мешавад. Асоси дипломатияи интернетии Вазорати корҳои хориҷии Федератсияи Россия фазои иртиботӣ дар сомонаи расмии Вазорат мебошад, ки вазифаи манбаи миллии иттилоотиро оид ба мавзӯъҳои сиёсати хориҷӣ иҷро мекунад. Он на танҳо барои дипломатҳои Россия ва хориҷӣ, балки барои намояндагони созмонҳои байналмилалӣ, доираҳои ҷамъиятӣ, сиёсӣ ва тиҷоратӣ, сиёсатшиносон, рӯзноманигорон, барои ҳамаи шаҳрвандоне, ки ба масъалаҳои сиёсати хориҷӣ ва мушкилоти муносибатҳои дуҷонибаи байни давлатҳо таваҷҷӯҳ доранд, инчунин барои истифодабарандагони интернет, ки оид ба дигар масъалаҳо маълумот ҷустуҷӯ мекунанд, пешбинӣ шудааст.

Дар Вазорати корҳои хориҷии Россия Департаменти дипломатияи рақамӣ, ки дар ҳайати Департаменти иттилоот ва матбуот зери роҳбарии Мария Захарова таъсис ёфтааст, ки масъули робита бо ҷомеа дар шабакаҳои иҷтимоӣ мебошад. Раҳбари он Сергей Налобин бар ин назар аст, ки дипломатияи рақамӣ дар рафъи ҳамлаҳои таблиғотии зидди Россия, ки дар майдони ҷангҳои иттилоотӣ анҷом мешавад, нақши муҳим дорад.

Ба гуфтаи ӯ, бартарияти дипломатияи рақамӣ дар он аст, ки «он, аввалан, имкон медиҳад, ки баъзе маълумоти нодуруст - «фейк» (fakenews) ва навъҳои гуногуни «таблиғот» фавран рад карда шаванд ва дуюм, он имкон медиҳад, ки маълумоти муайян, ки ба воқеият мувофиқат мекунад, пешниҳод карда шавад ва бояд тасдиқ карда шавад, ки ин маълумот аз манбаъҳои расмӣ мебошад. Яъне,, мо дипломатияи рақамиро ҳамчун унсури стратегӣ дар ҷанги иттилоотӣ, дар пешгирии ҳамлаҳои мувофиқ алайҳи кишвари мо истифода менамоем”[10].

Тибқи гузориши “Twiplomacy” дар моҳи июли соли 2018 Вазорати корҳои хориҷии Россия шабакаи дуюм (пас аз Британияи Кабир) дар ҷаҳонро таъсис додааст, ки ба он 244 сафоратҳо, консулгариҳо, намояндагиҳои тиҷорӣ ва дипломатии Россия шомиланд, ки ба таблиғ ва маъруфияти ин ниҳод дар “Twitter” мусоидат мекунад. Маъруфияти рамзнишонаи Вазорати корҳои хориҷии Россия аз шумораи муштариёни он

низ шаҳодат медиҳад, ки беш аз 1 млн. 241 ҳазор нафарро ташкил додааст, ки онро дар байни 131 рамзнишонаи фаъоли Твиттери вазоратҳои корҳои хориҷии давлатҳо дар ҷойи панҷум қарор дод[7, 118].

Барои васеъ кардани ҳудуди пахши мустақими видео Вазорати корҳои хориҷӣ замимаи “Periscope”-ро истифода мебарад. Бо ёрии он брифингҳои ҳарҳафтаинаи намояндаи вазорат М. Захарова, конференсияҳои матбуотии Вазири корҳои хориҷии С.В. Лавров пахш мешаванд. Тибқи гузориши “Twiplomacy” барои соли 2017, тамошои 99 пахши мустақим аз ҷониби тақрибан 500 ҳазор истифодабаранда «лайк» гирифтааст [1].

Бояд гуфт, ки саҳифаи Твиттери сафорати Россия дар Британияи Кабир ба як абзори муассири дипломатияи рақамӣ табдил ёфтааст, ки теъдоди пайравони он – 84 ҳазор нафар (дар соли 2016 - 46,7 ҳазор нафар) аз ин шаҳодат медиҳад. Имрӯз бошад сомонаи “@RussianEmbassy” аз ҳама бездидшавандатарин сомонаи намояндагиҳои дипломатӣ дар Лондон буда, ҳатто сомонаи расмии сафоратҳои ИМА ва Исроилро пушти сар гузоштааст. Илова бар ин, таҳлили омории фаъолияти сафорати Россия дар давраи аз сентябри соли 2017 то августи соли 2018 нишон дод, ки дар муқоиса бо дигар пешвоёни дипломатияи рақамии Россия, бо нишондиҳандаи чорум аз рӯи шумораи пайравон (81234 нафар) ва нашрияҳо (1183 адад), он дорои сатҳи баландтарин рейтинги ҷалби истифодабарандагон (ER Post) ва ҷолибият (LR) мебошад.

Чунин маъруфият натиҷаи кори ҷиддии дипломатҳои барои ҷалби истифодабарандагони шабакаҳои иҷтимоӣ ва ҳамзамон, муқобила бо маъракаҳои иттилоотии хашмгинонаи сиёсатмадорони Британияи Кабир мебошад.

Ҷумҳурии мардумии Чин

Ҷумҳурии мардумии Чин сиёсати давлатии иттилоотиро амалӣ намуда, онро бо рушди босуръат ва паҳншавии телекоммуникатсия ва технологияҳои иттилоотӣ алоқаманд мекунад. Чин омӯзиши фаъолонаи таҷрибаи истифодаи шабакаҳои иҷтимоиро ҳам дар дохил ва ҳам дар хориҷ идома медиҳад ва он асосан хислати амнияти иттилоотӣ дорад.

Корншиносони Чин бар он назаранд, ки ошӯб дар Ҳонконг имконпазир шуд, зеро маҳз василаи рақамии иртибот имкон дод, ки нерӯҳои зиддидавлатиро аз берун ҳамоҳанг созанд. Инчунин,, бояд қайд кард, ки як қатор амалҳои зиддиятноки хислати фасодошта дар Чин, ки ба шарофати маводҳои иғвоангезона, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ пайдо шуданд, ошкор ва таблиғоти васеъ пайдо карданд – ҳукумати Чинро дар самти корбарӣ аз абзорҳои дипломатияи рақамӣ водор намуд.

Бинобар ин, дар пешбурди дипломатия рақамӣ Чин афзалиятро ба амсилаҳои хитоии шабакаҳои иҷтимоӣ медиҳад: “RenRen, WeChat, Sina Weibo, QQ”, ки бо забонҳои дигар низ барои истифодабарандагон дастрас мебошанд (масалан, WeChat бо 15 забони ҷаҳон дастрас аст)[16].

Дар таъмини амнияти иттилоотии дохилӣ Чин ҳам аз усулҳои сахт ва ҳам нарм истифода мекунад. Бо усулҳои сахт бастани баъзе сомонаҳо ё саҳифаҳои инфиродӣ, манъи махфият дар фазои интернетӣ мебошанд. Усулҳои нарм амалҳои зиддитарғиботиро дарбар мегиранд. Ҳамин тариқ, Вазорати амнияти ҷамъиятӣ барои ҷилавгирӣ аз паҳншавии иттилооти мухолиф, ифротгароӣ дар интернет талошҳои зиёд ба харҷ медиҳад.

Низоми муттаҳидшудаи амнияти интернетии “Сипари тиллоӣ” (Great Firewall) дорои якчанд вазифаҳои асосӣ мебошад: бастани дастрасӣ ба сомонаҳои дорои маводи мамнӯъ ҳарчанд, ки чанд дақиқаро дар бар гиранд ҳам, нест кардани чунин мавод ва пайгирии дархостҳои ҷустуҷӯ нисбат ба чунин маводҳо мебошанд[18].

Истифодабарандагони интернет борҳо изҳор доштаанд, ки дастрасӣ ба “Facebook”, “Twitter”, “Instagram” ва ҳатто “Youtube” дар даврaҳои шиддатнокӣ ё таҳдиди амниятӣ ба вазъи сиёсӣ дар Чин баста шудааст. Таҳлили истифодаи дипломатияи рақамии Ҷумҳурии мардумии Чин нишон медиҳад, ки он ҳам ба хориҷа ва ҳам ба дохил нигаронида шудааст. Абзорҳои дипломатияи рақамии Чин дар дохил асосан хислати қудрати “сахт” ва дар хориҷ хислати қудрати “нарм”–ро ифода менамояд. Инчунин,, ҳукумати давлат барои ҷилавгирӣ аз иттилоотҳои зиддичинӣ нисбати расонаҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ қарорҳои қатъӣ (маҳдудкунанда) низ истифода менамояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон

Заминаи меъёрии ҳуқуқии дипломатияи рақамии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Консепсияи сиёсати хориҷӣ гузошта шудааст. Дар ин санад соҳаҳои асосии дипломатии кишвар муайян шудааст. Банди 3,6-и он номи “дипломатияи иттилоотӣ”–ро гирифтааст ва дар он аз ҷумла омадааст: “Ҷавҳари тамаддуни иттилоотиро интишор ва мубодилаи беҳадду марзи иттилоотӣ, рушди васоити интернетӣ ва густариши алоқаи моҳворавӣ, коркарду пахши ахбору иттилоот ва зуҳуру инкишофи дипломатияи рақамӣ ташкил мекунад”[8]. Дар он инчунин, як қатор вазифаҳои дипломатияи рақамии Тоҷикистон муайян шудаанд:

- мусоидат ба эҷоди воситаҳои самараноки таъсири иттилоотӣ ба афкори ҷамъиятӣ дар хориҷа ҷиҳати шинохти мусбати Тоҷикистон;
- мусоидат ба тавсеаи имкониятҳои воситаҳои ахбори оммаи кишвар дар фазои иттилоотии байналмилалӣ;
- ба роҳ мондани ҳамкории фаъоли байналмилалӣ дар соҳаи иттилоот;
- муқовимати саривақтӣ ва самаранок ба киберҷиноятҳо ва таҳдидҳои иттилоотӣ ба Истиқлолияти давлатӣ ва манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаддасоти таърихӣ ва арзишҳои ахлоқиву маънавии халқи тоҷик.

Ин ҳолат мақомотҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро водор менамояд, ки дар самти таъсиси сомонаҳои расмӣ, саҳифаҳои алоҳида дар шабакаҳои иҷтимоӣ, пахши наворҳои таблиғотӣ дар расонаҳои

интернетӣ ва ғайра бештар фаъол бошанд, то ки вазифаҳои дар Консепсия гузошташуда ба амал бароварда шаванд.

Хулоса, имрӯз дипломатия рақамӣ ба яке аз абзорҳои калидии сиёсати хориҷии давлатҳо табдил ёфтааст. Истифодаи васеи ин падида дар фаъолияти байналмилалӣ боиси он гардидааст, ки мафҳумҳои мухалиф аз қабили дипломатияи интернетӣ, шабакавӣ, электронӣ, маҷозӣ, твиттерӣ, фейсбукӣ ва ғайра дар сохтори дипломатияи рақамӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Давлатҳои ҷаҳон бо дарки муҳиммияти ин абзорҳо барои самаранокии сиёсати хориҷӣ аз тамоми фишангҳои дипломатияи рақамӣ истифода менамоянд.

АДАБИЁТ

1. Бакли, Н. Из России с «лайками»: твиты посольства оказались хитом (From Russia with likes: embassy tweets prove a hit for Moscow) [Текст / Н. Бакли // Сайт «inosmi.ru». Дата размещения 10.06.2017. [Электронный ресурс] URL: https://inosmi.ru/politic/20170610/239560017.html (дата обращения: 20.03.2022).

2. Горошко, Е.И. Политический твиттинг как новый жанр интернет-коммуникации [Текст] / Е.И. Горошко, Т.Л. Полякова // Вопросы психолингвистики. - 2014. - №19. - С. 92-103.

3. Зиновьева, Е. Цифровая дипломатия, международная безопасность и возможности для России [Текст] / Е. Зиновьева // Индекс безопастности. – Том 10. - № 1 (104). – С. 213-228.

4. Zoom-дипломатия [Электронный ресурс] URL: https://zn.ua/international/zoom-diplomatiya-350807_.html (дата обращения: 19.03.2022).

5. Карпович, О.Г. Особенности использования цифровой дипломатии иностранными внешнеполитическими ведомствами и международными организациями [Текст] / О.Г. Карпович, Г.М. Троянский // Дипломатическая служба. – 2020. - № 4. – С. 96-105.

6. Кауфова, И.Б. Оппозиция «свой-чужой» в британском политическом дискурсе [Текст] / И.Б. Кауфова, Л.А. Кауфова // Университетские чтения-2019. Материалы научно-методических чтений ПГУ. Часть II. - Пятигорск: ПГУ, 2019. - С. 51–57.

7. Колесникова, Н.Л. Новые медиа в практике цифровой дипломатии России [Текст] / Н.Л. Колесникова // ГРНТИ. - 19.21.91. – С. 108-126.

8. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2015, таҳти №332 тасдиқ шудааст. [Манбаи электронӣ] URL: https://mfa.tj/tg/main/view/988/konsepsiyai-sijosati-khorijii-jumhurii-tojikiston (санаи мурочиат: 05.04.2022).

9. Меграбова, Э.Г. Образ России в дискурсе журнала Newsweek / Языковая репрезентация образа России в публицистическом дискурсе стран Запада и

Востока: колл. Монография [Текст] / отв. ред. Э.Г. Мещрабова. - Владивосток: Изд-во Дальневост. ун-та, 2009. - С. 7–46.

10. Налобин: молодежь сейчас активно интересуется внешней политикой. Дата размещения 19.05.2017. Сайт «ria.ru». [Электронный ресурс] URL: https://ria.ru/radio_brief/20170519/1494695030.html (дата обращения: 11.04.2022).

11. Торреальба, А.А. Твитпломатия: влияние социальной сети Твиттер на дипломатию [Текст] / А.А. Торреальба // Вестник Российского университета дружбы народов. Серия: Международные отношения. — 2015. — Вып. 3. – С. 152-166.

12. Цветкова, Н. Программы Web 2.0 в публичной дипломатии США [Текст] / Н. Цветкова // США и Канада: Экономика, политика, культура: периодика. — 2011. — № 3.

13. Цветкова, Н.А. Феномен цифровой дипломатии в международных отношениях и методология его изучения [Текст] / Н.А. Цветкова // Вестник РГГУ. Серия “Политология. История. Международные отношения”. - 2020. - № 2. - С. 37–47.

14. Comprehensive Annual Report on Public Diplomacy and International Broadcasting Activities, 2019 [Text] // Site of the U.S. Department of State. [Electronic resource] URL: https://www.state.gov/wpcontent/uploads/2020/01/2019-ACPD-Annual-Report.pdf (date of access: 14.04. 2022).

15. Digital Diplomacy | E-diplomacy | Cyber Diplomacy. [Electronic resource] URL: https://www.diplomacy.edu/e-diplomacy (date of access: 14.04. 2022).

16. Digital Public Diplomacy: How Chinese Social Media Is Changing the Way Diplomatic Missions in China Engage with Local Audiences [Electronic resource] URL: http:// daoinsights.com/digital-public-diplomacy-how-chinese-social-media-is-changing-the-waydiplomatic-missions-in-china-engage-withlocal-audiences/#sthash.jSWNT7Ax.dpuf (date of access: 06.04.2022).

17. Diplomacy for the digital age [Electronic resource] URL: https://www.diplomacy.edu/ (date of access: 14.04. 2022).

18. How does China censor the internet? [Text] // The Economist [Electronic resource] URL: http:// www.economist.com/blogs/economistexplains/-2013/04/economist-explains-how-chinacensors-internet (date of access: 08.04.2022).

19. IRM's Office of eDiplomacy [Text] // Site of the U.S. Department of State. 2003. October 22. [Electronic resource] URL: https://2009-2017.state.gov/-m/irm/ediplomacy/index.htm (date of access: 06.04.2022).

20. Jovan, K. Different prefixes, same meaning: cyber, digital, net, online, virtual, e. [Text] / K. Jovan. [Electronic resource] URL: https://www.diplomacy.edu/blog/different-prefixes-same-meaning-cyber-digital-net-online-virtual-e (date of access: 06.04.2022).

21. Olubukola, S.A. Foreign policy in an era of digital diplomacy. [Text] / S.A. Olubukola / Editor James Summers. 01 March 2017. [Electronic resource] URL:

https://www.tandfonline.com/doi/full/10.1080/23311886.2017.1297175 (date of access: 06.04.2022).

22. Road map for digital cooperation: implementation of the recommendations of the High-level Panel on Digital Cooperation [Text] // UN Secretary-General's Roadmap for Digital Cooperation. - 29 May 2020. – 20 p. P. 3.

23. Social Media Trends for 2020 and Beyond. [Electronic resource] URL: https://influencermarketinghubcom/social-media-trends/ (accessed: 21.01.2022).

24. Tsvetkova, N. Russian Digital Diplomacy: A Rising Cyber Soft Power? [Text] / N. Tsvetkova // Russia's Public Diplomacy: Evolution and Practice / Ed. by A. Velikaya and G. Simons. - New York: Palgrave Macmillan. - 2019. - P. 103–117.

25. Twiplomacy Study 2020. [Electronic resource] URL: https://twiplomacy.com/blog/twiplomacy-study-2020/ (date of access: 06.04.2022).

26. Westcott, N. Digital diplomacy: The impact of the internet on international relations. [Text] / N. Westcott // Research Report 16. - Oxford: Oxford Internet Institute. July, 2008. - P.3.

ЦИФРОВАЯ ДИПЛОМАТИЯ: ФОРМИРОВАНИЯ ТЕРМИНА И ПРАКТИКА ПРИМЕНЕНИЯ

АНВАРИ САФАРИ,
кандидат исторических наук., преподаватель кафедры внешней политики Республики Таджикистан факультета международных отношений ТНУ,
734025, Таджикистан, г. Душанбе, ул. Маяковского, дом 70/2;
Тел: (+ 992) 918-97-31-81, email: anvari.safar@mail.ru

В статье рассматривается процесс качественного изменения современной дипломатии и ее основные сферы, а также анализируется факторы возникновения цифровой дипломатии в XXI веке и расширения применения инструментов данной сферы во внешней политике государств. Цифровая дипломатия – это использование возможностей интернет-порталов и новейших достижений информационно-коммуникационных технологий (ИКТ) для реализации внешнеполитических целей. Основнымы задачами цифровой дипломатии являются продвижение внешнеполитических интересов, реализация пропаганды посредством интернет-ресурсов, иллюстрация достижений внешней политики в социальных сетях, отправка информации при помощи мобильных телефонов и трансляция новостей, которые направлены на сознание аудитории и политической элиты. На данный момент, в рамках цифровой дипломатии применяются инструменты электронной, сетевой, Твиттер, Фейсбук и виртуальной дипломатии. Применения этих рычагов расширяется во внешней политике государств и государственные структуры, внешнеполитических ведомствах. Политики и дипломаты реализуют цифровую дипломатию путем создания

официальных сайтов, индивидуальных страничек, специальных электронных приложений, участия в виртуальных конференциях и онлайн встречах.

Ключевые слова: *информационная дипломатия, цифровая дипломатия, Интернет, информационно-коммуникационные технологии, средство массового информации, виртуальная пространство, официальные сайты, социальные сети, индивидуальные странички, аккаунты, Твиттер, Фейсбук, электронная почта.*

DIGITAL DIPLOMACY: FORMATION OF THE TERM AND PRACTICE OF APPLICATION

ANVARI SAFARI,
c.h.s., teacher of the department of diplomacy and foreign policy of the Republic of Tajikistan, the faculty of International relations, Tajik National University.
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Mayakovski street, home 70\2;
Tel.: (+ 992) 918-97-31-81; email: anvari.safar@mail.ru.

The article discusses the process of qualitative change in modern diplomacy and its main spheres, and also studied the factors of the emergence of digital diplomacy in the XXIst century and the expansion of the use of tools in this sphere in the foreign policy of states. Digital diplomacy is the use of the capabilities of Internet portals and the latest advances in information and communication technology (ICT) to achieve foreign policy goals. The main tasks of digital diplomacy are the promotion of foreign policy interests, the implementation of propaganda through the Internet resources, the illustration of the achievement of foreign policy in social networks, sending information using mobile phones and broadcasting news that is aimed at the minds of the audience and the political elite. At the moment, within the framework of digital diplomacy, the tools of electronic, network, Twitter, Facebook and virtual diplomacy are used. Using these levers is expanding in the foreign policy of states and government structures, foreign affairs agencies, politicians and diplomats are implementing digital diplomacy through the creation of official websites, individual pages, special electronic applications, participation in virtual conferences and online meetings.

Keywords*: information diplomacy, digital diplomacy, Internet, information and communication technologies, mass media, virtual space, official websites, social networks, individual pages, accounts, Twitter, Facebook, electronic mails.*

УДК: 323.1

ЗАРУРАТИ ТАҲҚИҚИ МАСЪАЛАИ МАНФИАТҲОИ МИЛЛӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

АШУРОВ АЛИНАЗАР ҲОҶИБОЕВИЧ,
унвонҷӯи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳовaддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, муовини сардори Раёсати таҳлил ва ояндабинии сиёсати хориҷии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 89;
тел.: (+992) 938-03-70-70; e-mail: alinazar.ashurov@mail.ru

Дар мақолаи мазкур ба яке аз масъалаҳои муҳимми илмҳои сиёсӣ – зарурати таҳқиқи масъалаи манфиатҳои миллӣ дар шароити муосир таваҷҷуҳ зоҳир карда шудааст. Муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёти гуногуни илмӣ ва таҳлили равандҳои сиёсии муосир масъалаи гузошташударо таҳқиқ намуда, ба хулосае омадааст, ки омӯзиши масъалаи манфиатҳои миллӣ дар шароити муосир бештар хусусияти илмиву амалиро касб намудаанд. Зеро, манфиатҳои миллӣ яке аз унсурҳои муҳимми давлатдориро ташкил дода, рушд ва бақои давлату миллат ба онҳо алоқамандии бевосита дорад. Ба андешаи муаллиф дар равандҳои мураккаби ҷаҳонӣ ва афзоиши таҳдидҳо дар самти ҳимояи манфиатҳои миллӣ монеаҳо эҷод карда мешаванд. Аз ҳамин лиҳоз, коркард ва пайдо намудани василаҳои нави ҳимояи манфиатҳои миллӣ вазифаи муҳимтарини давлатҳо арзёбӣ карда мешавад.

Калидвожаҳо: *манфиат, манфиатҳои миллӣ, давлати миллӣ, хатару таҳдидҳо, ҷаҳони муосир, ҷаҳонишавӣ, бақодорӣ, истиқлоли сиёсӣ, амнияти миллӣ.*

Дар ҷаҳони муосир, афзоиши як қатор хатару таҳдидҳо ба монанди терроризму ифротгароӣ, бархӯрди тамаддунҳо, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, таассуби динӣ, бегонапарастиву хурофотпарастӣ, бемориҳои сироятӣ ва тағйирёбии иқлим дар раванди таъмини амният ва ҳимояи манфиатҳои миллии давлатҳо монеаҳои гуногун ба вуҷуд оварда истодаанд. Дар баробари ин, кӯшиши таҳмили идеологияҳои мухталиф аз ҷониби давлатҳои абарқудрат болои давлатҳои рӯ ба инкишоф раванди ҳимояи манфиатҳои миллиро барои давлатҳои мустақил мураккаб намуда истодааст. Масъалаи ҳимояи манфиатҳои миллӣ, ки яке аз бахшҳои муҳимми давлатдорӣ ва ҳатто омили бақои давлату миллат арзёбӣ карда мешаванд, дар чунин шароит ба таваҷҷуҳи бештар ниёз доранд. Зеро, манфиатҳои миллӣ талабот ва эҳтиёҷоти шахс, ҷомеа ва давлат аст, ки давлат ҳимояи онҳоро ба зиммаи худ гирифтааст. Ба ибораи дигар

манфиатҳои миллӣ маҷмӯи арзишҳо ва мақсадҳои умумие мебошанд, ки дар натиҷаи ба ҳам мувофиқ намудани талаботҳои шаҳрвандон ташаккул меёбанд. Яъне,, дар меҳвари манфиат - талаботҳои шаҳрванд қарор дорад. Дар навбати худ талабот, як навъ зарурати табиӣ, иҷтимоӣ, равонӣ ва биологии инсон аст, ки барои рушди ҳаёти минбаъдаи ӯ зарур шуморида мешавад. Аз ҳамин лиҳоз, омӯзиш ва таҳқиқи масъалаи "манфиатҳои миллӣ" ва таҳқиқи паҳлӯҳои гуногуни онҳо дар шароити муосир аҳамияти бештари илмиву амалиро касб намудаанд. Дар ин раванд таваҷҷуҳ намудан ба моҳияти манфиатҳои миллӣ ва тарҳрезии роҳу воситаҳои муҳимми ҳимояи онҳо муносибати ҷиддиро тақозо менамояд. Воқеияти собитшуда аст, ки инсоният дар тӯли таърихи мавҷудияти худ ҳамеша аз манфиат бархӯрдор ё тамоми шаклҳои фаъолияти худро бо дарназардошти манфиатҳои муайян ба роҳ мондааст. Дар олами муосир низ давлатҳо дар доираи манфиатҳои миллӣ фаъолиятро ба роҳ монда, муносибати худро бо падидаҳои атроф маҳз дар ҳамин замина ба роҳ мемонанд. Ҳимояи манфиатҳои миллӣ боиси таҳкими суботи сиёсӣ гардида, мавҷудияти давлатро таъмин менамоянд. Манфиатҳои миллӣ бар пояи арзишҳои маънавии халқ асос меёбанд. Ин умумиятро аксари донишмандони илмҳои сиёсӣ ва ҷомеашиносӣ эътироф намудаанд [5].

Агар таърихи гузаштаи ҷомеаи инсониро таҳлил намоем, маълум мегардад, ки манфиатҳо дар шаклгирии муносибатҳо нақши асосӣ бозидаанд. Яъне,, раванди ҳаёти инсониятро бидуни манфиатҳо тасаввур намудан ғайриимкон аст. Дар мавриди қадимӣ будани мафҳуми манфиатҳои миллӣ сиёсатшиноси тоҷик С. Ятимов чунин нуқтаи назар баён намудааст: "Мафҳуми "манфиатҳои миллӣ" аз замонҳои қадим маълум аст. Онро ҳанӯз Фукидид барои ифода кардани муносибатҳои давлатҳои замонаш – Афина ва Спарта истифода кардааст. Таркиби мантиқии ин тафсир дар он аст, ки олими Юнони Қадим барои барқарор кардани муносибатҳои иттифоқӣ мувофиқ омадани манфиатҳои миллиро муҳим медонист"[11, с.15]. Аз ин бармеояд, ки мафҳуми "манфиатҳои миллӣ" таърихи қадима дорад. Дар баробари ин, манфиатҳои миллӣ аз оғози пайдоиши ҷомеаи инсонӣ то асри муосир василаи созиш ва муттаҳидгардии халқиятҳо зери ҳадафҳои умумӣ баромад намудааст. Албатта, дар раванди амалигардонии мақсадҳои умумӣ, ки онро манфиатҳои миллӣ меномиданд, нақши калидиро давлат мебозид. Таҳлили андешаи таърихшиноси бузург Фукидид, ки манфиатҳои миллиро ҳамчун василаи "барқарор кардани муносибатҳои иттифоқӣ" нишон додааст, Яъне, дар ҳамон давра манфиатҳои миллӣ воситаи тавофуқ ва таъмини ваҳдати ҷомеа арзёбӣ карда мешуданд. Чунин андешаро файласуфи машҳур Демкорит низ дошт. Демокрит, ки дар аҳди қадим умр ба сар бурда аст, ба ин назар буд, ки тамоми муносибатҳои инсон дар заминаи манфиатҳо шакл мегиранд ва маҳз манфиатҳо муайянкунандаи робитаҳои байниҳамдигарии инсонҳост. Ӯ давлатро шакли олии ҳифзи манфиатҳо, ниҳоди муҳимми пешбарандаи манфиатҳои умумӣ ва татбиққунандаи талаботҳо медонист.

Мутафаккир ба ақидае буд, ки бояд манфиатҳои давлат аз ҳама боло гузошта шавад [4].

Дар олами муосир низ “манфиат” ҳамчун омили асосии муайянкунандаи муносибатҳо дар ҷомеа ифода карда мешавад. Дилхоҳ давлат дар асоси “манфиатҳои миллӣ” сиёсати дохилӣ ва берунии худро мушаххас менамояд. Албатта, дар раванди ҳимояи манфиатҳои миллӣ барои давлатҳо як қатор хатару таҳдид ва монеаҳое ба вуҷуд меоянд, ки зарурати бартараф сохтани онҳо пеш меояд. Дар ин раванд, яке аз масъалаҳои асосӣ таъмини амнияти миллӣ мебошад. Дар системаи таъмини амнияти миллӣ ҳимояи манфиатҳои миллиро ҷузъи муҳимми системаи амнияти миллӣ эътироф кардани олимон беҳуда нест. Маҳз бо дарки ин, ки манфиатҳои миллӣ аз талаботҳои умумии аксарият ва аққалиятҳои миллӣ сарчашма мегирад, дар ҳамин асос, системаи амнияти миллӣ ташаккул дода мешавад. Яъне,, манфиатҳои миллӣ ҳолатеро ташаккул додаанд, ки давлатҳо атрофи системаи амнияти миллии худ бештар таваҷҷуҳ намоянд. Аз ин ҷост, ки олимон ва мутафаккирон дар марҳилаҳои гуногун ба падидаи манфиатҳо рӯй оварда онро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор додаанд.

Олими машҳури фаронсавӣ Клод Гелветсий ба ақидае буд, ки маҳз манфиат ба сифати қувваи пешбарандаи муносибати инсон бо атроф баромад менамояд. Гелветсий дар асари худ “Дар бораи ақл” оид ба табиат ва тарзи тафаккури одамон андешаронӣ намуда, қайд мекунад, ки инсон бештар ба он чизҳое майл дорад, ки аз онҳо фоида дошта бошад. Яъне,, манфиат барои инсон омили асосии муайян кардани муносибати ӯ бо атроф аст. “Шахси хасис, огоҳона танҳо он китобҳоеро ҷустуҷӯ ва пайдо менамояд, ки ба ӯ роҳи ҳарчи бештар захира кардани пулро нишон медиҳанд”[1, с.35]. Ба назари муҳаққиқ инсон дар ҳама ҳолат ба ғояҳо ва ҳодисаҳои атроф бо назардошти манфиатҳои худ таваҷҷуҳ менамояд. Бояд қайд намуд, ки чунин андешаронӣ намудани олими фаронсавӣ асосҳои таърихиро дорост. Ин, ки талабот ва эҳтиёҷоти одамон боиси шаклгирии манфиатҳо аст ва дар навбати худ онҳоро водор месозад, ки ҷиҳати ҳимояи манфиатҳояшон муттаҳид гарданд, дар илм воқеияти собитшуда аст. Вобаста ба ин, Афлотун дар китоби худ “Давлат” оид ба сабабҳои пайдоиши давлат андеша намуда, талаботҳои одамонро шарти асосии ташкили давлат медонад. Ӯ бар ин назар аст, ки одамон талаботу эҳтиёҷоти гуногун доранд ва барои қонеъ сохтани талабот ва эҳтиёҷот муттаҳид гардида, давлатро ташкил намудаанд [7].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар тӯли таърих инсоният бо такя ба манфиатҳо мақсад ва муносибатҳои мутақобилаи худро роҳандозӣ намудааст. Давлатҳо низ ҳамин гуна аз оғози пайдоши худ дар асоси манфиатҳои мушаххас рушд намуда, манфиатҳои ҷомеаи худро ҳимоя намудаанд. Яъне,, манфиатҳо дар тӯли таърих инсонро ҳамроҳӣ намуда, муносибати онро бо дигарон муайян кардаанд. Маврид ба зикр аст, ки гарчанде мафҳуми манфиатҳо дар доираҳои гуногуни фикрӣ мавриди

баррасӣ қарор мегирифтанд ва назарияпардозони аҳди қадим аз Демокриту Фукидид то Арасту ва олимони асрҳои миёнаву давраи нав атрофи масъалаи манфиатҳои миллӣ андешаронӣ намудаанд, танҳо мафҳуми "манфиатҳои миллӣ" дар нимаи аввали асри XX ба гардиши илмӣ ворид шуд. Бешубҳа, дар ин самт нақши олимони амрикоӣ Р. Нибур ва Ч. Бирд хеле бузург аст. Маҳз бо кушиши онҳо дар соли 1935 мафҳуми "манфиатҳои миллӣ" ба Энсиклопедияи илмҳои иҷтимоии Оксфорд ҳамчун мафҳуми илмӣ ворид шуд ва пажӯҳишҳои илмӣ атрофи он бештар гардиданд [10].

Дар таҳқиқ ва омӯзиши "манфиатҳои миллӣ" нақши олимони ғарбӣ хеле барҷаста аст. Аз ҷумла, олимоне монанди: Г. Моргентау, В. Липпман, Ҷ. Розенау, Ҷ. Кеннан, Э. Фурнисс, К. Валс ва дигарон паҳлуҳои гуногуни масъалаи манфиатҳои миллиро баррасӣ намуда, ба ҷомеа пешкаш кардаанд. Бояд зикр кард, ки масъалаи манфиатҳои миллӣ аз ҷониби муҳаққиқони фаронсавӣ Р. Арон, П. Ренувен, Ж. Б. Дурозел, Р. Дебре мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор гирифта, ба он баҳоӣ воқеӣ дода шудааст.

Сиёсатшиносон бар ин назаранд, ки дар таҳқиқ ва коркарди консепсияи "манфиатҳои миллӣ" олими амрикоӣ Г. Моргентау нақши бештар дорад. Ӯ оид ба манфиатҳои миллӣ ва нақши онҳо дар сиёсати байналхалқӣ андешаронӣ намуда, дар ин раванд, нақши қувваро муҳим мешуморад. Г. Моргентау чунин мешуморад, ки бояд сиёсати хориҷии давлат дар асоси манфиатҳои миллӣ шакл гирад ва он бояд аз ҷониби қувваҳои махсус ҳимоя карда шавад. Ҳамзамон, ӯ манфиатҳоро категорияи обеъкивӣ арзёбӣ намуда, қувваро шарти асосии он медонад. Ба ақидаи Г. Моргентау манфиатҳои миллӣ сиёсатро муайян менамоянд ва онҳо аз замон, вақт, шароит ва ҳолат вобастагӣ надоранд[3]. Умуман, Г. Моргентау мавҷудияти манфиатҳои миллиро амри зарурӣ дониста, такя намудан ва дар чаҳорчуби онҳо ба роҳ мондани муносибатҳоро омили асосии пешрафти давлатҳо донистааст. Воқеиятҳои ҷаҳони муосир ва муборизаҳои геполитикии давлатҳо дар сиёсати ҷаҳон аз он шаҳодат медиҳад, ки бо такя ба манфиатҳои миллӣ татбиқ намудани сиёсати беруии давлатҳо ба ҳукми анъана даромадааст.

Омӯзиши масъалаи манфиатҳои миллӣ дар байни олимони тоҷик низ ба мушоҳида мерасад. Шароити соҳибистиқлолӣ ва ба сифати давлати миллӣ рушд кардани Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолатеро ташаккул дод, ки муҳаққиқони ватанӣ ба омӯзиши масъалаи манфиатҳои миллӣ рӯ оварда, аҳамиятнокии онро барои ҷомеа ва рушди минбаъдаи давлат шарҳ диҳанд. Дар омӯзиши масъалаи мазкур саҳми сиёсатшиносону ҷомеашиносони ватанӣ А.Н. Муҳаммад, Г.Н. Зокиров, С.С. Ятимов, М. Абдулҳақов, Қ. Гиёев, Х.Қ. Сафарализода, Ш.Ш. Ризоиён ва дигарон хеле бузург аст. Муҳаққиқони мазкур дар асарҳо ва таҳқиқотҳои илмии худ масъалаҳои мухталифи манфиатҳои миллиро мавриди таҳлил қарор дода, кӯшиш кардаанд, ки хусусиятҳои муҳимми манфиатҳои миллиро нишон диҳанд.

Масалан, сиёсатшиноси тоҷик А.Н. Муҳаммад манфиатҳои миллиро мавриди омӯзиш қарор дода, онҳоро ба манфиатҳои бақодорӣ, манфиатҳои ҳаётан муҳим ва муҳим ҷудо намудааст. Ба андешаи муҳаққиқ манфиатҳои миллии Тоҷикистон аз манфиатҳои давлат, ҷомеа, шахс шакл гирифтаанд. А.Н. Муҳаммад бар ин назар аст, ки манфиатҳои миллии Тоҷикистонро, пеш аз ҳама, ҳифзи истиқлоли сиёсӣ, таъмини амнияти миллӣ, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва таъмини рушди ҷомеа ташкил медиҳанд. Ба андешаи сиёсатшинос маҳз ҳифз ва таҳкими ҳамин ҳадафҳои олӣ ва арзишҳои бунёдӣ шароит фароҳам меоранд, ки ҳастии давлати миллӣ ҳифз карда шавад [5]. Андешаҳои олимро хулоса намуда, гуфтан мумкин аст, ки манфиатҳои миллӣ дар инкишофи давлат ва таҳкими арзишҳои давлатдорӣ нақши калидӣ доранд.

Ба масъалаи манфиатҳои миллӣ дар тадқиқотҳои сиёсатшиноси тоҷик Г.Н. Зокиров рӯ ба рӯ шудан мумкин аст. Г.Н. Зокиров масъалаи манфиатҳои миллиро мавриди омӯзиш қарор дода, зери мафҳуми мазкур ҳамаи намояндагони халқу миллатҳоеро, ки дар қаламрави давлат зиндагӣ менамоянд, дар назар доштааст. Сиёсатшиноси тоҷик байни мафҳуми “манфиатҳои миллӣ” ва манфиатҳои давлатӣ тафовут намегузорад. Яъне,, ба ақидаи муҳаққиқ зери мафҳуми “манфиатҳои миллӣ” манфиатҳои ҳам аксарият ва ҳам аққалиятҳои миллӣ, манфиатҳои умумӣ ва давлатиро низ бояд фаҳмид. Ба андешаи сиёсатшинос мафҳуми “миллӣ” ва “давлатӣ” дар илмҳои сиёсӣ як маъноро ифода менамоянд. Г. Зокиров дар китоби “Донишномаи сиёсӣ”-и худ масъаларо чунин шарҳ додааст: “дар фаҳми сиёсӣ мафҳумҳои “миллӣ” ва “давлатӣ” ҳаммаъно мебошанд. Зеро, мафҳуми “давлат” фақат аз маҷмӯи институтҳои сиёсӣ ва ҷамъиятӣ иборат набуда, балки тавсифи мушаххасии кишварро низ дар бар мегиранд” [2, с.161].

Бояд қайд намуд, ки дар байни муҳаққиқон оид ба мафҳуми “манфиатҳои миллӣ” ва “манфиатҳои давлатӣ” назарҳои гуногун мавҷуд аст. Қисме аз муҳаққиқон манфиатҳои миллиро фаротар аз манфиатҳои давлатӣ арзёбӣ намудаанд. Ба андешаи онҳо манфиатҳои миллӣ мафҳуми васеътар буда, аз ҷумла манфиатҳои давлатиро дар худ фаро мегирад. Маврид ба зикр аст, ки чунин ақидаҳои мухталиф ба моҳияти аслии масъала халал ворид намесозад. Як нуктаи эътирофшуда аст, ки давлат маҳсули рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ аст ва дар навбати худ ҷомеаро дар атрофи манфиатҳои умумӣ муттаҳид менамояд. Бояд қайд намуд, дар системаи сиёсии ҷаҳон давлат муҳимтарин ниҳодест, ки қобилияти таъмини амният ва ҳимояи манфиатҳои сокинонашро дорад.

Дар доираи илми давлатшиносӣ зери мафҳуми манфиатҳои миллӣ ва мафҳуми амнияти миллӣ тамоми ҷомеа ва бошандагони ҳудуди муайян фаҳмида мешаванд. Яъне,, манфиатҳои миллӣ дар шакли система аз хурдтарин умумият то бузургтарин ниҳоди давлатро таҷассум менамояд. Амнияти миллӣ низ дар шакли система ба таври принсипӣ тамоми соҳа ва сохтору ниҳод ва муассисаҳои дар ҳудуди давлат маскунбударо фаро

мегирад. Чунин ҳолатро дар муносибатҳои конститутсионӣ низ мушоҳида намудан мумкин аст. Дар шароити муосир давлатҳои демократӣ дар Конститутсияҳои худ кафолоти баробарии ҳуқуқу озодиҳои аксарият ва аққалиятҳои миллиро якхела таҷассум намуда, дар амалияи ҷамъиятиашон барои татбиқи он шароит фароҳам меоранд. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар асоси системаи сиёсии демократӣ рушд карда истодааст, масъалаи болозикрро дар сатҳи Конститутсияи худ таҳким бахшидааст. Масалан, дар Конститутсия зикр ёфтани он, ки ҳамаи халқу миллатҳои маскуни кишвар новобаста аз миллат ва эътиқодоти динӣ шаҳрвандони Тоҷикистонро ташкил медиҳанд, далели андешаҳои боло аст. Инчунин, дар сатҳи Конститутсия дарҷ гардидани баробарии тамоми шаҳрвандон қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ифодаи умумӣ будани манфиатҳои миллиро шаҳодат медиҳад.

Масъалаи омӯзиши манфиатҳои миллиро дар таҳқиқоти сиёсатшинос С.С. Ятимов пайдо намудан мумкин аст. Муҳаққиқ дар китоби худ “Идеология ва манфиатҳои миллӣ” оид ба табиати идеология ва манфиатҳо андешаронӣ намуда, яке аз шартҳои мавҷудияти манфиатҳоро идеология арзёбӣ намудааст. Дар навбати дигар, муаллиф чунин мешуморад, ки “дар ҷое ки манфиат ҳаст, он ҷо идеология пайдо мешавад”. Яъне,, сиёсатшинос нақши идеологияро дар раванди дарки манфиатҳо муҳим мешуморад. Ба андешаи С.С. Ятимов манфиатҳои миллӣ талаботи даркшудаи ҷомеа мебошанд [11].

Таҳқиқи масъалаи манфиатҳои миллиро дар пажӯҳишҳои Х.Қ. Сафарализода мушоҳида намудан мумкин аст. Муҳаққиқ бар ин назар аст, ки дар раванди ҳимояи манфиатҳои миллии давлатҳо таҳдиду хатарҳо монеа эҷод менамоянд ва давлатҳо барои безарар гардонидани оқибатҳои манфии онҳо системаи таъмини амнияти миллиро ба вуҷуд овардаанд. Муҳаққиқ шинохти таҳдидҳо ва бартараф сохтани онҳоро яке аз василаҳои муҳимми таъмини амният ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ медонад. Х.Қ. Сафарализода доштани донишҳои амниятӣ ва тафаккури таҳлиливу танқидиро дар ҷомеаи муосир, ки рӯз ба рӯз хатару таҳдидҳо афзоиш ёфта, монеаи раванди таъмини амнияти давлат ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ гардида истодаанд ҳатмӣ мешуморад. Сиёсатшинос таъкид менамояд: “Дар шароити кунунӣ, ки раванди тавсеаи ҷангҳои иттилоотию психологӣ ба мушоҳида мерасад, барои шаҳрвандони кишвар ва махсусан, ҷавонону насли миёнасол донишҳои амниятӣ ва шинохти таҳдидҳо хеле зарур аст. Зеро, онҳо агар тафаккури танқидию таҳлилӣ надошта бошанд, дӯст ва душман, фоида ва зарарро аз ҳам фарқ карда натавонанд, дар зери таъсири ҳуҷумҳои иттилоотӣ ба осонӣ ба доми тундгароён ва тахрибкорон меафтанд. Чунин ҳолат таҳдиди воқеӣ ба суботи сиёсии ҷомеа мебошад”[9]. Сафарализода Х.Қ. муътақид аст, ки тарзи ҳаёти шахс, ҷомеа ва давлат ҳамчун объекти амнияти миллӣ ифодагари манфиатҳои умумӣ мебошанд, ки онҳо дар маҷмӯъ, манфиатҳои миллиро ташаккул медиҳанд. Манфиатҳои шахс, ҷомеа ва

давлат ҳар қадаре ки бо ҳам мувофиқ бошанд, ҳамон қадар муносибатҳои мутақобилаи ҷомеа ва давлат беҳтар гардида, рушди бомарому устувори онҳо таъмин мегардад. Чунин ҳолатро дар соҳаи амниятшиносӣ «гармонизатсияи» манфиатҳои миллӣ меноманд, ки маъноаш бо ҳамдигар мувофиқат намудан ва бо ҳамдигар мухолифат надоштани манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат мебошад [6, с.55-56].

Дар доираи илми сиёсии ватанӣ сиёсатшиноси дигаре, ки ба таҳқиқи масъалаи манфиатҳои миллӣ машғул гардидааст, Ш.Ш. Ризоён мебошад. Ӯ манфиатҳои миллии Тоҷикистонро мавриди таҳлил қарор дода, ба хулоса расидааст, ки таркиби манфиатҳои миллии Тоҷикистонро панҷ унсури асосӣ: таъмини амнияти миллӣ, Истиқлолияти сиёсӣ, тамомияти арзӣ, таҳкими давлати дунявӣ ва рушди устувори ҷомеа ташкил медиҳанд. Ба андешаи муҳаққиқ муносибатҳои мутақобилаи Тоҷикистон бо давлатҳо ва созмонҳои байналмилалӣ маҳз дар асоси ҳамин панҷ арзиши асосӣ ба роҳ монда шудааст [8]. Муҳаққиқ ҳифз ва таҳкими панҷ унсури зикргардидаро муҳим шуморида, рушд ва бақои давлати миллиро ба онҳо вобаста медонад. Дар воқеъ, чунин дидгоҳ ва баррасии масъала воқеӣ ва мантиқӣ аст. Агар ба раванди рушди давлатҳо таваҷҷуҳ намоем, мушоҳида мегардад, ки ҳамаи дастовардҳо дар заминаи мавҷудияти истиқлоли сиёсӣ ва таъмини амнияти миллӣ ба даст меоянд.

Умуман, дар доираи илмҳои сиёсӣ атрофи мафҳуми “манфиатҳои миллӣ” дидгоҳҳои гуногун вуҷуд дорад. Аз таҳлили мазкур маълум мегардад, ки оид ба масъалаи “манфиатҳо” аз замони қадим то ҷомеаи имрӯз муҳаққиқон назару андешаҳои худро баён намудаанд. Яъне,, раванди ташаккули “манфиатҳои миллӣ” дар илм марҳилаи дарози таърихиро фаро гирифтааст. Маҳз дар заминаи ташаккули батадриҷи худ имрӯз манфиатҳои миллӣ дар илмҳои сиёсӣ яке аз мафҳумҳои муҳим ва бисёристеъмолу бисёрпаҳлӯ шудааст. Атрофи мафҳуми “манфиатҳои миллӣ” дар илм таърифҳои гуногун баён гардидаанд. Ба назари мо мавҷуд набудани як таърифи ягона дар нисбати мафҳуми “манфиатҳои миллӣ” аз як тараф аз мавқеи муҳаққиқон вобаста буда, аз тарафи дигар ба воқеияти гуногуни ҷамъиятӣ вобастагӣ дорад. Агарчӣ, пажӯҳишгарон мафҳуми “манфиатҳои миллӣ”- ро гуногун таъриф додаанд, вале моҳиятан ҳамаи онҳо маҷмӯи арзишҳо ва талаботҳои мувофиқашудаи умумиро баён доштаанд. Бояд зикр кард, ки новобаста аз он, ки миёни олимон андешаҳои мухталиф дар масъалаи манфиатҳои миллӣ ҷой дорад, дар маҷмуъ консепсияи манфиатҳои миллӣ дар илм як консепсияи мушаххас аст.

Ҳамин тавр, манфиатҳои миллӣ маҷмӯи талабот, эҳтиёҷот, заруратҳои маънавӣ ва моддии тамоми халқу миллатҳои дар ҳудуди муайян аст. Ба иборaи дигар манфиатҳои миллӣ талаботҳои мувофиқашудаи шахс, ҷомеа ва давлат мебошанд, ки давлат ҳимояи онҳоро бар зиммаи худ гирифтааст. Манфиатҳои миллӣ падидаи шахшуда набуда, онҳо марҳила ба марҳила таҳким, такмил, дигаргун мегарданд. Ҳатто, манфиатҳои миллӣ, агар раванди ҳимояро бархӯрдор набошанд, зери хатару таҳдидҳои ҷаҳонӣ ба

вартаи нобудӣ мерасанд. Аз ҳамин хотир, раванди ҳимояи манфиатҳои миллӣ занҷираи давомдореро мемонад.

Агар моҳияти андешаҳои мутафаккирон ва олимонро хулоса намуда, бо равандҳои ҷаҳонӣ қиёс намоем, маълум мегардад, ки манфиатҳои миллӣ дар замони муосир ба омӯзиш ва таҳқиқ ниёзи бештар доранд. Махсусан, дар шароити имрӯза, ки дар ҷаҳон ҳамарӯза равандҳои гуногун ба вуҷуд меоянд ва ба давлатҳо хатару таҳдид эҷод менамоянд, муҳаққиқонро зарурат пеш меояд, ки манфиатҳои миллии давлати худро мавриди пажӯҳиш қарор дода, воситаҳои муҳимми ҳимояи онҳоро пешниҳод намоянд. Дар чунин ҳолат давлати миллӣ метавонад, ки манфиатҳои миллиро дар сатҳи зарурӣ ҳимоя намуда, ба рушди устувор дастёб гардида, ҳастии худро ҳифз намояд.

Тавре дар аввал ҳам таъкид гардид, дар шароити муосир хатару таҳдидҳо рӯз то рӯз дар ҳоли афзоиш буда, раванди ҳимояи манфиатҳои миллиро душвор намуда истодаанд. Афзоиши хатари терроризму ифротгароӣ, бархӯрди тамаддунҳо, равандҳои канораи ҷаҳонишавӣ, таҳдидҳо ва ҷангҳои иттилоотӣ, манфиатҳои геополитикӣ ва ғайра аз қабили хатарҳои муосиранд, ки зарурати муқовимат бо онҳо барои ҳар як давлати миллӣ ҳатмӣ аст. Дигар ин, ки дар саҳнаи сиёсати ҷаҳонӣ давлатҳо манфиатҳои нави геополитикии худро ҷустуҷӯ доранд, ки дар натиҷа, фазои геполитикӣ барои давлатҳои дигар маҳдуд мегардад. Дар чунин ҳолат танҳо ҳамон давлатҳое метавонанд муқовимат нишон диҳанд, ки манфиатҳои миллии худро дарк карда бошанд. Маҳз ҳамин ҷиҳати масъала зарурати таҳқиқи манфиатҳои миллиро пеш меорад.

Бояд қайд намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир ҳамчун давлати миллӣ рушд дошта, соҳиби истиқлоли сиёсии таҳкимёфта аст. Тоҷикистон дорои манфиатҳои миллии худ буда, пайваста барои ҳимояи онҳо системаи мушаххасро ташаккул додааст. Маврид ба зикр аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон наметавонад аз таъсири манфии ҳар як хатару таҳдиде, ки дар ҷаҳон ба вуҷуд меояд, дар канор бошад. Хатару таҳдидҳои нав тақозо менамоянд, ки василаҳои нави таъмини амнияти миллӣ ташаккул дода шаванд. Албатта, дар натиҷаи таъмини амнияти миллӣ метавон манфиатҳои миллиро ҳимоя намуд. Ин нукта низ аз рӯзмарра ва пайваста мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор додани манфиатҳои миллӣ шаҳодат медиҳад.

АДАБИЁТ

1. Гельвеций К.А. Об уме. –М., 1938. – 396 с.
2. Зокиров Г.Н. Донишномаи сиёсӣ. Ҷилди 2. – Душанбе: Андалеб – Р, 2015. –536 –С.
3. Зокиров Г.Н., Абдулҳақов М.М. Манфиатҳои миллӣ – омили меҳварии рушди давлатдорӣ. –Душанбе, 2008. – 172 –С.
4. Материалисты Древней Греции. – М., 1955. – 240 с.

5. Махмадов А.Н., Асадуллаев И.К. Национальный интерес Таджикистана (методологическое руководство). – Душанбе: Авесто, 2009. – 92 с. EDN: VCIGOX

6. Муҳаммад А.Н., Сафарализода Х.Қ. Амнияти миллӣ. Воситаи таълимӣ. – Душанбе: Империал-групп, –2018. – 224 С. EDN: LCKFJJ

7. Платон. Государство. – М.: АСТ, 2016. –448 с.

8. Ризоён Ш.Ш. Национальные интересы во внешней политике Республики Таджикистан: Монография. – Душанбе: Дониш, – 2020. – 320 с. EDN: UNTTBC

9. Сафарализода Х.К. Проблемы осознания и восприятия угроз в современном обществе // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2021. – № 3-2. – С. 240-249. EDN: UPPACJ

10. Трухачёв В.В. Национальные интересы: теоретический дискурс проблемы // Вестник РУДН, серия Политология. – М. – 2010. – № 1. – С.53-65.

11. Ятимов С.С. Асарҳо. Ҷилди 7. Идеология ва манфиатҳои миллӣ. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, – 2019. – 336 С.

НЕОБХОДИМОСТЬ ИЗУЧЕНИЯ НАЦИОНАЛЬНЫХ ИНТЕРЕСОВ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

АШУРОВ АЛИНАЗАР ХОДЖИБОЕВИЧ,
соискатель Института философии, политологии и права им. А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана, заместитель начальника Управления анализа и прогнозирования внешней политики Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 89;
тел.: (+992) 938-03-70-70; e-mail: alinazar.ashurov@mail.ru

В данной статье особое внимание уделяется одному из важнейших вопросов политической науки - необходимости изучения вопроса о национальных интересов в современных условиях. На основе изучения различной научной литературы и анализа современных политических процессов автор исследовал проблему и пришел к выводу, что изучение национальных интересов в современных условиях приобрело более научный и практический характер. Потому что национальные интересы являются одним из важнейших элементов государственности, и с ними напрямую связаны развитие и выживание государства и нации. По мнению автора, сложные глобальные процессы создают препятствия в деле защиты национальных интересов. В связи с этим разработка и поиск новых средств защиты национальных интересов является важнейшей задачей государств.

Ключевые слова: *интересы, национальные интересы, национальное государство, угрозы и вызовы, современный мир, глобализация, выживание, политическая независимость, национальная безопасность.*

THE NEED OF STUDING NATIONAL INTERESTS IN MODERN CONDITIONS

ASHUROV ALINAZAR HOJIBOEVICH,
Applicant of the Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bahovaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan,
Deputy Head of the Department for analysis and forecasting of foreign policy of the Center for Strategic Studies under the President of the Republic of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 89;
tell.: (+992) 938-03-70-70; e-mail: alinazar.ashurov@mail.ru

In this article, the author pays special attention to one of the most important issues of political science - the need of study the issue of national interests in modern conditions. Based on the study of various scientific literature and the analysis of modern political processes, the author investigated the problem and came to the conclusion that the study of national interests in modern conditions has become more scientific and practical. Because national interests are one of the most important elements of statehood, development and survival of the state and nation are directly related to them. According to the author, in complex global processes and growing threats, obstacles are created in the protection of national interests. In this regard, the development and research for new means of protecting national interests is the most important task of states.

Keywords: *interests, national interests, nation state, threats and challenges, modern world, globalization, survival, political independence, national security.*

УДК: 308 (575) +308 (44)

ҲАМКОРИҲОИ ГУМАНИТАРИИ ФАРОНСА БО ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ: ВАЗЪИЯТ ВА ДУРНАМО

АШӮРОВ АРДАМЕҲР МУРОДҚУЛОВИЧ,
номзади илмҳои таърих, ходими пешбари илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33;
тел: (+992) 917-34-02-94; e-mail: ardamehr.ashurov@mail.ru

Мақола ба омӯзиш ва таҳқиқи вазъият ва дурнамои ҳамкориҳои гуманитарии давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Фаронса бахшида шудааст. Дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ ҳамкориҳо дар самти илм, маориф ва фарҳанг миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Фаронса рушд ёфтанд. Дар самти сиёсати хориҷии худ нисбат ба минтақаи Осиёи Марказӣ, Фаронса ҷонибдори вусъат бахшидани ҳамкориҳои мутақобилона судманд аст, ки дар ин миён ҳамкориҳои гуманитарӣ мавқеи калидӣ доранд. Дар мақола марҳалаҳои рушд ва таҳкимёбии ҳамкориҳои гуманитарӣ аз нигоҳи таҳлилӣ байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Фаронса нишон дода шуда, дурнамои рушди он пешбинӣ гардидааст.

Калидвожаҳо: *Осиёи Марказӣ, Фаронса, дипломатия, ҳамкориҳо, илм, фарҳанг, маориф, манфиатҳо.*

Пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ, кишварҳои аврупоӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Фаронса ҳанӯз дар аввали соли 1992 мақоми соҳибистиқлолии давлатҳои нави минтақаи Осиёи Марказиро ба расмият шинохт. Ин оғози марҳилае буд, ки асосҳои робитаҳои сиёсию дипломатии Фаронса ва кишварҳои Осиёи Марказӣ гузошта шуд.

Дар давраи ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ҳамкорӣ бо кишварҳои аврупоӣ, аз ҷумла Фаронса яке аз самтҳои асосии сиёсати хориҷии кишварҳои Осиёи Марказӣ гардид. Ҷойи дигар, Фаронса шабеҳи пулест, ки кишварҳои Осиёи Марказиро бо Иттиҳоди Аврупо мепайвандад.

Фаронса низ дар доираи сиёсати хориҷиаш барои таҳким ва рушди муносибатҳо бо давлатҳои Осиёи Марказӣ манфиатдор аст ва нисбат ба ин минтақа таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд. Зеро, манфиатҳои сиёсати Фаронса дар Осиёи Марказӣ, пеш аз ҳама, ба соҳаҳои фарҳанг, илм, маориф, иқтисодиёт ва сайёҳӣ равона гардидаанд.

Мавриди ба зикр аст, ки солҳои 90-уми асри гузашта заминаҳои асосии стратегияи Фаронса, нисбат ба кишварҳои Осиёи Марказӣ гузошта шуд [11]. Дар ин давра, давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Фаронса самтҳои асосии ҳамкориҳоро дар доираи фаъолияти минбаъдаи ҳамкориҳои муштарак

муайян карданд. Аз ин рӯ, равобити мутақобила дар соҳаи илм – маориф яке аз самтҳои афзалиятноки ҳамкории кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Фаронса ба ҳисоб меравад.

Агар ҳамкориҳои гуманитарии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Фаронсаро аз нигоҳи таҳлили муқоисавӣ мавриди таҳқиқ қарор диҳем, ба натиҷае расидан мумкин аст, ки вусъати бештари ин ҳамкориҳо дар минтақа бо Ҷумҳурии Қазоқистон бештар аст. Зеро, Қазоқистон ягона кишвари Осиёи Марказӣ аст, ки бо Фаронса шарики стратегӣ дорад. Ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Туркменистон ҳамчун шарикони асосии самти аврупоӣ бо Фаронса дар самти маорифу илм як қатор кӯшишҳои заруриро дар доираи ҳамкориҳои муштарак ба харҷ медиҳанд, ки ин ҳамкориҳо дар доираи марказҳои илмӣ ва фарҳангии Фаронса дар ин кишварҳо бештар амалӣ гардонида мешавад.

Ба назари мо, дар самти ҳамкориҳои гуманитарӣ масъалаи муҳим барои давлатҳои Осиёи Марказӣ нигоҳ доштани муносибатҳои қавии мутақобилан судманд ва ҳамкории самараноки фарҳангӣ бо Фаронса ба ҳисоб меравад. Аз дигар ҷиҳат, мубодилаи гуманитарӣ ба васеъ шудани уфуқҳои ҳамкориҳои ду давлат мусоидат карда, метавонад барои шиносоӣ бо фаъолияти эҷодии мутахассисон кӯмак расонад ва имкон медиҳад, ки бо муассисаҳои таълимӣ ва илмии хориҷӣ робита барқарор кунанд.

Масалан, Фаронса ва Туркманистон дар соҳаҳои илм ва маориф, соҳаи мероси таърихӣ ва фарҳанги бостоншиносӣ фаъолона ҳамкорӣ мекунанд. Бозёфтҳои бостоншиносӣ дар Туркманистон, ки дар қаламрави ҳафриётҳои илмӣ пайдо шудаанд, аз назари илм ва нуқтаи назари таърихӣ арзишманданд, ки заминаи муҳимми омӯхтани давраҳои пеш аз таърихи мероси ҷаҳонӣ таҷассум менамоянд.

Маврид ба зикр аст, ки давлатҳои Осиёи Марказӣ бо Фаронса таҳкими ҳамкориҳои муштараки гуманитариро дар самтҳои зерин афзалиятнок меҳисобанд:

- ҳамкорӣ байни донишгоҳҳо ва муассисаҳои таълимӣ;
- омӯзиши забони фаронсавӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ;
- ҳамкорӣ ҷиҳати таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи забоншиносӣ, омода кардани китобҳои дарсӣ барои омӯзиши забонҳо, китобҳои дарсӣ оид ба грамматика, адабиёти методӣ барои тарҷумаҳои шифоҳӣ ва хаттӣ.
- таҳкими робитаҳои фарҳангӣ ва ғайра [5, с. 81-84].

Дар асоси ҳамкориҳои Фаронса ва кишварҳои Осиёи Марказӣ дар самтҳои илму маориф бояд қайд кард, ки ин робитаҳо дар сатҳи минтақавӣ дар шакли дуҷониба сурат мегиранд. Барномаҳои Иттиҳоди Аврупо, ба монанди “Эразмус Мундус” ва “Темпус”, ки ба густариши ҳаракати академии донишҷӯён ва олимони ду кишвар дар доираи ин барномаҳо равона шудаанд, мақоми хоссаи минтақавӣ доранд [8]. Барномаи “Ташаббуси Аврупо” дар соҳаи маориф дар минтақа ба стратегияи ҳамкории Фаронса ва кишварҳои Осиёи Марказӣ дар заминаи ҳамкориҳои мутақобилан судманд роҳандозӣ гардидааст. Дар соҳаҳои илм ва таълим, як

қатор лоиҳаҳои муштарак амалӣ карда мешаванд, ки дар таҳияи онҳо ҷомеаи илмӣ, омӯзгорон ва донишҷӯёни ҳам Фаронса ва ҳам кишварҳои Осиёи Марказӣ ширкат доранд. Масалан, омили намоёни ҳамгироӣ байни олимони Осиёи Марказӣ ва Фаронса аз соли 2002 инҷониб, Институти Фаронса оид ба таҳқиқоти Осиёи Марказӣ (IFEAC) мебошад [9]. Тадқиқоти илмӣ дар доираи барномаҳои IFEAC ба рушд дар соҳаи илмҳои ҷамъиятӣ - бостоншиносӣ, таърихӣ, инчунин, дар соҳаи забоншиносӣ, адабиёт ва этнологияи ин кишварҳо равона карда шудааст.

Аз соли 2001 инҷониб, равобити Тоҷикистон ва Фаронса махсусан дар соҳаи фарҳанг густариш меёбад. Намунаи барҷастаи ҳамкориҳои фарҳангӣ таъсиси маркази фарҳангии “Бохтар” дар таърихи 14-уми октябри соли 2001 дар шаҳри Душанбе буд [8].

Маркази фарҳангии “Бохтар” бо ташаббуси Агентии Фаронса оид ба ҳамкориҳои техникӣ ва рушд “ACTED” таъсис дода шудааст. Дар натиҷа, ин марказ барои зиёёни эҷодкори Тоҷикистон хеле ҷолиб гардид. Дар он намоишгоҳҳои муназзами бадеӣ, консертҳо, баромадҳои сарояндагони опера, муаррифии гуногун баргузор мешаванд.

Равобити фарҳангии Қазоқистон ва Фаронса самтҳои гуногунҷабҳа буда, соҳаҳои маориф, илм, фарҳанг ва санъат фаро гирифтаанд.

Моҳи январи соли 2017 дар пойтахти Фаронса шаҳри Париж маркази фарҳангии Қазоқистон бо унвони “Коркыт” ифтитоҳ ёфт, ки дар доираи он дарсҳои забони қазоқӣ, омӯзиши навохтани асбобҳои халқии қазоқ ва фортепиано амалӣ гардонида мешаванд.

Иттифоқҳои Фаронсавии Алмаато, Остона, Чимкент, Маркази Фаронсавии Караганда, Китобхонаи Оскемен Пушкин ва Маркази фарҳангии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Кустанай дар ҳамкорӣ бо Ассотсиатсияи муаллимони Фаронсавӣ дар Қазоқистон, Институти Сорбонн - Қазоқистон ва Мактаби байналмилалии Шарль де Голль бисёр озмунҳо ва чорабиниҳои фарҳангиро низ баргузор менамоянд. [7, с. 102-107].

Фаронса ҳамкориҳои фарҳангиро бо Қирғизистон ба таври фаъол вусъат мебахшад. Дар доираи ҳамкориҳои фарҳангии ду кишвар, 22 январи соли 2009 дар шаҳри Бишкек Маркази фарҳангии Олмону Фаронса ифтитоҳ ёфт, ки ин марказ минбаъд барои рушди робитаои гуманитарии ҷонибҳо заминаи мусоид фароҳам овард [4].

Барои Фаронса робитаҳои фарҳангӣ асосан самти муҳимми сиёсати хориҷӣ дониста мешавад. Дар Туркманистон ин самт дар доираи афзалиятҳои сиёсати хориҷии худ ҷойгоҳи зарурироро ишғол мекунад. Қарор дар бораи бунёди намояндагии Фаронса дар Туркманистон ҳангоми сафари собиқ Президенти Фаронса Франсуа Миттеран ба шаҳри Ашқобод дар моҳи апрели соли 1994 қабул карда шуд [11]. Пас аз он, дар шаҳри Ашқобод маркази фарҳангии Фаронса бо номи Маркази фарҳангии “Жюл Верн” ифтитоҳ ёфт, ки он дар доираи Созишномаи байниҳукуматӣ моҳи июли соли 2015 ба имзо расидааст.

Ҳамин тавр, гуфта метавонем, ки ҳамкориҳои Тоҷикистону Фаронса дар соҳаи илм ва фарҳанг тадриҷан рушд ёфта истодаанд. Ҳамкории илмӣ миёни ду кишвар ҳамчун абзори иловагии наздик намудани мардумони ин кшварҳо, дар қатори ҳамкориҳои сиёсӣ, тиҷоратию иқтисодӣ ва фарҳангию адабӣ ҷайи махсусро ишғол менамоянд. Чунки, агар ташаккулёбии робитаҳои илмӣ бомуваффақият паси сар карда шаванд, ба олимони ду кишвар зарур аст, ки сатҳи бадастомадаи ҳамкорӣ ва натиҷаҳои онро бо лоиҳаҳо, тавофуқҳо ва ибтикороти нав дар самтҳои гуногуни робитаҳои илмӣ тақвият диҳанд.

Доир ба ҳамкориҳо дар самти маориф низ Фаронса бо давлатҳои Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳи бештар равона месозад. Агар мо дар муқоиса ин ҳамкориҳоро миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Фаронса таҳлил намоем, ҳамкории бештар бо Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ӯзбекистон ба роҳ монда шудааст. Масалан, моҳи марти соли 2013 дар шаҳри Алмаато Созишнома доир ба ташкил намудани Донишгоҳи Сорбон-Қазоқистон дар асоси донишгоҳи давлатии омӯзгории Қазоқистон ба номи Абай Кунанбаев ба имзо расид, ки аз моҳи декабри соли 2014 инҷониб донишгоҳи мазкур фаъолият менамояд [6].

Дар Ӯзбекистон бошад, чандин донишкадаву донишгоҳҳои машҳури Фаронса, ба монанди Париж Сюд, Париж-1 Пантеон-Сорбон, Париж 4 Донишгоҳи Ницца София Антиполис, донишгоҳи Бретан-сюд, Институти пажӯҳиши масоили сиёсии шаҳри Тулуз, мактаби олии меъмории шаҳри Версал ва ғайра дар асоси созишнома ҳамкорӣ доранд.

Маврид ба зикр аст, ки роҳандозии созишномаҳо дар самти маориф низ миёни Тоҷикистон ва Фаронса ба манфиати тарафайн буда, барои рушди минбаъдаи ҳамкориҳои дуҷониба мусоидат менамояд. Дигар ин ки ҷонибҳо метавонанд, аз таҷрибаи ҳамдигар дар соҳаи тайёр намудани мутахасисони баландихтисос ва дигар ҷиҳатҳои таълимӣ-методӣ истифода намоянд.

Дурнамои ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Фаронса дар соҳаҳои гуногуни сиёсӣ, иқтисодӣ, аз ҷумла гуманитарӣ вусъатёбанда буда, фарогири манфиатҳои ҳар ду кишваранд. Дар доираи сиёсати хориҷии ҷонибҳо ҳамоиши ташаббусҳои роҳбарони ду кишвар самтҳои зеринро метавонад тақвият диҳад:

- ба роҳ мондани ҳамкориҳои муштарак дар намуди коммисияи байниҳукуматӣ доир ба масоили ҳамкорӣ дар самтҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва илмӣ-техникӣ.

- тақвияти ҳамкориҳо дар самти илм ва маориф;

- сафарҳои таҷрибаомӯзи барои олимон, омӯзгорон ва донишҷӯён;

Ҳамчунин, дар таҳкими дигар соҳаҳо низ мутахассисони соҳибихисоси ҳар ду ҷониб барои омӯзонидани таҷрибаи соҳавияшон метавонанд даъват карда шаванд.

Ба назари мо, барои рушди ҳамкориҳои мутақобилаи судманд миёни Тоҷикистон ва Фаронса дар соҳаҳои гуногуни афзалиятнок ва аз ҷумла соҳаҳои гуманитарӣ татбиқи амалҳои зерин ба мавриди дониста мешавад:

- гурӯҳҳои дӯстии байнипарлумонӣ ба ташаккули робитаҳои судманд миёни вакилони тоҷику фаронсавӣ, инчунин, миёни иштирокдорони ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷамъиятҳои ду давлат;

- дар доираи ҳамкориҳои муштараки ду ҷонибаи судманд дар бахши такмили тахасуссӣ оид ба коркардҳо, тадқиқотҳо ва таҳлилҳои илмӣ гузаронидани курсҳои омӯзишӣ, семинарҳо дар самтҳои гуногун барои кормандони илмии Тоҷикистон ва Фаронса;

- барои омӯзиши услуб ва назари илмии донишмандони Фаронсавӣ дар самти омӯзиши масоили кишварҳо, ташкили курсҳои кутоҳмуддат дар заминаи Донишгоҳҳо, марказҳои илмӣ-пажӯҳишии Фаронса ва мубодилаи таҷрибаи илмӣ бо ходимони илмии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

Ҳамин тариқ, дар дарозои таърихи башар фарҳанг ҳамеша унсури асосии ба ҳам наздикшавии халқу миллатҳои мухталиф буд. Ба ин хотир, сарфи назар аз масофаи ҷуғрофӣ, халқҳои Осиёи Марказӣ ва Фаронса муколамаи бойи фарҳангиро барқарор намуданд, ки ин падида фазои дӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмиро боз ҳам мустаҳкамтар менамояд ва барои рушди минбаъдаи ҳамкориҳои судманди гуманитарӣ миёни ҷонибҳо шароити мусоид фароҳам меорад. Ҷойи дигар метавон қайд кард, ки ҳамкориҳо бо Ҷумҳурии Фаронса, ҳамчунин аз он ҷиҳат муҳиманд, ки ин кишвар дар миёни кишварҳои аврупоӣ яке аз мавқеъҳои калидиро дорост ва метавонад эҳтимолан яке аз сармоягузорони бузургтарин ба иқтисодиёти давлатҳои Осиёи Марказӣ гардад. Зеро,, тақвияти ҳамкориҳои иқтисодӣ барои рушди соҳаҳои гуманитарӣ, аз ҷумла самти илм – маориф ва фарҳанг мусоидат менамояд.

АДАБИЁТ

1. Dani, A.H. UNESCO History of Civilizations of Central Asia / A.H. Dani, V.M. Massoneds. -Paris, UNESCO, 1992. –154 p.

2. Debize (Lt.col.) Étude sur lAsie Centrale // Bulletin de la Société de Géographie de Lyon. -1877. -Vol.2; -1879. -Vol.3. -P.1-32.

3. Laruelle Marlène, Peyrouse Sébastien, L’Asie centrale à l’aune de la mondialisation. -Paris: Armand Colin, 2010. -240 p.

4. В Бишкеке открылся Германо-французский центр - [Электронный ресурс] / URL:.https://blog › v-bishkeke-otkrylsya-germano-francuzskij-centr.

5. Далимов, Р.Т. ЕС и Центральная Азия: перспективы сотрудничества / Р.Т. Далимов // Мировая экономика и международные отношения. -2007. -№11. -С.81-84.

6. Казахстанско-французские отношения на современном этапе [Электронный ресурс] / URL: https://articlekz.com› тоже http://www.3zvalve.ru/almanah/-vyp_8/001_slovo.html.

7. Куанышев, Д. О. Гуманитарное казахстанско-французское сотрудничество / Д.О. Куанышев // Материалы Международной научно-практической конференции «Архив и общество: взаимодействие в сохранении культурного наследия». – Алматы, 2009. -С.102-107.

8. Культурный Центр «Бактрия» // Информационный сайт «Dushanbe.ru – справочник города Душанбе» / URL: http://vdushanbe.ru/catalog/ education/kulturnyj-centr-baktriya.

9. Отчёты Института истории, археологии и этнографии им. А. Дониша АН Республики Таджикистан. За 2016 г. Протокол №2.

10. Текущий архив Министерства культуры Республики Таджикистан. Отдел международных связей. Папка Франция. Отчёт за 1992 -2016 гг. -Л.5.

11. Тимофеев, П.П. Политика Франции на постсоветском пространстве – тема .. / URL –https://. https://cyberleninka.ru › politika-frantsii-na-postsovetskom-prostranstve.

12. Шарифзода Ф.А. Таджикистан – Франция: узы дружбы и сотрудничества / Ф.А. Шарифзода. – Душанбе, «ЭР-граф», 2018. - 260с. -С. 196.

ГУМАНИТАРНОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО ФРАНЦИИ СО СРАНАМИ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ: СОСТОЯНИЕ И ПЕРСПЕКТИВЫ

АШУРОВ АРДАМЕХР МУРОДКУЛОВИЧ,
кандидат исторических наук., ведущий научный сотрудник Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальной Академии наук Таджикистана
734025, Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 33;
тел: (+992) 917-34-02-94; e-mail: ardamehr.ashurov@mail.ru

Статья посвящена изучению состояния и перспективам гуманитарного сотрудничества между Центральной Азией и Францией. За годы государственной независимости получило развитие сотрудничество в области образования, науки и культуры между странами Средней Азии и Францией. Что касается внешней политики в отношении региона Центральной Азии, Франция привержена расширению взаимовыгодного сотрудничества со всеми странами региона, в том числе гуманитарного сотрудничества. В статье анализируются этапы развития и укрепления гуманитарного сотрудничества между странами Центральной Азии и Францией, а также рассматриваются перспективы его развития.

Ключевые слова: *Центральная Азия, Франция, дипломатия, сотрудничество, наука, культура, образование, интересы.*

HUMANITARIAN COOPERATION OF CENTRAL ASIA AND FRANCE: STATE AND PROSPECTS

ASHUROV ARDAMEHR MURODKULOVICH,
candidate of historical Sciences, leading researcher Institute of studying of the Issues of Asian and European Countries National Academy of Sciences of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Ave. 33;
tel: (+992) 917-34-02-94; e-mail: ardamehr.ashurov@mail.ru

The article is devoted to the study of the state and prospects of humanitarian cooperation between Central Asia and France. During the years of state independence, cooperation in the field of education, science and culture between the countries of Central Asia and France has developed. With regard to foreign policy towards the Central Asian region, France is committed to expanding mutually beneficial cooperation with all countries in the region, including humanitarian cooperation. The article analyzes the stages of development and strengthening of humanitarian cooperation between the countries of Central Asia and France, and also considers the prospects for its development.

Keywords: *Central Asia, France, diplomacy, cooperation, science, culture, education, interests.*

УДК: 327

ТАЪМИНИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ ЗАМИНА БАРОИ ҲАМГИРОИИ КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

ЮСУПОВ ҒАЙРАТ МАЪРУФҶОНОВИЧ,
аспиранти Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ, омӯзгори кафедраи умумидонишгоҳии сиёсатшиносии МДТ «ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров»,
тел: (+992) 929-16-16-40; e-mail: gairati.m@mail.ru

Дар мақолаи мазкур муаллиф ҷанбаҳои гуногуни масъалаи мубрам - ҳамгироии кишварҳои Осиёи Марказиро зери омӯзиш ва таҳлил қарор додааст. Ба андешаи муаллиф, маҳз бо муттаҳидӣ ва якҷояшавии кишварҳои Осиёи Марказӣ онҳо метавонанд бо ҳама зуҳуроти замони муосир, аз ҷумла терроризм, экстремизм, қочоқи маводи мухаддир ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ истодагарӣ кунанд. Бо назардошти адабиёту сарчашмаҳои гуногуни сиёсиву илмӣ, муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки масъалаи ҳамгироии кишварҳои Осиёи Марказиро пурра ва саҳеҳ ба хонанда пешниҳод кунад ва воқеӣ будани онро нишон диҳад. Аз ҷумла, муаллиф қайд мекунад, ки ҳамгироӣ ва муттаҳидшавии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар роҳи таъмини амният ва муборизa бар зидди ҳамагуна хатарҳои ҳозиразамон ин ягона роҳе аст, ки дар ояндаи наздик бояд ба инобат гирифта шавад ва танҳо дар сурати амалишавии ин ҳамгироӣ, метавон оид ба ояндаи дурахшони ин кишварҳо, амният ва сулҳу субот дар минтақа сухан гуфт. Муаллиф дар натиҷаи омӯзишу таҳлили масъалаи мазкур аз ҷониби худ як қатор тавсияҳо ва пешниҳодҳоро таклиф мекунад, ки аз лиҳози илмӣ аҳамият додан ба онҳо аз манфиат холӣ нест. Аз ҷумла, ӯ пешниҳод мекунад, ки ҳамгироии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чаҳорчӯбаи СПАД бояд пурзӯртар гардида, фаъолияти ин созмони минтақавӣ васеътар шавад. Мавзӯи баррасишудаи мақолаи мазкур мубрам буда, ба ҳама талаботи мақолаҳои илмӣ ҷавобгуй мебошад.

Калидвожаҳо: *амният, минтақа, Осиёи Марказӣ, геополитика, давлат, ҳамгироӣ, иттиҳод, амнияти минтақа, ҳамгироии кишварҳо, сулҳу субот, сиёсат, СПАД.*

Таъмини амнияти миллӣ имрӯз ба яке аз масъалаҳои муҳимми ҷомеа мубаддал гаштааст. Афзоиши таваҷҷуҳ ба масъалаҳои таъмини амнияти миллӣ бо он алоқаманд аст, ки рушди бомуваффақият ва мавҷудияти давлати соҳибихтиёр бидуни таъмини амнияти миллии он ғайриимкон мебошад. Сабаб он аст, ки вазъи ҳифзи манфиатҳои ҳаётии шахсият, ҷомеа ва давлат аз таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ бо амнияти миллӣ алоқаи

ногусастанӣ дорад. Дар баробари роҳбарони давлатӣ, геополитикҳо, стратегҳои ҳарбӣ, сиёсатшиносон ва низоъшиносон, инчунин, иқтисоддонҳо, экологҳо, табибон, ҷомеашиносон, ҳуқуқшиносон, барномасозон, фарҳангшиносон ва намояндагони бисёре аз соҳаҳои гуногуни ҷомеа барои омӯзиши масъалаву мушкилоти амниятӣ ба таври ҷиддӣ ва назаррас таваҷҷуҳ доранд. Чунин гуногунии таҳқиқоти масоили амниятӣ ба ҳолат ва тавсифи ин консепсия мувофиқ аст. Яъне,, амнияти миллӣ маҷмӯи равишҳо ва консепсияҳои байнисоҳавӣ ва байнипарадигмавӣ оид ба амният мебошад. Дар ин ҷода, омӯзиши ҳамгироии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар заминаи таъмини амнияти онҳо аҳамияти хоссаро пайдо мекунад.

Имрӯзҳо ба ҳамагон маълум аст, ки вазъи сиёсии ҷаҳон, хосса кишварҳои Осиёи Марказӣ боз ҳам мураккабтар гашта, аз ҳар тараф барои кишварҳои ҷавони соҳибихтиёр хатару чолишҳои гуногун таҳдид мекунанд ва ҳеҷ яке аз ин кишварҳо кафолат дода наметавонанд, ки дар оянда худро аз ин хатарҳо эмин нигоҳ медоранд. Мисоли ин гуфтаҳо, рӯйдодҳои охир дар Қазоқистон буда метавонанд. Маҳз бо кӯшиши якҷояи мақомотҳои ҳарбии аъзоёни Созмони Паймони Амнияти Дастаҷамъӣ (ОДКБ) ин вазъияти даҳшатовар ва нигаронкунанда барои мардуми қазоқ ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ дур карда шуд. Аз ин ҷо чунин хулоса бармеояд, ки ҳамгироии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар таъмини амният аҳамияти бузург дорад. Бояд қайд кард, ки оид ба ин масъала, маҳз ҳамгироии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чаҳорчӯбаи ташкилотҳои минтақавии байналмилалӣ олимону донишмандон чун Иманалиев М., Куртов А.А., Лукин А.В., Либман А.М., Тарасов В.И., Мин Чул Ким, Чернышев С., Акмалев С., Бекбоев М ва дигарон дар корҳои илмӣ-тадқиқотии худ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудаанд.

Дар аввал бояд қайд кард, ки амнияти миллӣ – ин маҷмӯи ақидаҳои расман қабулшуда оид ба мақсадҳо ва стратегияи давлатӣ дар соҳаи таъмини амнияти фард, ҷомеа ва давлат аз таҳдидҳои берунӣ ва дохилии ҷараёни сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳарбӣ, техногенӣ, экологӣ, иттилоотӣ ва табиати дигардошта бо назардошти захираю имкониятҳои мавҷуда ба ҳисоб меравад [11; с. 9]. Яъне,, амният ин фаъолияти одамон, ҷомеа, давлат, ҷомеаи ҷаҳонии халқҳо барои муайян кардан, пешгирӣ, суст, рафъ ва нест намудани хатару таҳдидҳое мебошад, ки метавонад ба онҳо зарар расонанд, аз арзишҳои асосии моддию маънавӣ маҳрум созанд, аз ҷиҳати объективӣ ва субъективӣ зарари муайяне расонанд ва роҳи рушду тараққиётро монеа шаванд. Илова бар ин, таъмини амнияти миллӣ – маҷмӯаи тадбирҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, тандурустӣ, ҳарбӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба таъмини фаъолияти муътадили давлат, рафъи таҳдидҳои имконпазир нигаронида шудаанд.

Дар замони муосир тақрибан 200 навъи воситаҳои ғайриҳарбии таъмини амниятро шуморида, мушоҳида намудан мумкин аст. Аммо дар байни ин воситаҳо нақши роҳбарикунандаро бевосита воситаи сиёсӣ дорад,

Зеро, ки сиёсат тамоми қувваи умумии давлат ва қисмҳои алоҳидаи онро барои ба даст овардани амният ташаккул медиҳад, роҳбарӣ мекунад, истифода мебарад [5; с. 41]. Ҳоло чунин воситаҳои сиёсии таъмини амният ба монанди шартномаву созишномаҳо оид ба кам кардани силоҳ, ҳамкориҳои ҳарбию сиёсӣ истифода мегарданд. Ташкилоту муассисаҳои нав дар шакли марказҳои байнидавлатӣ ва минтақавии пешгирии низоъҳои ҳарбӣ, назорат аз болои қуввaҳои мусаллаҳ таъсис дода мешаванд. Яъне, дар шароити ҳозира таъсиси иттиҳодияҳои минтақавии амниятӣ ба шакли анъана даромадааст ва дар баъзе ҳолатҳо онҳо зарур ва ҳатмӣ мебошанд.

Созмони давлатҳои Ҷанубу Шарқии Осиё (СДҶШО-АСЕАН), Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ-СНГ), Минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором (МОУО-АТР), Иттиҳоди Аврупо (ИА-ЕС), Созмони Шартномаи Атлантикаи Шимолӣ (СШАШ-НАТО), Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ-ШОС), Созмони Паймони Амнияти Дастаҷамъӣ (СПАД-ОДКБ) ва ғайраҳо аз ҷумлаи созмону иттиҳодияҳои минтақавӣ, байналмилалии гуногунсамт ба ҳисоб мераванд. Бояд қайд кард, ки инқилоби илмӣ-техникӣ, талаботи рӯзафзун ба захираҳои ҷахонӣ, ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ торафт амиқтар дохил шудани давлатҳо, масофаи ҷуғрофӣ, сиёсӣ ва иқтисодии байни давлатҳоро кам кардааст. Дар ҷаҳон бисёр нуқтаҳое пайдо шудаанд, ки манфиатҳо, ниёзҳо, маҳсулот ва ғайраро бо ҳам мепайванданд. Давлатҳо ба ҳамдигар бештар вобаста шудаанд [2; с. 12]. Вобастагии байни давлатҳо дар навбати худ ба он оварда расондааст, ки барои таъмини амнияти худ онҳо бояд дар бораи амнияти давлатҳои дигар низ фикр кунанд. Таъмини амнияти умумиҷаҳонӣ, фароҳам овардани шароите, ки вайрон кардани сулҳи умумиҷаҳонӣ ва ё ба вуҷуд омадани таҳдидро ба амнияти халқҳо дар ҳар шакл истисно намекунад, як қисми манфиатҳои миллии аксари давлатҳо - аъзои ҷамъияти ҷаҳон гардидааст. Дар ин ҷода, созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ дар таъмини амнияти миллӣ нақши боризу рӯзафзунро мебозанд.

Дар байни кишварҳои Осиёи Марказӣ як қатор хусусиятҳо мавҷуд мебошанд, ки ба ҳамаи онҳо хоссанд, аз ҷумла:

1. Беш аз 70 сол дар давлати ягонаи Шӯравӣ ҳаёт ба сар бурдан. Кишварҳои Осиёи Марказӣ дар муқоиса бо дигар кишварҳои олами ислом, бо рушду тамаддун, тарзи ҳаёт, арзишҳо, тарзи интихоби низоми давлатӣ (дунявӣ), низоми ҳуқуқ, иқтисодиёт, маорифу фарҳанг тафовути барҷаста доранд. Ин нишондодҳо барои ҳамаи ин кишварҳо (ОМ) якхела мебошанд ва ворид намудани ягон шакли дигари давлатдориву фарҳанг ва тамаддун, мумкин аст барои онҳо фоҷиаовар бошад.

2. Вобастагии зичи иқтисодиёти кишварҳои Осиёи Марказӣ аз ҳамдигар. Маълум аст, ки дар гузаштаи наздик дар истеҳсоли неъматҳои моддӣ Ӯзбекистон маҳсулоти беш аз 58 соҳаи Тоҷикистонро истифода мебурд. Ҳамзамон, Ӯзбекистон ба 78 бахши иқтисодиёти Тоҷикистон маҳсулоти худро ворид мекард. Илова бар ин, Ӯзбекистон аз Туркманистон аз 43 соҳаи саноат маҳсулот гирифта, ба 62 соҳаи он маҳсулот ворид

мекард, бо Қирғизистон ин рақам мутаносибан 56 ва 54-ро ташкил медод, бо Қазоқистон низ тақрибан ҳамин ҳолат буд [9; с. 1].

3. Ҷойгиршавии геополитикии кишварҳо. Маълум аст, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ дар Ҷануб бо давлатҳои исломӣ, махсусан бо Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Афғонистон, дар Шарқ бо Чин, дар Шимол бо Русия ва дар Ғарб бо Озарбойҷон ҳамсарҳад буда, бо давлатҳои минтақа ва ҷаҳон ҳамкориву ҳамгироии судманд доранд. Яъне, сарҳади ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ бо ҳамдигар алоқамандии ногусастанӣ дошта, хатарҳои гуногун аз лиҳози геополитикӣ ба онҳо таҳдид мекунанд. Ба назар мерасад, ки кишварҳои ҷаҳони ислом, Чин, Русия ва дигар абарқудратҳо аз ҷиҳати геополитикӣ ба минтақаи Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳи хосса доранд. Таъмини амнияти минтақа аҳамияти калонро пайдо мекунад [8; с. 52].

4. Дар баробари ин, паст шудани сифати қувваҳои мусаллаҳи давлатҳои минтақа, маблағгузории нокифояи сохторҳои мудофиавии ҳарбӣ, афзоиши фасод (коррупсия) дар қисмҳои олии ҳарбӣ, ба қадри нокифоя нав карда шудани барномаҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои ҳарбӣ. Ҳамаи ин омилу сабабҳо ба он оварда мерасонад, ки мақомотҳои амниятӣ ба чолишҳои суботу амният: қочоқи маводи мухаддир, қочоқи яроқу аслиҳа, ифротгароии динӣ, муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва ғайра дар танҳоӣ тоб оварда наметавонанд [1; с. 4].

Вобаста ба ин сабабу омилҳо ба андешаи мо, ҳамгироии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар шароити кунунӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Ба дигар зиддиятҳои байнидавлатӣ нигоҳ накарда, ба миллату халқиятҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ зарур аст, ки якҷоя ва муттаҳидона баҳри нигоҳ доштани соҳибистиқлолии миллӣ, арзишу фарҳанги ҳазорсола, тарзи ҳаёту давлатдорӣ, озодии халқу миллатҳо, таъмини амнияту субот дар ҷомеа чораҳои амалии натиҷабахш ба сомон расонанд. Дар ин ҷода ҳамкориву ҳамгироиро байни давлатҳои минтақа вусъат бахшидан мувофиқи мақсад хоҳад буд. Мубориза дар танҳоӣ бар зидди мақсаду манфиатҳои геополитикии якдигар буда, кишварҳои Осиёи Марказиро як ба як ба доми марг мебарад. Мисоли ин гуфтаҳо, рӯйдодҳои солҳои охир дар Ироқ, Яман, Сурия, Ливия, Афғонистон, Қазоқистон ва дар дигар кишварҳои олам рухдода махсуб мегардад.

Донишманд Франк С.Л. чунин қайд менамояд, ки инсоният сарфи назар аз ҳама бунбасти сиёсӣ, миллӣ, фарҳангӣ ва ихтилофот, воқеан бо як андозае бо ҳаёти умумӣ зиндагӣ мекунад, қисмҳои алоҳидаи он бо ҳам зич алоқаманданд. Ғарбу Шарқ, ҷаҳони масеҳӣ, исломӣ, чинӣ... дар ҳамбастагии пайваста ва наздиканд»[10; с. 226]. Ё ин ки, шарқшиносони машҳури рус Р.Ланда ва С.Прозоров қайд мекунанд: «Ҳудудҳое, ки аҳолии мусулмон доранд, дар ҳайати империяи Русия ва баъдан, дар ИҶШС (СССР) буданд, муддати дуру дароз бо ҳамдигар дар алоқаи диалектикӣ инкишоф ёфтаанд. Халқҳое, ки дар он истиқомат доранд, аз ҷиҳати шароити моддӣ ва инчунин, дар соҳаи ҳаёти маънавӣ умумияти бисёре доштанд. Дар доираи фазои ягонаи геополитикӣ равандҳои ҳамгироӣ дар

соҳаи сохти иҷтимоӣ, зиндагӣ, фарҳанг ва арзишҳои маънавӣ ҷараён доштанд» [3; С. 4].

Тавре Кабаев Д.А. андеша мекунад, ки дар шароити ҷаҳонии таърихӣ ҳамгироӣ дар фазои Авруосиё як раванди мантиқӣ ва табиӣ ст. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва афзоиши рақобат дар сартосари ҷаҳон тамоюли устувори пайдоиш ва таҳкими иттиҳодияҳои иқтисодии минтақавӣ мушоҳида мешавад. Гурӯҳи давлатҳое, ки бо манфиату вазифаҳои умумӣ муттаҳид шудаанд, дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ бомуваффақият амал карда, бартариҳои объективии рақобатӣ ба даст меоваранд" [4; с. 71].

Аз ин бармеояд, ки дар баробари рушди муносибатҳои дипломатӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ғ., барои кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳамгироӣ дар соҳаи ҳарбӣ ё амният мақоми хоссаеро пайдо мекунад. Дар замони муосир кишварҳои Осиёи Марказӣ, ғайр аз Туркманистон дар чаҳорчӯбаи Созмони Паймони Амнияти Дастаҷамъӣ (СПАД-ОДКБ) фаъолият доранд. Қарор дар бораи таъсиси Нерӯҳои дастаҷамъии зудамали минтақаи Осиёи Марказӣ моҳи майи соли 2001 дар шаҳри Ереван (Арманистон) қабул шуда буд ва он ба таъсиси СПАД (ОДКБ) сабаб шуд. Моҳи декабри соли оянда Созмон дар Маҷмаи Умумии СММ мақоми нозирро гирифт. Ҳамзамон, ин созмон дар ниҳоят қисми низоми ҳуқуқии ИДМ буданашро қатъ намуда, унсури асосии механизми нави амнияти байналмилалӣ гардид [6; с 3]. Раванди ҳамгироӣ ва ҳамкориҳои амалӣ дар чаҳорчӯбаи созмон фавран ҷанбаи амалӣ ва динамикаи хеле баланд пайдо кард, ки аз хусусияти муносибатҳои байни кишварҳои иштирокчӣ дар марҳилаи мавҷудияти танҳо Созмони ҳамкории Шанхай ба таври мусбӣ фарқ мекард. Самтҳои нави фаъолона инкишофёбанда ва ояндадори хамкорӣ ба вуҷуд омаданд.

Санаи 4-уми феврали соли 2009 дар иҷлосияи ғайринавбатии СПАД лоиҳаи қарор дар бораи таъсиси Нерӯҳои дастҷамъонаи вокуниши сареъ, ки марҳалаи навбатии амиқтари ҳамгироии ҳарбӣ-тактикӣ дар дохили блок дониста мешавад, ба имзо расид. Ҳамкории ҳарбӣ боз ҳам пурзӯртар гардид. Ҳар сол ҷонибҳои Шартнома машқҳои муштарак ва амалиёти зидди ҷиноятқорӣ мегузаронанд. Нерӯҳои дастаҷамъӣ вазифаи мубориза бо ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, қочоқи маводи мухаддир ва иштирок дар рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулоддаи табиӣ ва техногенӣ доранд. Дар чаҳорчӯбаи СПАД чанд гурӯҳи низомӣ, ки аз бригадаву полкҳои десантӣ, хадамоти махсус ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҷузъу томҳои Вазорати ҳолатҳои изтирорӣ иборатанд, фаъолият мекунанд. Солҳои 2013-2014 дар сохтори блок ассотсиатсияҳое пайдо шуданд, ки ба мубориза бар зидди қочоқи маводи мухаддир фаъолият мебаранд [7; с. 1].

Албатта, иштироки якҷояи кишварҳои Осиёи Марказӣ дар ин созмон аз ниятҳои ояндадори ҳамгироии онҳо шаҳодат медиҳад, вале ба андешаи мо, фаъолияти ин созмонро боз ҳам пурзӯртар намудан зарур аст. Дар ҳоли ҳозир шумораи афсарони созмон ба 3500 нафар мерасад, ки ин шумора ба фикри мо хеле кам аст. Бояд гуфт, ки дар амалиётҳои зиддитеррористии

Ташкилоти Шартномаи Атлантикаи Шимолӣ (ТШАШ-НАТО) дар Афғонистон то 35 ҳазор аскар бо техникаи ҳозиразамон муҷаҳҳазгардида иштирок намуданд. Маълум аст, ки фаъолияти гурӯҳҳои террористӣ, ё ин ки амалиётҳои онҳо гуногунранг мебошанд. Онҳо ҳамагуна воситаҳои ҷангиро истифода мебаранд ва шумораи онҳо хеле ҳам зиёданд. Лозим ба таъкид аст, ки танҳо дар ҷанги Сурия шумораи террористон тақрибан ба 300 ҳазор нафар мерасид, ки ин қувваи бузурги ҷангӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, дар ҳамгироии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар бобати амнияти минтақа, ба ин нишондод аҳамияти махсус бояд дод. Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон изҳор менамояд, ки Тоҷикистон бо Афғонистон 1400 километр хатти сарҳад дорад, ки 60 фоизи сарҳади умумии минтақаи Осиёи Марказиро бо ин кишвар ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, вазъияти Афғонистон ба амният ва суботу оромии минтақаи Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон таъсири бевосита дорад [12].

Ҳамгироии кишварҳои дар як минтақа ҷойгиршуда бо мақсадҳои гуногуни иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳарбӣ ва ғ., падидаи нав ба ҳисоб намеравад. Ин анъана доимо вуҷуд дошт ва дар оянда низ шаклҳои гуногуни он пайдо шуданаш мумкин аст. Чӣ тавре ки дар боло қайд намуда будем, бо сабабҳо ва омилҳои гуногуни вуҷуддошта, ҳамгироии алоҳидаи кишварҳои Осиёи Марказӣ, илова бар вуҷуд доштани СПАД, СҲШ ва ИДМ дар шароити ҳозира аз манфиат холӣ нест. Саромаду ҷамъомади сарони кишварҳои минтақа, гуфтушуниди ҳарбиёни минтақа, бастани шартномаҳои ҳамкорӣ, амалиётҳои муштарак, машқҳои муштараки низомӣ, муборизаҳои якҷоя, ҳифзи сарҳадҳо, ҳалли тақдиру ояндаи минтақа аз манфиат холӣ набуда, дар сурати босамар анҷом додани ин ҳамгироӣ метавон амнияти минтақаи Осиёи Марказиро аз ҳар гуна таҳдиду хатарҳо эмин нигаҳ дошт.

Дар фарҷом баҳри ҳифзи амнияти миллии кишварҳои Осиёи Марказӣ як қатор маслиҳату пешниҳодҳои хешро таклиф менамоем:

1. Васеъ намудани фаъолияти СПАД, аз ҷумла дар риштаи қувваҳои сулҳпарварона дар муқовиматҳои дохилии кишварҳои аъзои созмон. Барои мисол, ҷанги Озарбойҷон ва Арманистон, ки дар он қувваҳои СПАД иштирок нанамуданд. Агарчӣ Озарбойҷон аъзои ин созмон набошад ҳам, вале дар ҷанги байни ин ду давлат, суоле ба миён меояд, ки барои чӣ аъзои СПАД – Арманистон дар ин муқовимат дастгирӣ наёфт? Арманистон ҳамчун аъзои СПАД ҳамаи протоколҳои ин созмонро риоя мекунад, дар машқҳо ва амалиётҳои якҷоя иштирок менамояд, лекин дар муқовимат бо Озарбойҷон, ки бо баъзе гуфтаҳо террористон аз Туркия низ иштирок доштанд, СПАД онро дастгирӣ нанамуд ва ҷони ҳазорон одамони осоишта рабуда шуд. Агар созмон дар шартномаи худ, дар сурати ҷангҳои дохилӣ фаъолияти сулҳпарваронаро ворид насозад, вуҷуд доштани ин созмон ҳеҷ маъние надорад.

2. Пурзӯр намудани техникаи ҳарбии СПАД, таҷҳизонидан бо техникаи ҷангии нави муосир, зиёд намудани шумораи техникаи ҳарбӣ,

шумораи афсарони созмон – то 10-15 ҳазор нафар, муайян намудани ҷойгоҳи доимии (дислокатсия) артиши ин созмон, даъват намудани афсарони ҷавони хуб омодашуда, тайёр намудани бригадаи махсуси созмон, ки дар шароити кӯҳӣ амалиёт гузаронида тавонад, созмони алоҳидаи бригадаи тайёраҳои ҷангии ҳавоӣ (қӯшунҳои ҳавоӣ).

3. Дар шакли ҳатмӣ гузаронидани машқҳои муштараки кишварҳои аъзои созмон. Гузаронидани машқҳои муштараки кишварҳои Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Тоҷикистон дар ҳудуди ҳар як кишвари номбаршуда дар алоҳидагӣ. Омодагии афсарон ва ҳайати ҳарбиёни созмон, махсусан кишварҳои Осиёи Марказӣ, бозомӯзии мутахассисони ҳарбӣ, омодагии ҳарбиён дар шароити ҷангӣ, амалиётҳои зидди террористӣ. Машқҳои муштараки ҳарбиёни Ӯзбекистон ва Тоҷикистон дар сарҳад, махсусан дар сарҳади Афғонистон.

4. Таъмини иттилоотии кишварҳои аъзои созмон оид ба ҳаракати террористон, қочоқчиён ва дигар гурӯҳҳои трансмиллии ҷиноятӣ. Таъмини артишҳои Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Қазоқистон бо техникаи ҳозиразамони мушоҳида, разведка, муайян намудани ҳаракати техникаи ҳарбӣ, қӯшунҳои пиёдагарди душман. Мубодилаи иттилоотӣ байни кишварҳои аъзои созмон, ҳамкории мақомотҳои ҳарбии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар муайян намудани иттилоот, мубодилаи иттилоот, таъсиси марказҳои иттилоотӣ.

5. Дастгирӣ ва таъмини артиши Ҷумҳурии Тоҷикистон бо техникаи ҳозиразамони ҳарбӣ, бо танку туфангҳои ҷангӣ, бо тайёраҳои ҳавоии ҷангӣ, бо либосу хӯрокаи хуб барои хизматчиёни ҳарбӣ, чунки Тоҷикистон сарҳади калонтарин бо Афғонистон дорад ва эҳтимоли таҳдиду хатар аз он тарафи дарёи Панҷ ба минтақа хеле зиёд аст. Дарёфт намудани сарчашмаҳои пулӣ барои ёрии ҳарбӣ ба Тоҷикистон дар муддати кӯтоҳ ва ёрии гуманитарии ҳарбӣ ба Тоҷикистон, пурзӯр намудани сарҳади Тоҷикистон аз ҳисоби кӯмакҳои аъзоёни созмон ва дигар сарчашмаҳо.

Таъсиси бригадаҳои муштараки ҳарбӣ ва ё ҳамкорӣ ва ҳамгироии кишварҳои Осиёи Марказӣ, махсусан байни кишварҳои Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Қазоқистон ва Туркманистон бар зидди ҳамагуна амалиётҳои ҷангӣ, террористӣ, қочоқчиён, дахолат намудани кишварҳои бегона ва беруна ба соҳибихтиёрии онҳо, барои таъмини амният, сулҳу субот, ояндаи дурахшони мардуми ин кишварҳо яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа ва стратегӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамгироӣ ва муттаҳидшавии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар роҳи таъмини амният ва мубориза бар зидди ҳамагуна падидаҳои хатарҳои ҳозиразамон ин ягона роҳе аст, ки дар ояндаи наздик бояд ба инобат гирифта шавад ва танҳо дар сурати амалишавии ин ҳамгироӣ, метавон оид ба ояндаи дурахшони ин кишварҳо, амният ва сулҳу субот дар минтақа сухан гуфт.

Маълум аст, ки ҳар як кишвари Осиёи Марказӣ дар алоҳидагӣ манфиату ормонҳои худ, сиёсат ва роҳи инкишофи худро интихоб намудааст. Ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ дар созмонҳои

байналмилалӣ, ба монанди Созмони Ҳамкории Шанхай, Созмони Паймони Амнияти Дастаҷамъӣ, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони иқтисодии Авруосиё ва ғ. иштирок ва аъзо ҳастанд. Ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ, аллакай сиёсати дохилӣ ва берунии худро интихоб ва муайян намудаанд. Ҳар яке аз кишвари Осиёи Марказӣ мехоҳад бо ин ё он давлати абарқудрат муносибатҳои дуҷонибаи худро мустаҳкам кунад ва амнияти худро таъмин созад. Дар ин росто, таъсиру нуфузи кишвари абарқудрати Федератсияи Русия аз лиҳози геополитикиву геоиқтисодӣ ба давлатҳои Осиёи Марказӣ назаррас мебошад. Ҳар як кишвари минтақа барои мардуми худ ояндаи некро таманно дорад ва баҳри манфиатҳои миллии худ доимо дар талош аст. Лекин, ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказиро як омил пайваст мекунад ва бо ин масъала байни онҳо фарқият намегузорад. Ин ҳам бошад, таъмини амният, сулҳу субот, тинҷиву оромӣ дар минтақа аст. Зеро, таҳдид, хатару чолишҳои берунаи муосир ба ҳамаи кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ, ки аз захираҳои табиӣ бой, новобаста аз мақом, ҷой, миллат ва нажод хеле зиёданд. Онро бояд хотиррасон кард, ки дар якҷоягӣ ва танҳоӣ ҳеҷ як кишвари минтақаи мазкур бо хатарҳои замони муосир истодагарӣ карда наметавонад ва бепарвоии дигарон, беаҳамияти ба якдигар, дар мусибатҳои дигарон иштирок накардан ба оқибатҳои нохуш меоварад. Дар маҷмӯъ, ояндаи неки ин минтақаро хароб намуда, ҳатто мавҷудияти ин кишварҳоро аз харитаи дунё нест намуда, мардумони онҳоро сарсону саргардон карданаш имконпазир аст. Барои ҳамин, таъмини амнияти минтақа, сулҳу суботи он, тинҷиву оромӣ, зиндагии осоиштаву ояндадор дар чаҳорчӯбаи ҳамгироии кишварҳои Осиёи Марказӣ яке аз масъалаҳои марказии минтақа дар шароити кунунӣ ба ҳисоб меравад ва дар амал татбиқ намудани он барои ҳамагон аз манфиат холӣ нест.

АДАБИЁТ

1. Акмалев С. Военные бюджеты стран СНГ. 16.12.2010 //С. Акмалев. Электронный ресурс: http://knn.dvvaiu.net/content/view/106/1/

2. Богатуров А.Д. Центральная Азия в международной политике // А.Д. Богатуров. Полис. – 2009, №2. – С. 549.

3. Ислам на территории бывшей Российской империи: //Энциклопедический словарь. Издательская фирма «Восточная литература» РАН, 1998. Вып. 1. — М.: С. 184.

4. Кабаев Д.А. Евразийская интеграция: глобальный аспект. /Д.А. Кабаев. Геополитика. Информационно-аналитическое издание. Выпуск 20. Центральная Азия. С. 132.

5. Marion F. Justice and the Politics of Difference.// F. Marion. – London, 2009. – P. 304.

6. ОДКБ: проблемы и перспективы. Студенческий научный форум. *scienceforum.ru*. Дата обращения: 28 января 2022.

7. ОДКБ – 15 лет вместе во имя безопасного мира и стабильного развития. *ТАСС*. Дата обращения: 21.01.22 Электронный ресурс:

https://ru.wikipedia.org/wiki/Организация Договора о коллективной безопасности

8. Турдиева З.Т. Интеграция в сфере безопасности в странах Центральной Азии: проблемы и современное состояние // З.Т. Турдиева. Вестник КРСУ. – 2010. – № 1 . – С. 223.

9. Тургунбаев Ш. Узбекско-Казахстанские отношения как основа интеграции в Центральной Азии. 08.01.2011 // Ш. Тургунбаев. Электронный ресурс: http://www.tatforum.info/forum/lofiversion/index.php/t7415.html

10. Франк С.Л. С нами бог // Духовные основы общества. // С.Л. Франк. — М., 1992. С - 510.

11. Шахзода С. Механизмы безопасности в Ц. А. //С. Шахзода. Восток. – 2010. №3. – С. 189.

12. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”, 21.12.2021 ш. Душанбе www.president.tj санаи мурочиат 14.02.2022 [манбаи электронӣ] URL:

ОБЕСПЕЧЕНИЕ НАЦИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ – ОСНОВА ИНТЕГРАЦИИ СТРАН ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

ЮСУПОВ ГАЙРАТ МАЪРУФДЖОНОВИЧ,
аспирант Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова НАНТ, преподаватель общеуниверситетской кафедры политологии ГОУ «ХГУ имени академик Б.Гафурова»,
тел: (+992) 929-16-16-40; e-mail: gairati.m@mail.ru,

В данной статье автор исследует и анализирует различные аспекты проблемы интеграции стран Центральной Азии. По мнению автора, именно объединившись и сплотившись, страны Центральной Азии смогут противостоять всем явлениям современности, в том числе терроризму, экстремизму, наркотрафику и другим. С учетом изучения литературы и различных политико-научных источников автор постарался полно и точно представить читателю необходимость интеграции стран Центральной Азии, показать ее актуальность. В частности, автор отмечает, что интеграция и консолидация стран Центральной Азии в обеспечении безопасности и противодействии любым текущим угрозам являются единственным путем, который необходимо учитывать в ближайшем будущем, и только в случае достиженния этой интеграции, можно говорит о светлом будущем этих стран, безопасности и мире, стабильности в регионе. В результате изучения и анализа данного вопроса автор предлагает ряд рекомендаций и предложений, представляющих большой интерес с научной точки зрения. В частности, он предложил усилить интеграцию стран Центральной Азии в рамках ОДКБ и расширить деятельность этой регио-

нальной организации. Тематика данной статьи соответствует всем требованиям научных статей, и действительно данный вопрос считается жизнено важним и актуальным.

Ключевые слова: *безопасность, регион, Центральная Азия, геополитика, государство, интеграция, союз, региональная безопасность, интеграция стран, мир и стабильность, политика, ОДКБ.*

ENSURING NATIONAL SECURITY IS THE BASIS FOR INTEGRATION OF CENTRAL ASIAN COUNTRIES

YUSUPOV GAIRAT MARUFJONOVICH,
postgraduate of the Institute of philosophy, political science and law under A.Bahovaddinov NAST, lecturer of all-university political science of the SEI «Khujand state university under the academician B. Gafurov»
tell: (+992) 929-16-16-40; e-mail: gairati.m@mail.ru,

In this article, the author explores and analyzes various aspects of the issue, the integration of Central Asian countries. According to the author, it is by uniting and uniting the countries of Central Asia that they will be able to withstand all the phenomena of modern times, including terrorism, extremism, drug trafficking and others. Taking into account the literature and various political and scientific sources, the author has tried to present to the reader the issue of integration of Central Asian countries in full and accurately, and to show its reality. In particular, the author notes that the integration and consolidation of Central Asian countries in ensuring security and combating any current threats is the only way to be taken into account in the near future, and only if this integration is implemented, it can be considered, spoke of the bright future of these countries, security and peace and stability in the region. As a result of studying and analyzing this issue, the author offers a number of recommendations and suggestions, which are of great interest from a scientific point of view. In particular, he suggested that the integration of Central Asian countries in the framework of the CSTO should be strengthened and the activities of this regional organization should be expanded. The subject of this article meets all the requirements of scientific articles, and in fact this issue is considered relevant and relevant.

Keywords: *security, region, Central Asia, geopolitics, state, integration, alliance, regional security, integration of countries, peace and stability, politics, CSTO.*

УДК: 32.019.51

РОҲУ УСУЛҲОИ МУҚОВИМАТ БО НАЗАРФИРЕБИИ СИЁСӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

НУРИДДИНЗОДА САЙҶАМОЛИДИН ҲАЙДАР,
унвонҷӯи кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии
Кӯлоба ,ба номи А.Рӯдакӣ
735360, Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16;
тел.: +992 988-50-00-08; e-mail: mp.kulob@mail.ru

Дар мақолаи мазкур роҳу усулҳои муқовимат бо назарфиребии сиёсӣ таҳлилу баррасӣ гардидааст. Технологияи мазкур ҳамчун воситаи таъсир расонидан ба афкори ҷамъиятӣ барои амалӣ намудани мақсадҳои сиёсӣ истифода бурда мешавад. Айни замон технологияи назарфиребии сиёсӣ унсури муҳимтарини ҷангҳои иттилоотию психологиро ташкил медиҳад. Онро давлатҳо, ташкилотҳои фаромиллӣ ва ҳатто ташкилотҳои террористию экстремистӣ хеле зиёд истифода мекунанд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки миқёси истифодаи назарфиребии сиёсӣ дар шабакаи интернет бештар гардида истодааст ва барои давлатҳои гуногун таҳдиду хатарҳои навро эҷод намудаанд. Аз ҷумла, ба сафи ташкилотҳои террористӣ шомил намудани ҷавонон, радикализатсияи ҷомеа, ташкил намудани инқилобҳои ранга, ба амал баровардани тазоҳуроти оммавӣ, ба қишрҳои гуногун тақсим намудани ҷомеа ва ғ натиҷаҳои ин зуҳурот мебошанд. Дар баробари истифодаи иқтидори мавҷудаи ҷомеа, инчунин, ба инобат гирифтани таҷрибаи давлатҳои дигар низ хеле муҳим мебошад. Дар шароити муосир назарфиребии сиёсӣ ба ҳар як давлат таъсири манфӣ мерасонанд ва баъзе давлатҳо дар ин самт муваффақиятҳои назаррас доранд. Инчунин, бо дарки таҳдиду хатари ин зуҳурот таҳия ва қабули қонун дар бораи муқовимат бо назарфиребии сиёсӣ хеле муҳим ба назар мерасад.

Калидвожаҳо: *назарфиребии сиёсӣ, маърифати иттилоотии аҳолӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, технологияҳои сиёсӣ, иттилооти носаҳеҳ, таблиғи ғояҳои ифротгароӣ.*

Таҳқиқи назарфиребии сиёсӣ ва технологияҳои гуногуни истифодабарии онҳо дар шабакаҳои иҷтимоию интернетии замони муосир нишон медиҳад, ки падидаи мазкур ҳамчун унсури таркибии ҷангҳои иттилоотӣ ва роҳу воситаҳои пешгирӣ намудани он яке аз масъалаҳои мубрами таъмини амнияти иттилоотии ҳар як давлатро ташкил медиҳад. Бе ягон мушкилӣ мушоҳида намудан мумкин аст, ки технологияҳои гуногуни назарфиребӣ ба равандҳои сиёсии ҷомеа таъсири амиқ мерасонанд. Воқеаҳои сиёсии кишварҳои Африқои Шимолӣ ва Шарқи Наздик дар солҳои 2011-2012 (инқилобҳои баҳори араб), инқилобҳои рангаи солҳои охир ва кӯшиши ташкил намудани чунин инқилобҳо дар давлатҳои пасошӯравӣ, тазоҳурот

ва эътирозҳои оммавӣ, таблиғоту ташвиқоти ғояҳои тундгароӣ дар фаъолияти ташкилотҳои террористию экстремистӣ, ба воситаи ҳуҷумҳои иттилоотӣ таъсири манфӣ расонидан ба афкори ҷамъиятӣ, баланд гардидани рӯҳияи тундгароии қишрҳои гуногуни ҷомеа, гаравидани ҷавонон ба сафи ташкилотҳои террористӣ ва ҳизбу ҳаракатҳои экстремистӣ бори дигар шаҳодат аз он медиҳанд, ки технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии замони муосир ва иқтидори манипулятивии онҳо барои давлатҳои тозаистиқлол таҳдиду хатарҳои навро эҷод менамоянд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯз то рӯз таъсири ҷангҳои иттилоотӣ ва назарфиребии сиёсӣ афзоиш ёфта истодаанд. Барои Тоҷикистон хавфу хатари онро бештар аз ҳама дар фаъолияти ташкилотҳои террористию экстремистӣ мушоҳида намудан мумкин аст. Аз як ҷониб, ташкилотҳои террористии «Давлати исломӣ», «Ал-Қоида», «Ихвон-ул-Муслимин», «Ҳизб-ут-Таҳрир», ҳаракати «Толибон», салафияи ифротгаро ва зершохаҳои онҳо барои пурра намудани сафҳои худ назарфиребии сиёсиро истифода намоянд, аз ҷониби дигар, ташкилотҳои террористию экстремистии «Ҳизби наҳзати исломӣ», «Гурӯҳи 24», ба ном «Паймони миллии Тоҷикистон» ва фаъолону саркардагони онҳо ҳамарӯза тариқи шабакаи интернет бо роҳи паҳн намудани иттилооти бардурӯғ, иғвоангез ва экстремистӣ ба зеҳну тафаккури ҷомеа таъсири манфӣ расонида истодаанд. Гузашта аз ин, номгӯйи технологияҳои назарфиребии сиёсӣ дар шароити рушди бемайлони технологияҳои иттилоотӣ ва ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотии глобалӣ рӯз то рӯз бештар мегардад. Дар чунин шароит мавқеи давлат дар самти танзими равандҳои иҷтимоию сиёсӣ ва назорати паҳншавии иттилоот куллан тағйир меёбад. Чунин тамоюлот барои давлату миллат таҳдидҳои ҷиддиро ба вуҷуд меоварад. Аз қабили, вайрон гардидани робитаҳои байни ҷомеа ва ҳокимияти давлатӣ, коста гардидани ҳувияти сиёсии шаҳрвандон, аз лиҳози дастрасии иттилоот ба ду қисм ҷудо шудани аҳолӣ, коста гардидани меъёрҳои ахлоқию маънавии ҷомеа, дар муқобили давлату ҳукумат сафарбар шудани шаҳрвандон, бештар гардидани рӯҳияи тундгароии онҳо, ба сафи ташкилотҳои террористӣ пайвастани шаҳрвандон ва ғ. таҳдиду хатарҳое мебошанд, ки зери таъсири назарфиребии сиёсӣ пайдо мешаванд. Бо назардошти чунин вазъ дарёфти роҳу усулҳои пешгирӣ намудани таъсири назарфиребии сиёсӣ имкон медиҳад, ки вазъи иҷтимоию сиёсии мамлакат муътадил нигоҳ дошта шавад ва дар заминаи он ташаккули маданияти сиёсии демократӣ идома ёбад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар шароити имрӯза чӣ дар Тоҷикистон ва чӣ дар кишварҳои дигар назарфиребии сиёсӣ бо роҳу усулҳои гуногун анҷом дода мешаванд. Онҳоро ба таври зайл нишон додан мумкин аст: тарғибу ташвиқи ғояҳо, таблиғот ва даъват, технологияҳои ташкил намудани робита бо ҷомеа, паҳн намудани хабарҳо, махсусан хабарҳои бардурӯғ ва ғ. Ҳар як субъекти назарфиребӣ кӯшиш менамояд, ки фазои иттилоотии ҷомеаро бо маводи худ пурра намояд ва таъсири назарфиребии сиёсиро ба манфиати худ афзоиш диҳад.

Олимону муҳаққиқон ба хулосае омадаанд, ки барои кам намудани таъсири назарфиребии сиёсӣ, маҳдуд кардани имкониятҳои рақибон ва коҳиш додани самаранокии фаъолияти иттилоотии онҳо як қатор омилҳо бояд ба назар гирифта шаванд. Пеш аз ҳама, ба инобат гирифтани вазъи сиёсию ҳуқуқӣ ва сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат хеле муҳим мебошанд. Ҳалли масъалаҳои мазкур имкон медиҳад, ки таъсири назарфиребӣ ва тарғибу ташвиқи ғояҳои тундгароӣ кам карда шаванд. Зеро, ҳалли ин масъалаҳо боиси коҳиш ёфтани қишрҳои осебпазир мегарданд [8, С.18]. Ҳамзамон, қобилияти дарки муҳтавои иттилоот ва маданияти иттилоотии шаҳрвандон низ метавонанд барои кам кардани таъсири назарфиребӣ мусоидат намоянд. Таҳлили имконҳои манипулятивии шабакаи интернет ва дигар воситаҳои ахбори омма нишон медиҳад, ки асоси ҳама гуна назарфиребии сиёсиро усулҳои классикӣ ташкил медиҳанд ва ҷанбаҳои техникию технологии онҳо дар шароити имрӯза тадриҷан тағйир дода мешаванд. Аз ин рӯ, дарки технологияҳои классикии назарфиребӣ низ барои дарки моҳияти он имконияти хуб фароҳам меоварад. Гузашта аз ин, истифодаи технологияҳои нави иттилоотӣ на танҳо барои анҷом додани назарфиребӣ, балки барои муқовимат намудан бо он низ имконпазир аст. Бинобар ин, дар баробари таҳқиқу омӯзиши имконҳои манипулятивии технологияҳои иттилоотӣ, инчунин, муайян намудани имконҳои зиддиманипулятивии онҳо низ зарур ба шумор меравад. Аз ин рӯ, яке аз роҳҳои пешгирӣ намудани таъсири манфии назарфиребии сиёсӣ ва анҷом додани муқовимати шадид бо он низ бо ҳамин масъала алоқаманд аст.

Айни замон иқтидори манипулятивии технологияҳои иттилоотӣ то он дараҷае баланд аст, ки ба воситаи онҳо фиреб додан, гумроҳ намудан, ба ҷониби дигар ҷалб намудани диққати одамон, тағйир додани рафтори онҳо, таъсир расонидан ба меъёрҳои рафтор ва арзишҳои ахлоқии ҷомеа комилан имконпазир гардидааст. Аммо роҳу усулҳои муқовимат намудан бо назарфиребии сиёсӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма хеле маҳдуд мебошанд. Ба ақидаи файласуфи фаронсавӣ Мишел Монтен, ҳақиқат якто ва хеле маҳдуд аст, аммо дурӯғ номаҳдуд ва хеле мураккаб мебошад [6, С.31]. Аз ин рӯ, безарар гардонидани таъсири манфии технологияҳои сиёсӣ, аз ҷумла технологияҳои назарфиребие, ки аз ҷониби субъектҳои раванди сиёсӣ истифода мешаванд, то дараҷаи муайян аз худи шаҳрвандон ва фаҳму дарки онҳо низ вобастагии зиёд дорад. Пешгирӣ намудани таъсири манфии назарфиребии сиёсӣ замоне имконпазир мегардад, ки агар аъзоёни ҷомеа мавҷудияти мушкилот ва таҳдиду хатари онро дарк намуда, эътироф намоянд. Бинобар ин, муқовимат бо назарфиребии сиёсие, ки тариқи шабакаи интернет ва дигар воситаҳои иртиботи электронӣ сурат мегиранд, бояд хусусияти комплексӣ дошта бошад. Дар ин раванд, на танҳо саъю талошҳои давлат ва мақомоти давлатӣ, балки дастгирии ҷомеа низ хеле зарур мебошад.

Таҳлилу баррасии таҷрибаи давлатҳои гуногуни олам роҷеъ ба муқовимат бо назарфиребии сиёсӣ имкон медиҳад, ки дар самти безарар-

гардонии падидаи мазкур як қатор тавсияҳои амалӣ пешниҳод карда шаванд. Чунончӣ:

– коркард ва қабули қонунҳое, ки назарфиребии афкори ҷамъиятиро дар шабакаи интернет маҳдуд менамояд. Чунин амалро бо роҳи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои амалкунандаи соҳавӣ низ анҷом додан мумкин аст;

– бо роҳи огоҳонидан ва ташкил намудани корҳои маърифатию идеологӣ баланд бардоштани маданияти иттилоотии аҳолӣ ва дар онҳо ташаккул додани муносибати оштинопазир бо технологияҳои назарфиребӣ;

– ба вуҷуд овардани роҳу усулҳои техникию технологие, ки дар шабакаи интернет сатҳи назарфиребии сиёсиро коҳиш дода, имконияти рақибонро маҳдуд ва таъсири фаъолияти иттилоотии онҳоро камтар мегардонад;

– ба таври доимӣ мавриди омӯзиш қарор додани таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар самти муқовимат бо назарфиребии сиёсӣ.

Таҳлили мундариҷаи қонунҳои мавҷудае, ки раванди интиқол ва паҳн намудани иттилоотро танзим менамоянд, инчунин, омӯзиши масъалаҳое, ки бо истифодаи технологияҳои назарфиребӣ алоқаманданд, нишон медиҳанд, ки бештар гардидани миқёси истифодабарии назарфиребии сиёсӣ (масалан, дар шароити тавсеаи истифодаи интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ) зарурати ба таври фаврӣ ташаккул додани механизмҳои танзими меъёрии ҳуқуқии интиқол ва паҳн намудани иттилооти сиёсиро ба вуҷуд меоварад. Барои муқовимат бо назарфиребии дар шабакаи интернет истифодашаванда қабул кардани қонуни алоҳида, ё ин ки ворид намудани тағйиру иловаҳо дар қонунҳои мавҷуда зарур ба назар мерасад. Аммо, ба назар чунин менамояд, ки қабул намудани қонуни алоҳида имкон медиҳад, ки масъалаҳои марбут ба истифодаи назарфиребии сиёсӣ дар шабакаҳои интернетию иҷтимоӣ ба таври мушаххас муайян ва муқаррар карда шуда, нишонаҳо ва оқибатҳои он низ пешбинӣ гарданд. Бо ин мақсад дар навбати аввал моҳияти мафҳуми «назарфиребии сиёсӣ» бояд ба таври мушахас нишон дода шавад ва номгӯи технологияҳои назарфиребӣ ошкор ва таҳия карда шавад. Дар ин раванд муайян намудан зарур аст, ки маҳз кадом шакли назарфиребии сиёсӣ амали ғайриқонунӣ мебошад. Албатта, роҳандозӣ намудани чунин меъёрҳо ва чорабиниҳои муқовимат бо назарфиребии сиёсии шабакаи интернет баъзе мушкилиҳои худро дорад, Зеро, онҳо метавонанд дар шакли сензура ва маҳдуд намудани истифодабарии сарчашмаҳои иттилоотӣ зоҳир гарданд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, таъмини амнияти миллӣ, ҳимояи фазои иттилоотии ҷомеа ва коҳиш додани таъсири иттилооти нозарур ба афкори ҷамъиятӣ вазифаҳои аввалиндараҷаи давлатро ташкил медиҳанд. Ҳалли масъалаҳои мазкур дар заминаи сиёсати иттилоотии давлат имконпазир мегарданд. Пеш аз ҳама, назорат ва танзими раванди интиқол ва паҳн гардидани иттилооти сиёсӣ, полонидани (филтратсияи) шабакаҳои интиқоли иттилоот дар интернет, махсусан онҳое, ки ба шуури ҷамъиятӣ ва афкори шаҳрвандон таъсиргузорӣ намуда истодаанд, хеле за-

рур аст. Бе назорати давлатӣ паҳн гардидани иттилооти дорои мазмуни иҷтимоию сиёсӣ боиси он мегардад, ки равандҳои сиёсию ҷамъиятӣ тадриҷан аз зери назорати давлат берун мемонанд ва онҳоро субъектҳои дигар идора мекунанд.

Дар ин самт ба инобат гирифтани таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ хеле муҳим мебошад. Зеро, як қатор давлатҳо таҳдиду хатари назарфиребии сиёсиро дарк намуда, ба хотири коҳиш додани таъсири манфии иттилооти интернетӣ як қатор чорабиниҳои ҷиддиро роҳандозӣ намудаанд. Барои мисол, 30-уми июни соли 2017 дар Олмон ниҳоди қонунгузории ин кишвар (Бундестаг) қонунеро қабул намуда буд, ки барои танзими шабакаҳои иҷтимоӣ нигаронида шудааст. Айни замон қонуни мазкур бо номи Facebook-Gesetz [7] машҳур аст. Тибқи муқаррароти қонуни мазкур, аз 1-уми январи соли 2018 маводи дар шабакаҳои иҷтимоӣ чопшудае, ки дар онҳо аломатҳои душманӣ, барангехтани кинаю адовати миллию нажодӣ, даъват ба зӯроварӣ, расонидани зарари маънавӣ, бадбинӣ ва дигар зуҳуроти манфӣ дида мешаванд, бояд дар муддати 24 соат аз шабакаи иҷтимоӣ хазф карда шаванд. Қонуни мазкур шабакаҳои иҷтимоиро (Facebook, Instagram, Twitter ва YouTube) вазифадор менамояд, ки хадамоти доимоамалкунанда ташкил намоянд, то ки шаҳрвандон тавонанд дар мавридҳои лозима арзу шикоятҳои худро пешниҳод карда тавонанд. Агар қонунӣ будани мавод ба таври фаврӣ муайян карда нашавад, шабакаи иҷтимоӣ вазифадор мегардад, ки дар муддати як ҳафта мутобиқати онро бо қонун муайян созад. Агар муайян гардад, ки шабакаи иҷтимоӣ нисбат ба чунин маводҳо беэътиноӣ зоҳир намуда, чандин маротиба ин корро накардааст, онро 50 млн евро ҷарима мебанданд. Инчунин, шабакаҳои иҷтимоӣ уҳдадор карда мешаванд, ки дар муддати ҳар се моҳ ба вазорати адлияи ин кишвар дар бораи арзу шикоятҳо ва андешидани чораҳо нисбат ба онҳо ҳисобот пешниҳод намоянд [2].

Барои оне, ки фаъолияти худро бо муқаррароти қонуни мазкур мутобиқ созанд, ширкатҳое, ки ташкилкунандагони шабакаҳои иҷтимоӣ мебошанд, шумораи кормандони худро бештар намуда, барои ташхиси муҳтавои маводи системаҳои иттилооти худ корҳои бештарро анҷом медиҳанд. Аз ҷумла, ширкати Google, ки шабакаи иҷтимоии YouTube ба вай тааллуқ дорад, моҳи декабри соли 2017 эълон намуд, ки дар соли 2018 шумораи кормандонеро, ки ба ташхиси маводҳои шубҳанок машғул бояд шаванд, то ба 10 ҳазор нафар бурда мерасонад. Намояндагони ширкати Facebook хабар додаанд, ки барои муайян намудани маводҳое, ки зидди қонунгузории Олмон мебошанд, инчунин, барои риоя накардани стандартҳои умумии ширкат бештар аз даҳ ҳазор нафар кормандони штатӣ ҳамарӯза машғули коранд. Ширкатҳои Google, Facebook ва Twitter аллакай барои муроҷиати истифодабарандагон ва пешниҳод намудани арзу шикоятҳо механизми зарурӣ ташкил намудаанд [3].

Дар як қатор кишварҳои олам, қонуни дар Олмон қабулгардидаро ҷонибдорӣ намудаанд. Аз ҷумла, ҳукумати Сингапур, ки дар самти танзими фаъолияти ВАО хеле муносибати ҷиддӣ дорад, қонуни қабулнамудаи Ол-

монро ҳамчун намунаи беҳтарини мубориза бо хабарҳои бардурӯғ номидааст. Инчунин, дар Филиппин барои ҳадафмандона паҳн намудани хабарҳои бардурӯғ ва гумроҳ намудани одамон ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар гардида, он низ ба қонуни қабулнамудаи Олмон ишора менамояд. Дар Венесуэла низ моҳи ноябри соли 2017 қонуне қабул гардидааст, ки тибқи он барои дар муддати 6 соат хазф накардани иттилооти номақбул шабакаҳои иҷтимоӣ бо маблағи калон ҷарима баста мешаванд. Ба иттилооти номақбул маводи дорои тарғибу ташвиқи ҷангу низоъ, барангезандаи кинаю адовати миллӣ, нажодӣ, динию мазҳабӣ, сиёсӣ ва ғ. дохил карда мешаванд. Дар Кения Агентии миллии алоқаи ин кишвар шабакаҳои иҷтимоиро уҳдадор менамояд, ки дар муддати 24 соат маводеро, ки аз ҷониби хадамоти алоқа пешниҳод мегардад, бояд нест намоянд. Комиссияи Иттиҳоди Аврупо, аз ҷумла ҳукуматҳои Британияи Кабир ва Фаронса шабакаҳои иҷтимоиро маҷбур менамоянд, ки маводи бо қонунҳои ин кишварҳо мухолифатдоштаро хазф намоянд, махсусан маводеро, ки хусусияти террористӣ, тундгарой ва иғвоангезӣ доранд [3].

Ба назар чунин мерасад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ барои пешгирии таъсири манфии назарфиребии сиёсӣ қонуни алоҳида қабул намудан зарур аст. Зеро, ташкилотҳои террористию экстремистии «Ҳизби наҳзати исломӣ», «Гурӯҳи 24», ба ном «Паймони миллии Тоҷикистон», дар шабакаҳои иҷтимоии Facebook, Instagram, Twitter ва YouTube ҳамарӯз маводҳоеро паҳн менамоянд, ки дар онҳо барангехтани кинаю адовати миллӣ, иғвоангезӣ, даъват ба зӯроварӣ, таблиғи ғояҳои ифротгарой ва тундгарой, бадбинию душманӣ, расонидани зарари маънавӣ, паст задани шаъну шараф ва ғ. ба мушоҳида мерасад. Агар пеши роҳи ин аъмол гирифта нашавад, ба афкори ҷамъиятӣ, амнияти иттилоотӣ ва суботи сиёсии кишвар таъсири манфӣ мерасонанд.

Дар раванди муқовимат бо назарфиребии сиёсӣ, инчунин, ба фаъолияти ташкилотҳои ғайридавлатию ғайриҳукуматие, ки фармоишҳои сиёсии субъектҳои хориҷиро иҷро менамоянд, таваҷҷуҳ зоҳир намудан зарур аст. Чунин амалҳои пешгирикунанда дар кишварҳои гуногуни олам, аз ҷумла аз ҷониби давлатҳои аврупой низ анҷом дода шудаанд. Барои мисол, моҳи январи соли 2017 ҳукумати Венгрия ташкилоти ғайриҳукуматии «Ҷамъияти кушода»-ро, ки ба Ҷ.Сорос тааллуқ дорад, барои дахолат намудан ба корҳои дохилии ин давлат гунаҳкор намуд. Баъди ошкор намудани чунин амалҳо дар ин кишвар фаъолияти ҳамаи ташкилотҳои шубҳанок хеле маҳдуд карда шудааст. Мавқеи ҳукумати Венгрия дар он ифода меёбад, ки ҳамаи ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандие, ки аз хориҷи кишвар маблағгузорӣ мешаванд, бояд зери назорати давлат қарор дошта бошанд, Зеро, онҳо метавонанд ба сифати субъектҳои таъсиррасон ба афкори ҷамъиятӣ баромад намоянд [9]. Дар ҳақиқат, дар шароити имрӯза фаъолияти баъзе ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ношаффоф гардида, барои ба амал баровардани назарфиребии сиёсӣ ва ба манфиати неруҳои сиёсии мухолиф анҷом додани он шароит фароҳам меоваранд. Инчунин, як гурӯҳ олимон дар мисоли

таҷрибаи кишварҳои осебпазир фаъолияти ташкилотҳои ғайриҳукуматиро таҳқиқ намуда, нақши онҳоро дар ташкили инқилобҳои ранга муайян намудаанд. Муҳаққиқи рус М.А. Бочанов дар таҳқиқоти худ ба хулосае меояд, ки «дар раванди ба амал омадани инқилобҳои ранга ташкилотҳои ғайриҳукуматие, ки аз хориҷи кишвар маблағгузорӣ мешаванд, қувваҳои асосии таҳрикдиҳандаи ин воқеаҳо мебошанд» [1, с.16].

Соли 2017 дар Федератсияи Россия бо назардошти тавсеаи миқёси ҷангҳои иттилоотӣ ва афзоиши таъсири назарфиребии сиёсӣ қонун дар бораи ангентҳои хориҷӣ қабул гардидааст. Аз соли 2017 то имрӯз бо назардошти бештар гардидани хавфу хатари назарфиребии сиёсӣ дар қонуни мазкур даҳҳо маротиба тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст. Тибқи муқаррароти ин қонун воситаи ахбори оммае, ки ҳамчун агенти хориҷӣ эълон мегардад, бояд дар Россия ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ба қайд гирифта шавад ва дар бораи харҷҳои молиявии худ ба вазорати адлияи ин кишвар ҳисобот диҳад. Инчунин, қонуни мазкур ин гурӯҳи ВАО-ро уҳдадор менамояд, ки дар маводи чопии худ дар шакли тамғаи махсус ишора намоянд, ки «маводи мазкур аз ҷониби ВАО-е нашр мешавад, ки вазифаҳои агенти хориҷиро иҷро менамояд». Дар ҳолати риоя нагардидани қоидаҳои тамғагузорӣ нашрияро аз 500 ҳазор то 5 млн рубли русӣ ҷарима менамоянд, агар танҳо дар як мавод тамғаи ба агенти хориҷӣ тааллуқ доштани мавод ишора нагардида бошад, нашрия аз 40 то 50 ҳазор рубли русӣ ҷарима карда мешавад. Агар дидаю дониста ва барқасдона муқаррароти ин қонун риоя нагардад, шахсони масъул то 300 ҳазор рубл ҷарима, ё ба муҳлати 2 сол аз озодӣ маҳрум карда мешаванд [4]. Дар доираи муқаррароти ин қонун аз соли 2017 то охири соли 2022 бештар аз 100 нафар рӯзноманигорон ва зиёда аз 50 васоити ахбори омма ба рӯйхати агентҳои хориҷӣ ворид карда шудаанд [11].

Дар раванди коркарди қарорҳо ва ташаккули механизмҳои муқовимат бо назарфиребии сиёсӣ дар шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ ба инобат гирифтани таҷрибаи Ҷумҳурии мардумии Чин дар самти мубориза бо технологияҳои назарфиребии сиёсӣ хеле муҳим мебошад. Таҳдиду хатари интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба суботи сиёсӣ ва амнияти миллӣ аз ҷониби роҳбарияти сиёсии Чин ба таври ҷиддӣ баҳогузорӣ гардидаанд. Бо ин мақсад бо ташаббуси бевоситаи роҳбарияти ин кишвар системаи мониторинги иттилооти шабакавӣ ташкил карда шудааст. Айни замон дар Чин низоми иттилоотие амал менамояд, ки ба воситаи он сарчашмаҳои иттилоотии берунае, ки хатарзо мебошанд, дастнорас гардонида мешаванд. Ҳанӯз соли 1998 Ҷумҳурии мардумии Чин лоиҳаи «Great China Firewall»-ро дар амал татбиқ сохта буд, ки ба воситаи он ҳамаи шабакаҳои иттилоотии интернетӣ филтратсия мешаванд. Ба андешаи бархе муҳаққиқон, системаи мазкур яке аз самараноктарин системаҳои филтратсияи интернетӣ ба шумор меравад [13].

Соли 2005 Бюрои сиёсии Ҳизбӣ коммунистии Чин оид ба таҳқиқи «инқилобҳои ранга» гурӯҳи махсусро таъсис медиҳад, ки вай воқеаҳои сиё-

сии Сербия, Қирғизистон, Гурҷистон ва Украинаро бояд меомӯхатанд. Коршиносони ин гурӯҳи корӣ роҳу усулҳои пешгирӣ намудани эътирозҳои оммавиро таҳия намуда, дастнорас гардонидани иттилооти шабакаҳои интернетиро пешниҳод намуда буданд. Тавсияҳои гурӯҳи корӣ солҳои 2011-2012, замоне ки мавҷи инқилобҳо кишварҳои арабиро фаро гирифта буд, ба таври васеъ истифода бурда шудаанд. Бо ин мақсад соли 2011 дар Чин Идораи давлатии иттилооти интернетӣ таъсис дода мешавад, ки назорати провайдерҳои интернетӣ, дастнорас гардонидани сомонаҳое, ки дар муқобили ҳукумати Чин иттилооти номақбул паҳн менамуданд, вазифаи асосии он ба шумор меравад.

Моҳи июни соли 2017 дар Чин қонун дар бораи амнияти кибернетикӣ қабул гардида буд. Қонуни мазкур раванди сохтан, ба кор андохтан ва истифода бурдани шабакаҳои иттилоотию иртиботиро танзим намуда, қоидаҳои таъмини амнияти кибернетикиро дар бар мегирад. Қонуни мазкур ба роҳбарияти Чин имкон медиҳад, ки дар мавриди таъмин намудани дастрасии аҳолӣ ба иттилооти саҳеҳ, дастнорас гардонидани иттилооти носаҳеҳ, махсусан дар пешгирии паҳншавии иттилооти номақбул салоҳияти зиёд дошта бошад. Моҳи майи соли 2017 президенти Чин Си Тзинпин иброз намуда буд, ки ширкатҳои интернетии ватанӣ бояд дар тозаю покиза нигоҳ доштани фазои кибернетикӣ саҳми худро дошта бошанд, ва моҳи июли ҳамин сол лоиҳаи қонун дар бораи тақвият додани назорат аз болои паҳншавии иттилоот низ пешниҳод гардида буд. Ғайр аз ин, 18 октябри соли 2017 зимни кушодашавии анҷумани XIX Ҳизби коммунистии Чин роҳбари он Си Тзинпин қайд намуда буд, ки фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд назоратро аз болои интернет фаъолтар намоянд ва барои пешгирӣ намудани паҳншавии ҳама гуна иттилооти носаҳеҳ тариқи интернет чораҳои саривақтӣ андешанд [12].

Яке аз воситаҳои дигаре, ки барои назорати фазои иттилоотии Чин истифода бурда мешавад, хизматрасонии блогерҳое мебошад, ки дар шароити махсус омода карда шудаанд ва дар сомонаҳои мухталиф сиёсати пешгирифтаи ҳукумати Чинро ба таври мусбат баҳогузорӣ мекунанд. Истифодаи ин тактика барои Чин то ба имрӯз натиҷаи зарурӣ додааст. Зеро, ҳар як маводи манфие, ки дар интернет нашр мегардад, аз ҷониби ин гуна блогерҳо мавриди масхара қарор мегиранд ва нисбат ба он шарҳу тафсири зарурӣ илова менамоянд [5]. Ба ғайр аз масъалаҳои сиёсӣ, ниҳодҳои расмии Чин назорати интернетро барои ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ низ зарур мешуморанд. Аз ҷумла, ҳимояи манофеи ширкатҳои иттилоотию интернетии Чин дар бозорҳои байналмилалӣ яке аз самтҳои афзалиятнок дар фаъолияти Идораи давлатии иттилооти интернетӣ ба шумор меравад.

Амалкарди роҳбарияти сиёсии Чин дар соли 2011, замоне ки мухолифини ҳукумат кӯшиш намуда буданд, ки аз рӯйи сенарияи кишварҳои арабӣ дар Чин тазоҳуроти оммавӣ ташкил намоянд, хеле ҷолиби диққат мебошад. Аз моҳи феврали соли 2011 дар сомонаҳои хориҷие, ки муҳоҷирони хитоӣ таъсис дода буданд, даъватҳо барои ташкил намудани ҳаракатҳои

эътирозӣ ва талаб намудани риояи ҳуқуқ, пешгирӣ намудани амалҳои коррупсионӣ ва ғ. паҳн карда шуда буданд. Фаъолон ба воситаи шабакаҳои Facebook ва Twitter одамонро барои анҷом додани тазоҳурот даъват менамуданд. Роҳбарияти сиёсии Чин раванди ташаккулёбии чунин воқеаҳоро ба инобат гирифта, на танҳо сомонаҳои мазкурро масдуд намуда буд, балки кӯшиш менамуд, ки хабарҳо дар бораи сабабҳои сар задани воқеаҳои сиёсӣ ва бетартибиҳои сиёсӣ дар кишварҳои арабӣ дар фазои иттилоотии Чин пайдо нашаванд. Дар баробари ҳамаи ин дар ин кишвар ба ташаккули контрпропаганда низ диққати зиёд дода шудаст. Аз ҷумла, гунаҳкор намудани баъзе давлатҳо барои дахолат намудан ба корҳои дохилии Чин, кӯшиши дар Чин ташкил намудани инқилоби ранга аз ҷониби онҳо, ниятҳои ғаразнок доштани баъзе давлатҳо ва ғ. ҳамаҷониба тарғибу ташвиқ карда мешаванд. Масалан моҳи феврали соли 2011 дар сомонаҳои хитоӣ сабти видеоие пайдо шуда буд, ки дар он сафири ИМА дар Чин Ҷ.М. Хантсман дар байни тазоҳургарон бо муҳофизони худ қадам зада истодааст. Дар зери ин навор таҳиягарони он чунин ҷумлаҳоро насб намуда буданд: «Дар Чин мушкилиҳо бисёранд, аммо мо дахолати амрикоиро намехоҳем! Намехоҳем, ки ба мисли Ироқ, Тунис ва Миср шавем!». Навори мазкур садҳо ҳазор бинанда пайдо карда, истифодабарандагони интернет дар шарҳҳои худ иброз доштаанд, ки сар задани инқилоби ранга дар Чин пешгирӣ карда шавад.

Яке аз воситаҳои хеле муассири пешгирӣ намудани паҳншавии иттилооти носаҳеҳ, анҷом додани назорати ҷиддӣ аз болои ин раванд ва муқовимат кардан бо назарфиребии сиёсӣ – ин ташкил намудани шабакаҳои иҷтимоии миллӣ мебошад. Дар ин самт Ҷумҳурии мардумии Чин пешсаф аст. Аввалин шуда Чин дар фазои иттилоотии кишвар шаклҳои алтернативии шабакаҳои иҷтимоиро сохта, ба истифода додааст. Дар шароите, ки ҷангҳои иттилоотӣ ва назарфиребии сиёсӣ дар сатҳи баланд қарор мегирад, масдуд намудану дастнорас гардонидани шабакаҳои иттилоотию иртиботӣ яке аз қадамҳои аввалини таъмини амнияти иттилоотӣ мебошад. Аммо, барои дастрас намудани имкониятҳои иттилоотию иртиботӣ ба аҳолии мамлакат пешниҳод намудани моделҳои миллии шабакаҳои иҷтимоӣ хеле иқдоми натиҷабахш аст.

Яке аз чунин шабакаҳои миллӣ ва алтернативӣ шабакаи «WeChat» мебошад. Айни замон ин шабака 1,17 млрд истифодабарандаи фаъол дорад, ба ҳисоби миёна ҳар як истифодабаранда дар як шабонарӯз 82 дақиқаи худро дар он сарф менамояд, ҳамарӯза дар ин шабака 68 млн видеороликҳо ва 45 млрд паёмҳо аз ҷониби истифодабарандагон нашр карда мешаванд. Ин шабакаи интернетӣ пайваста бо табъу завқи истифодабарандагон мувофиқ кунонида мешавад. Ҳоло дар он низоми муошират, шиносоӣ, пардохти хизматрасониҳо ва харидҳои электронӣ, бозиҳо, хизматрасонии сохтани блогҳо ва сомонаҳо, нашр намудани видеороликҳо ва монанди инҳо ҷойгир карда шудаанд [10].

Ғайр аз ин, дар муқобили шабакаи иҷтимоии Twitter намунаи хитоии он бо номи «Weibo» сохта шудааст, ки айни замон 533 млн истифодабаранда дорад. Шабакаи иҷтимоии «QQ» бошад вазифаҳои WhatsApp ва Viber-ро иҷро мекунад ва ҳоло 647 млн истифодабаранда дорад. Ба ҷойи шабакаи иҷтимоии TikTok ширкатҳои иттилоотию мухобиротии Чин шабакаи «Douyin»-ро сохта ба истифода додаанд, ки айни замон аз ҷониби 518 млн нафар истифода бурда мешавад. Барои маҳдуд намудани имкониятҳои манипулятивии шабакаи иҷтимоии Youtube хитоиҳо шабакаи миллии «Youku»-ро сохтаанд, ки ҳоло 500 млн истифодабаранда дорад. Инчунин, дар Чин шабакаи иҷтимоии «Bilibili» сохта шудааст, ки он низ намунаи алтернативии Youtube дониста мешавад [10]. Ба ҳамин монанд, аз ҷониби соҳибкорон ва ширкатҳои хитоӣ даҳҳо шабакаҳои иҷтимоие сохта шудаанд, ки барои пурра намудани фазои иттилоотии ин кишвар ва аз ҳама муҳим барои имконпазир гардонидани назорати иттилооти паҳншаванда хизмат мерасонанд.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон сохта ба истифода додани чунин шабакаҳои иҷтимоӣ дар шароити имрӯза хеле зарур мебошад. Дар раванди ташкили ин кор бояд шавқу завқи истифодабарандагони интернет ба инобат гирифта шавад ва афзалияти асосӣ ба он шабакаҳои иҷтимоие дода шавад, истифодабарандаи бештар доранд. Анҷом додани ин амал бо назардошти чанд масъала хеле муҳим мебошад. Якум, ин ки шабакаҳои иҷтимоии миллӣ имкон медиҳад, ки фазои иттилоотии кишвар ҳифз карда шавад ва бо ин восита таъсири иттилооти беруна ба афкори ҷамъиятӣ коҳиш ёбад. Дуюм, ин ки назорати раванди паҳншавии иттилооти саҳеҳ ва носаҳеҳ барои мақомоти дахлдор имконпазир мегардад. Сеюм, ин ки шаҳрвандони мамлакат дар шароити масдуд гардидани баъзе сарчашмаҳои иттилоотӣ имкони истифода намудани шабакаҳои иҷтимоии миллиро пайдо намуда, иртибот ва муошират худро метавонанд мувофиқ ба табъу завқи худ идома диҳанд.

Ҳамин тариқ, бо назардошти таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ маҳдуд намудани имкониятҳои назарфиребии сиёсӣ ва танзими равандҳои интиқоли иттилоотӣ дар заминаи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва ташаккулдиҳии қонунгузории миллӣ имконпазир мебошад. Дар шароити афзоиши бемайлони миқёси истифодабарии технологияҳои назарфиребӣ дар шабакаи интернет таҳия ва қабул намудани қонун дар бораи муқовимат бо назарфиребии сиёсӣ дар шабакаи интернет хеле зарур мебошад. Дар қонуни мазкур бояд моҳияти назарфиребии сиёсӣ мушаххас карда шуда, роҳу усулҳои дар амал татбиқ намудани он, муҷозот ва ҷазо барои анҷом додани ин гуна амалҳо муқаррар карда шаванд. Албатта, қабули чунин қонун метавонад боиси афзоиш ёфтани сензураи давлатӣ ва маҳдуд гардидани озодии сухан шавад, ки дар натиҷаи ин технологияҳои назарфиребии сиёсӣ дар инҳисори мақомоти давлатӣ қарор мегиранд. Бинобар ин, дар қонуни мазкур ҳама гуна усулҳои роҳандозӣ намудани назарфиребии сиёсӣ, новобаста

ба он ки чунин амалҳо аз ҷониби кадом субъект анҷом дода мешаванд, бояд мушаххас гарданд.

Инчунин, барои пешгирӣ намудани таъсири манфии назарфиребии сиёсӣ дар шабакаи интернет баланд бардоштани саводнокии иттилоотии шаҳрвандон низ зарур дониста мешавад. Шаҳрвандони мамлакат хавфу хатареро, ки аз истифодаи технологияҳои назарфиребии сиёсӣ бармеоянд, бояд дарк карда тавонанд. Дар ин замина, баланд бардоштани фарҳанги истифодабарии иттилоот дар рафтори шаҳрвандон ва дар онҳо ташаккул додани муносибати танқидӣ нисбат ба иттилооти паҳншаванда хеле зарур дониста мешавад. Бо ин мақсад, агар дар макотиби таҳсилотии олии касбӣ фанни таълимие ҷорӣ карда шавад, ки дар он ҷустуҷӯи иттилоот дар интернет, кор бо сарчашмаҳои иттилоотии интернет ва муайян намудани дурустии иттилооти иҷтимоию сиёсӣ ба донишомӯзон шарҳу баён гардад, дар ташаккули фарҳанги истифодабарии иттилоотии онҳо таъсири амиқ мерасонад. Аз ҳама муҳим ин аст, ки ҷомеа зарурати танзим ва муқовимат намудан бо назарфиребии сиёсиро дарк намуда, метавонанд дар ин раванд, на танҳо иштироки фаъол варзанд, балки ниҳодҳои ҷамъиятии муқовимат бо ин падидаро ба вуҷуд ованд. Албатта, ташаккул додани мавқеи манфӣ ва муносибати танқидӣ нисбат ба назарфиребии сиёсӣ дар миқёси ҷомеа кори хеле мушкил аст. Аз ин рӯ, кӯшиш ба харҷ додан лозим аст, ки дар раванди мубориза бо иттилооти носаҳеҳ фаъолони ҷамъиятӣ худ боиси паҳн намудани ҳар гуна хабарҳои бардурӯғ нагарданд ва манфиатҳои миллии кишварро зери таҳдиду хатар қарор надиҳанд. Бинобар ин, муносибати танқидӣ ва тафаккури танқидии ҷомеа нисбат ба ин падида метавонад самаранокии онро коҳиш диҳад.

Воситаи дигаре, ки дар самти муқовимат бо назарфиребии сиёсӣ метавонад натиҷаи дилхоҳ ба бор оварад, ин ҳалли масъалаҳои техникию технологӣ мебошад. Бояд дар шабакаҳои иҷтимоии миллӣ ва дар заминаи онҳо низомҳои ҷустуҷӯи иттилоотию иртиботӣ ташкил карда шавад. Шабакаҳои иҷтимоии алтернативӣ имкон медиҳанд, ки на танҳо раванди паҳншавии иттилооти носаҳеҳ ба таври ҷиддӣ зери назорати мақомоти давлатӣ қарор дода шаванд, балки дар шароити дастнорас гардонидани сарчашмаҳои дигари иттилоотӣ, ки хабарҳои носаҳеҳро паҳн менамоянд, дастрасии ҷомеа ба иттилооти саҳеҳ таъмин карда шавад. Дар ин самт истифодаи таҷрибаи Ҷумҳурии мардумии Чин ба мақсад мувофиқ мебошад. Дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқовимат бо назарфиребии сиёсӣ дар шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ дар сатҳи зарурӣ коркард нашудаанд. Аз ин рӯ, дар сиёсати иттилоотӣ ва иттилоотонии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муқовимат намудан бо назарфиребии сиёсӣ истифода намудани таҷрибаи давлатҳои муваффақ хеле зарур мебошад. Дар маҷмӯъ, барои маҳдуд намудани таъсири манфии назарфиребии сиёсӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ анҷом додани чунин корҳо зарур дониста мешаванд: коркард ва қабули қонуне, ки истифодаи технологияҳои гуногуни назарфиребии сиёсиро маҳдуд менамояд; баланд бардоштани фарҳанги истифодабарии иттилоот аз ҷониби

шаҳрвандон ва дар онҳо ташаккул додани тафаккури танқидӣ; ҳалли масъалаҳои техникию технологие, ки самаранокии истифодаи технологияҳои назарфиребиро коҳиш медиҳанд ва имконияти душманони миллатро маҳдуд месозанд; ба таври доимӣ мавриди омӯзиш қарор додани таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ оид ба муқовимат бо назарфиребии сиёсӣ ва истифода намудани онҳо дар амалияи сиёсию ҷамъиятии ватанӣ.

АДАБИЁТ

1. Бочанов М.А. «Цветные революции как фактор трансформации внешнеполитических стратегий государств на постсоветском пространстве: автореф. дис. … канд. полит. наук: 23.00.04 / М.А. Бочанов. –Орел, 2011. –23 с.

2. В борьбе с фейками и клеветой Германия положилась на Facebook [Электронный ресурс]. –URL: https://www.dw.com/ru/в-борьбе-с-фейками-и-клеветой-германия-положилась-на-facebook/a-42121155 (дата обращения: 12.10.2021 г.)

3. Германия: новый закон о соцсетях [Электронный ресурс]. –URL: https://www.hrw.org/ru/news/2018/02/14/314928 (дата обращения: 25.01.2022 г.)

4. Закон о СМИ-«иноагентах» набирает силу. Хронология [Электронный ресурс]. –URL: https://ovdinfo.org/articles/2021/06/21/zakon-o-smi-inoagentah-nabiraet-silu-hronologiya (дата обращения: 29.10.2021 г.)

5. Кто такие умаодан, и как они связаны с мемами про председателя Xi? [Электронный ресурс]. –URL: https://habr.com/ru/company/ruvds/blog/597869/ (дата обращения: 13.09.2021 г.)

6. Монтень М. Эссе или опыты. Пер. с франц. –М.: Эксмо, 2019. –155 с.

7. Немецкий закон против ненависти и травли в Интернете [Электронный ресурс]. –URL: https://www.partner-inform.de/partner/detail/2017/12/324/8833/zakon-protiv-nenavisti-i-travli-v-internete?lang=ru (дата обращения: 01.12.2021 г.)

8. Пирущий О.Н. Телевидение и интернет как средства политической манипуляции: автореф. дис. … канд. полит. наук: 23.00.02 / О.Н. Пирущий. – Ставрополь, 2009. –22 с.

9. Побег "иностранного агента". Почему фонд Сороса уходит из Венгрии [Электронный ресурс]. –URL: https://www.bbc.com/russian/features-44127677 (дата обращения: 12.11.2021 г.)

10.Социальные сети Китая [Электронный ресурс]. –URL: https://as-pacific.com/blog/category-kitayskiye-sotsialnyye-seti-i-messendzhery/socialnye-seti-kitaia/ (дата обращения: 01.05.2022 г.)

11.Число СМИ-"иноагентов" в России превысило 100 [Электронный ресурс]. –URL: https://www.bbc.com/russian/news-59011912 (дата обращения: 29.10.2021 г.)

12.Федоров А.П. Об опыте Китая по противодействию манипуляционным технологиям в социальных сетях Интернета // Вестник Московского государственного областного университета. – 2018. –№2. –С.179-188.

13.Фильтрация контента в Интернете. Анализ мировой практики (Китай) [Электронный ресурс]. –URL: http://www.daokedao.ru/2013/05/23/filtraciya-kontenta-v-internete-analiz-mirovoj-praktiki-kitaj/ (дата обращения: 17.12.2021 г.)

ПУТИ И МЕТОДЫ ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ ПОЛИТИЧЕСКИМ МАНИПУЛЯЦИЯМ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

НУРИДДИНЗОДА САЙДЖАМОЛИДИН ХАЙДАР,
соискатель кафедры политологии Кулябского государственного Университета имени А.Рудаки.
735360, Таджикистан, Хатлонская область, г.Куляб, улица С.Сафарова, 16;
Тел.: +992 988-50-00-08; e-mail: mp.kulob@mail.ru

В данной статье анализируются пути и методы борьбы с политическими манипуляциями. Эта технология используется как средство воздействия на общественное мнение для достижения политических целей. Сегодня технологии политического манипулирования являются важнейшими элементами информационно-психологической войны. Они широко используются государствами, транснациональными организациями и даже террористическими и экстремистскими организациями. Наблюдения показывают, что масштабы использования политических манипуляций в Интернете растут и такая ситуация создает новые угрозы. В том числе, присоединение молодежи рядом террористических организаций, радикализация общества, организация цветных революций, проведение массовых акций протеста, разделение общества на разные слои и т.д. являются результатом этого явления. Наряду с использованием имеющегося потенциала общества важно учитывать и опыт других стран. В современных условиях политические манипуляции негативно сказываются на любом государстве, и некоторые государства добились значительных успехов в борьбе с этим явлением. Осознавая угрозу и опасность этого явления, важно также разработать и принять закон о противодействии политическому манипулированию.

Ключевые слова: *политическая манипуляция, информационная культура населения, социальные сети, политические технологии, недостоверная информация, пропаганда экстремистских идей.*

MEANS AND METHODS FOR COUNTERING POLITICAL MANIPULATION IN MODERN CONDITIONS

NURIDDINZODA SAYJAMOLIDIN HAYDAR,
the applicant for the Department of Political Science of the Kulyab State University named after A. Rudaki.
735360, Tajikistan, Khatlon region, Kulyab city, S. Safarov street, 16;
Tel .: +992 988-50-00-08; E-mail: mp.kulob@mail.ru

In this article analyzes the ways and methods of combating political manipulation. This technology is used as a means of influencing public opinion to achieve political goals. Today, political manipulation technologies are the most important elements of information and psychological warfare. They are widely used by states, transnational organizations and even terrorist and extremist organizations. Observations show that the use of political manipulation on the Internet is growing and this situation creates new threats. Including, youth joining the ranks of terrorist organizations, the radicalization of society, the organization of color revolutions, the holding of mass protests, the division of society into different layers, etc. are the result of this phenomenon. Along with using the existing potential of society, it is important to take into account the experience of other countries. In modern conditions, political manipulation negatively affects any state, and some states have achieved significant success in combating this phenomenon. Realizing the threat and danger of this phenomenon, it is also important to develop and adopt a law on countering political manipulation.

Keywords: *political manipulation, information culture of the population, social networks, political technologies, unreliable information, propaganda of extremist ideas.*

УДК: 323.4

ЗАРУРАТИ ТАШАККУЛИ СИЁСАТИ ҲАРБӢ ДАР ШАРОИТИ ТАҒЙИРЁБИИ ВАЗЪИ ГЕОПОЛИТИКИИ ОЛАМ

ОЛИМШОЗОДА ФАРҲОДШО ОЛИМШО,
аспиранти кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ
734003, Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121,
. тел.: (+992) 988-42-07-05

Дар мақолаи мазкур зарурати ташаккули сиёсати ҳарбӣ ва рушди иқтидори ҳарбии давлат бо назардошти тағйирёбии вазъи геополитикии олам нишон дода шудааст. Муаллиф дигаргуниҳои се даҳсолаи охирро таҳлил намуда, равандҳои сиёсии ҷаҳониро пешгӯинашаванда номидааст. Чунин тамоюлот сабабҳои асосии пайдоиши таҳдиду хатарҳои нав гаштаанд. Дар чунин шароит сиёсати ҳарбии давлат ва неруҳои ҳарбии кишвар воситаи асосии таъмини амнияти миллӣ ба шумор мераванд.

Калидвожаҳо: *вазъи геополитикӣ, сиёсати ҳарбӣ, таҳдидҳои ҳарбӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҷаҳони бисёрқутба, терроризми байналмилалӣ.*

Мавқеи геополитикии Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозои онро менамояд, ки ба сиёсати ҳарбии давлат таваҷҷуҳи бештар дода шавад. Ғайр аз ин тағйирёбии вазъи геополитикии охири асри XX ва ибтидои асри XXI, аз ҷумла пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ, дигаргуншавии тавозуни қувваҳо дар ҷаҳон, пайдо гардидани бозиҳои нави геополитикӣ, бархӯрди манфиатҳои геополитикӣ, ба вуҷуд омадани терроризми байналмилалӣ, аз лиҳози ҳарбию сиёсӣ ноором гардидани минтақаҳои гуногуни олам бо диди нав ташаккул додани сиёсати ҳарбиро ба миён овардааст. Таъсири манфии чунин тамоюлот ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали ба даст овардани Истиқлолият эҳсос мегардад. Агар ба таърихи 30 соли сипаригардидаи давраи соҳибистиқлолӣ назар намоем, мушоҳида намудан мумкин аст, ки пайдоиши равандҳои сиёсии оштинопазир аз иқтидори ками ҳарбии давлат ва сипас ба вуҷуд омадани оромию субот аз мустаҳкамшавии фаъолияти ниҳодҳои ҳарбӣ ва ташаккули сиёсати ҳарбии давлат вобаста мебошад. Дар солҳои аввали Истиқлолият яку якбора канда шудани алоқаҳои ҳарбию сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ бо кишварҳои дигари пасошӯравӣ боиси ба вуҷуд омадани вазъияти ногувор шуд. Чунин ҳолатро дар соҳаи ҳарбӣ низ эҳсос намудан мумкин буд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 23-юми феврали соли 2022 зимни суханронӣ ба муносибати 29-солагии таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз намуданд, ки «Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистони соҳибистиқлол дар шароити ниҳоят мураккабу ҳассоси сиёсиву низомӣ ва иқтисодиву иҷти-

моии таърихи мардуми тоҷик ва давлати тоҷикон таъсис дода шуданд. Зеро, таъсиси Артиши миллӣ ҳамчун яке аз рукнҳои муҳимтарини давлатдории миллӣ зарурати шадиди рӯз ва тақозои мубрами он айёми басо вазнину тақдирсоз буд. Бо вуҷуди ҳама норасоиву мушкилоти он айём, 23-юми феврали соли 1993 аввалин паради ҳарбии Артиши миллӣ доир гардид ва афсарону сарбозони содиқи Ватан дар ин чорабинӣ бо ифтихору эҳсоси баланди ватандӯстӣ иштирок намуданд» [8].

Ҳамзамон қобили зикр аст, ки вазъи нооромии Ҷумҳурии Афғонистон барои Тоҷикистон мушкилиҳои нав ба навро эҷод менамояд. Ҳалли масъалаҳои марбут ба Афғонистон ва аз таъсири он бавуҷудоянда бештар характери ҳарбӣ доранд.

Таъсири терроризми байналмилалӣ ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мубориза бо фаъолияти тахрибии ташкилотҳои террористию экстремистӣ аз рӯзҳои аввали ба даст овардани Истиқлолият дар дохили кишвар эҳсос мегардид. Ташкилотҳои террористию экстремистӣ то ҳанӯз ба суботи сиёсӣ ва амнияти миллии Тоҷикистон таҳдид намуда истодаанд.

Ғайр аз ин, солҳои охир, бо дахолати нерӯҳои хориҷӣ дар мамлакатҳои олоҳида ташкил намудани инқилобҳои ранга ва сар задани бетартибиҳои сиёсӣ бори дигар нақш ва мавқеи нерӯҳои ҳарбиро дар таъмини амнияти миллӣ нишон медиҳад. Воқеаҳои Белорусия ва Қазоқистон нишон доданд, ки артиши мустаҳкам ва иқтидори зарурии ҳарбӣ метавонад пеши роҳи ҳама гуна бетартибиҳои сиёсии таҳмилиро гирад. Инқилобҳои рангаи солҳои охир аллакай бо унсурҳои террористӣ омезиш пайдо намудаанд.

Дар маҷмӯъ, вазъи геополитикии ҷаҳони муосир ва мавқеи геополитикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди ташаккули давлатдории миллӣ бо назардошти анҷомёбии «ҷанги сард», пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ, ба амал омадани хавфу хатарҳои навини ҳарбӣ-сиёсӣ бояд баҳогузорӣ карда шавад. Дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI дар сатҳи ҷаҳонӣ асосан ду тамоюлро мушоҳида намудан мумкин буд. Аз як ҷониб, ба вуҷуд омадани заминаҳо барои коҳишёбии шиддати муносибатҳои байналмилалӣ боиси тавсеа ёфтани ҳамкориҳои иқтисодӣ, гуманитарӣ, муносибатҳои дӯстона байни давлатҳо ва минтақаҳо гардид, ки дар солҳои «ҷанги сард», бинобар сабаби мавҷуд будани муборизаҳои идеологӣ, дар чунин шакл зоҳир шудани онҳо аз имкон берун буд. Дар ҷаҳони дуқутба, мухолифатнок ва пуршиддат яку якбора равандҳои глобализатсионӣ, ҳамгироии минтақавӣ, механизми ташаккулёбии тамаддунӣ ва моделҳои гуногуни рушди иҷтимоӣ ба амал омаданд. Чунин тамоюлотро дар ташаккулёбии бозорҳои ҷаҳонӣ, ки фазоҳои иқтисодии кишварҳо ва минтақаҳои гуногуни оламро дар худ шомил месозад, ташаккулёбии механизмҳои демократикунонӣ ва мустаҳкамшавии меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, ба вуҷуд омадани созмонҳо ва иттиҳодияҳои байнидавлатӣ, имконпазир гардидани инқилобҳои илмӣ-техникӣ ва дар заминаи он, дастаҷамъона аз худ намудани фазои кайҳонӣ, ҷустуҷӯ ва дарёфт кардани роҳу усулҳои нави сарчашмаҳои энергия, ба вуҷуд овардани технологияҳои нав мушоҳида кардан мумкин аст. Чунин дастовардҳо барои аз

байн бурдани падидаҳои манфии хусусияти дезинтегратсионидошта бояд мусоидат менамуданд. Чунончӣ, нажодпарастӣ, шовинизм, миллатчигӣ, ҷудоихоҳӣ, тоталитаризм ва ғ. падидаҳое манфии асри XX муаррифӣ гардида, ҳамчун монеаи ҷиддӣ дар самти ҳамкориҳои байнидавлатӣ ва ҳамгироии минтақавӣ дониста мешаванд.

Ғайр аз ин, мубориза бо мероси даврони мустамликадорӣ ва махсусан, мустамликадории нав, аз ҷумла коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ дар кишварҳои Осиё, Африқо ва Амрикои Лотинӣ, ба воситаи механизмҳои татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ ва дар доираи фаъолияти созмонҳои ҷаҳонию минтақавӣ мустаҳкам намудани нақш ва мавқеи Истиқлолияти сиёсии давлатҳо низ ҳамчун арзиши олӣ эътироф мегардад. Ҳамин тариқ, аз байн рафтани «девори Берлин», аз ҳудудҳои Аврупо берун баровардани нерӯҳои ҳарбии шӯравӣ, барҳам хӯрдани Созмони аҳдномаи Варшава, пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ нишонаҳои дигаргуншавии идеологию сиёсии ҷаҳони муосир ба шумор мерафтанд [6, с.27].

Ҳамзамон, ба ҷойи ҷаҳони дуқутба низоми ҷаҳонии бисёрқутба ба вуҷуд омад, ки дар он халқҳо ва миллатҳо барои мустақилона муайян намудани тақдири ояндаи худ, интихоби рушди иҷтимоию иқтисодии худ кӯшиш менамуданд ва барои эҳёи арзишҳои фарҳангӣ ва хотираи таърихӣ метавонистанд талош варзанд. Инчунин, сатҳи рушди иқтисодӣ, ниҳодҳои демократии ҷомеа, эҳёи анъанаҳо ва фарҳанги миллӣ ва дар маҷмӯъ, рушди симои миллию тарзи зиндагии халқҳо метавонист дар шароити соҳибистиқлолии онҳо ба амал бароварда шавад. Дар шароити ташаккулёбии низоми демократӣ ва татбиқи амалии арзишҳои демократӣ инсоният худро нисбатан озодтар эҳсос намуда, боварӣ ба фардои дурахшон ва ҷомеаи бехатарро дар раванди давлатсозӣ ва давлатдории миллӣ мебинад. Чунин тамоюлҳо замоне ба амал меомаданд, ки хавфу хатари рух додани ҷанги ядроӣ, ки солҳои пуртаниши 60-ум ва 80-ум эҳсос мегардид, аз байн рафта буд. Аз ин рӯ, инсоният худро нисбатан ором ва дур аз хатар эҳсос менамуд.

Аз ҷониби дигар дар охири солҳои 90-ум дар баробари тавсеаи равандҳои ҳамгироӣ, инчунин, барои пайдоиши тамоюлоти зиддиинтегратсионӣ як қатор омилҳо, заминаҳо ва шарту шароитҳо пайдо мегарданд, ки минбаъд боиси муташанниҷ гардидани вазъи геополитикии олам ва шиддат ёфтани низоми муносибатҳои байналмилалӣ мешаванд. Айни замон низоми ҷаҳонӣ ва равандҳои сиёсии дохилию беруна зери таъсири омилҳои мазкур қарор гирифта, аз ҳамгироӣ дида бештар ба самти парокандашавӣ ва муносибатҳои пурихтилоф майл менамояд. Маълум аст, ки дар солҳои 40-ум ва 80-уми асри гузашта равандҳои сиёсии ҷаҳонӣ сохтори мураккаби фазои геополитикии оламро ташкил менамуданд. Ба таври умумӣ зоҳиршавии онҳоро дар ду шакл нишон додан мумкин аст: зоҳиршавии онҳо ба таври горизонталӣ (халқҳо, миллатҳо, ҷомеаҳо, мамлакатҳо, давлатҳо, омилҳои таърихию ҷуғрофии онҳо, заминаҳои ташаккулёбӣ ва ҳудудҳои сарҳади давлатӣ) ва ба таври вертикалӣ (дар марҳилаҳои гуногун ва дараҷаҳои гуногун қарор доштани рушди иқтисодӣ, иҷтимоию сиёсӣ, фарҳангӣ-маънавӣ ва илмию техникии давлатҳо ва

миллатҳо) [1, с.18]. Бинобар ин, дараҷаҳои ҳамгироии давлатҳоро дар равандҳои сиёсии ҷаҳонӣ ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

- фаъолияти Созмони Милали Муттаҳид ва дигар ташкилотҳои байналмилалию минтақавие, ки ҳуқуқи байналмилалиро намояндагӣ мекарданд;

- таҷрибаҳои сиёсии иттиҳодияҳои минтақавӣ ва дохилиминтақавие, ки дар онҳо ҳамкориҳои байнидавлатӣ ва манфиатҳои фаромиллии онҳо ифода мегардид;

- фаъолияти хориҷӣ, ҳамкориҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷии давлатҳои соҳибистиқлол, шаклҳо, воситаҳо ва роҳу усулҳои истифоданамудаи онҳо барои ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва таъмини амнияти миллии онҳо.

Дар ибтидои солҳои 90-ум бо назардошти дигаргуниҳои геополитике, ки дар боло номбар гардиданд, дар дараҷаҳои вертикалӣ ва горизонталии ҳамгироии минтақавӣ ва байналмилалӣ тағйиротҳои назаррас ба амал омаданд, ки онҳо, пеш аз ҳама, рушди нобаробари давлатҳо, қафомонии баъзеи онҳо,, афзалият пайдо намудани як зумра кишварҳоро ифода менамуд. Ҳамин тариқ, дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI тадриҷан дар равандҳои сиёсии ҷаҳонӣ пайдоиши субъектҳои нави геополитикӣ ба мушоҳида мерасад. Япония, Чин, Ҳиндустон, Туркия, Покистон, кишварҳои арабӣ, Эрон, Австралия, Бразилия, давлатҳои Аврупои Ғарбӣ, ИМА, Россия ва ғ. ҳамчун субъектҳои геополитикӣ дар равандҳои сиёсии ҷаҳонӣ таъсири худро нигоҳ дошта, ҷаҳони дуқутбаро ба ҷаҳони бисёрқутба табдил доданд.

Фаъолнокӣ ва нуфузи пештараи чунин ташкилотҳои байналмилалӣ ба монанди СММ, САҲА ва ғ., ки ҳуқуқи байналмилалиро намояндагӣ мекарданд, хеле коҳиш меёбад. Роҳу усулҳо ва механизмҳои пештар мавҷудбудаи онҳо, дар ҳалли низоъҳои сиёсӣ корношоям гардидаанд. Айни замон низ чунин ҳолатро ба осонӣ мушоҳида намудан мумкин аст. Масалан, созмонҳо,и байналмилалӣ айни замон дар пешгирии инқилобҳои ранга, ҳалли низоъҳои сиёсии Украина, Шарқи Наздик, пешгирии паҳншавии яроқи ядроӣ, терроризми байналмилалӣ ва экстремизми сиёсӣ таъсири хеле кам доранд [2]. Чунин ҳолат шаҳодат аз он медиҳад, ки давлатҳои замони муосир ба мисли солҳои ҷанги сард ба парадигмаи реалистӣ рӯ оварда, ҳимояи манфиаҳои миллии худро ба воситаи неруҳои ҳарбӣ дар мадди аввал мегузоранд. Чунин вазъро аз модернизатсияи соҳаи ҳарбӣ, рушди техника ва технологияҳои ҳарбӣ, афзоиш ёфтани маблағгузории соҳаи ҳарбӣ, ба вуҷуд омадани қисмҳои иловагӣ дар низоми ҳарбӣ ва ислоҳоти доимии ин соҳа дар сиёсати ҳарбии давлатҳо ба осонӣ мушоҳида намудан мумкин аст.

Айни замон давлатҳои абарқудрат барои расидан ба мақсадҳои сиёсии худ артиши киберӣ ташкил намуда, иқтидори технологияҳои навин, аз ҷумла зеҳни сунъӣ, техникаи ҳарбии бесарнишин ва фазои кайҳониро ба таври васеъ истифода менамоянд. Дар баробари ҳамаи ин, дар зери таъсири рушди бемайлони технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ афзоиши миқёси глобализатсия, механизмҳои ҳамгироии иқтисодӣ ва бештар гардидани вобастагии иқтисодии давлатҳо, тавсеаи равандҳои демократикунонӣ ба амал омада истодаанд. Дар чунин шароит дар минтақаҳои гуногуни олам аз рӯйи як қатор

принсипҳо ташкилоту созмонҳо,и минтақавӣ ба вуҷуд оварда шудаанд. Масалан, НАТО, Иттиҳоди Аврупо, ИДМ, СПАД, СҲШ, СКИ ва ғ. Пайдоиш ва ташаккулёбии созмонҳо,и минтақавӣ, пеш аз ҳама, дар шароити коҳишёбии нуфузи созмонҳо,и байналмилалӣ агар ба амал омада бошанд, масъалаи дигаре, ки ин равандро тақвият медиҳад, бо роҳу усулҳои нав дахолат намудан ба корҳои дохилии давлатҳо мебошад. Дар шароити имрӯза субъектҳои гуногунсатҳи равандҳои сиёсӣ ба мисли солҳои қаблӣ наметавонанд бевосита ба корҳои дохилии давлат дахолат намоянд. Аз ин рӯ, онҳо, механизмҳои нави дахолат намудан ба корҳои давлатиро ташаккул додаанд, ки ҳамаи ин гуна василаҳо таҳдидҳои нави замонавӣ ба шумор мераванд. Аз ҷумла, терроризм ва экстремизм, маблағгузорӣ намудани ин гуна ҳизбу ҳаракатҳо, ташкил намудани инқилобҳои ранга зери шиори демократикунонӣ, таҳримҳои иқтисодӣ, фишорҳои байналмилалӣ зери шиори риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва ғ. воқеиятҳои имрӯзаро ташкил медиҳанд.

Дар натиҷаи чунин дигаргуниҳо аз лиҳози рушди иқтисодӣ дар байни давлатҳои олам тафовутҳои зиёд ба амал меояд. Давлатҳои камбизоати Осиё, Африқо ва Амрикои Лотинӣ дар натиҷаи бархӯрдҳои шадиди геополитикӣ ҳанӯз ҳам имкони таъмин намудани рушди устувори худро надоранд. Дар баробари шиддати сиёсии анъанавӣ, ки байни Шарқу Ғарб мавҷуд буд, инчунин, шиддатнокии Шимолу Ҷануб низ пайдо гардидааст. Кишварҳои ҷанубӣ, ки пештар ҳудудҳои истеъморӣ ба шумор мерафтанд, ҳанӯз ҳам қарзҳои зиёди давлатҳои ғарбӣ, ширкатҳои фаромиллӣ ва қарзҳои бонкҳои онҳо,ро бар дӯш доранд. Давлатҳои тозаистиқлол дар чунин шароит бо мушкилиҳои ҷиддии таҳкими давлатдорӣ рӯ ба рӯ гардида, метавонанд бо дахолати абарқудратҳои сиёсати ҷаҳонӣ ба нуқтаҳои даргир ва минтақаҳои низоӣ табдил дода шаванд. Махсусан, барои кишварҳои тозаистиқлоли пасошӯравӣ, аз ҷумла барои Тоҷикистон вазъияти баамаломада хеле хатарнок мебошад. Бе ин ҳам, мо шоҳиди он ҳастем, ки дар тӯли 30 соли соҳибистиқлолӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон чӣ қадар мушкилиҳои сиёсию давлатдориро паси сар намуд. Ҷанги шаҳрвандӣ, дахолати давлатҳои дигар ба корҳои дохилии Тоҷикистон, кӯшиши интиқол додани инқилобҳо ба Тоҷикистон, терроризм ва амалҳои террористӣ, кӯшиши ташкил намудани табаддулоти давлатӣ, ҳуҷумҳои иттилоотӣ ва радикализатсияи ҷомеа таҳдиду хатарҳое мебошанд, ки дар баробари чораҳои сиёсию иқтисодӣ барои пешгирӣ намудани он артиши пуриқтидор зарур аст. Бинобар ин, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳарвақта дида имрӯзҳо сиёсати ҳарбии натиҷабахш зарур аст. Айни замон низ таҳкими давлатдории миллӣ ва ҳифзи Истиқлолияти давлатӣ дар шароити ниҳоят вазнини геополитикӣ таъмин гардида истодааст. Чунин вазъро Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баромаду суханрониҳои худ пайваста таъкид менамоянд.

Баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ва барҳам хӯрдани Созмони Аҳдномаи Варшава дар харитаи сиёсии олам зиёда аз 20 давлати тозаистиқлол пайдо гардид, ки ҳамаи онҳо, низ барои мустаҳкам намудани мавқеи байналмилалии худ, ба роҳ мондани робитаҳои хориҷӣ кӯшиш намуда истодаанд. Шарқи Наздик, Африқо, Амрикои Лотинӣ ва як зумра кишварҳои Осиёӣ минтақаҳои

пуршиддат боқӣ монданд. Дар кишварҳои мазкур ҳалли масъалаҳои иқтисодию сиёсӣ, инчунин, аз иқтидори ҳарбии онҳо, низ вобастагӣ дорад. Дар маҷмӯъ, таҳлилу баррасии равандҳои сиёсии ҷаҳонӣ, пеш аз ҳама, ба инобат гирифтани вазъияти нооромии минтақаҳои низоӣ бори дигар шаҳодат аз он медиҳанд, ки зӯроварии ҳарбӣ ва сиёсати зӯроварона ҳанӯз ҳам аз байн нарафтааст ва аз ин рӯ, неруҳои ҳарбӣ, сиёсати ҳарбӣ ва иқтидори ҳарбии мамлакат омили муҳимтарини таъмини амнияти миллӣ ва суботи сиёсии ҷомеа ба шумор меравад. Ҳамаи инро ба инобат гирифта, сарчашмаҳои пайдоиши нооромиҳо ва таҳдиду хатарҳоро низ нишон додан зарур аст. Дар замони муосир як қатор омилҳо, воқеиятҳои сиёсӣ ва равандҳои оштинопазир сарчашмаҳои асосии пайдоиши таҳдиду хатарҳо ба шумор мераванд. Онҳо,ро ба таври зерин дар шакли умумӣ асоснок намудан мумкин аст.

Якум, чӣ гунае ки дар боло қайд гардид, дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI дар харитаи геополитикии олам марказҳои нави иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодӣ пайдо гардиданд, ки чунин ҳолат аз пайдоиши субъектҳои нави геополитикӣ дарак медиҳад. Бояд ёдовар шуд, ки дар ҳама давру замон тағйирёбии тавозуни қувваҳо агар ба манфиати як гурӯҳ давлатҳо анҷом ёбад, он ҳатман бар зарари гурӯҳи дигари онҳо, мебошад. Аммо, як чиз яқин аст, ки тағйирёбии тавозуни қувваҳо дар харитаи геополитикии олам ҳеҷ гоҳ ба манфиати кишварҳои тозаистиқлол буда наметавонад, Зеро, дар баробари мушкилихои солҳои аввали Истиқлолият барои онҳо, боз мушкилиҳои гуногуни сунъиро пеш мегузорад, ки ҳалли онҳо, вақт ва масрафи иловагӣ металабад. Дар ибтидои солҳои 90-ум дар ҷойи ҷаҳони дуқутба аввал ҷаҳони сеқутба пайдо гардид: ИМА, Иттиҳоди Аврупо ва Япония. Дар ин давра дар баробари ИМА яку якбора иқтидори иқтисодию молиявӣ ва сиёсию ҳарбии Япония низ баланд гардид. Аз ҷониби дигар, дар ҳайати 12 давлат Иттиҳоди Аврупо бо бозори иқтисодии ягонаи худ таъсис ёфт, ки он то солҳои 2000 аз ҳисоби давлатҳои Аврупои Шарқӣ ва Марказӣ аъзоёни худро то 19 давлат оварда расонид. Айни замон бошад, ин иттиҳод 27 давлати аврупоиро дар бар мегирад. Дар ибтидои асри XXI бошад, мавқеи геополитикии Чин, Ҳиндустон, Бразилия, Россия, Туркия ва чанде дигарон низ мустаҳкам мешаванд [4].

Аммо дар баробари ҳамаи ин рақобати манфиатҳо барои ба даст овардани бозорҳои иқтисодӣ, сарчашмаҳои энергетикӣ, дигар маводи лозима ниҳоятан буҳронҳо,и гуногунро тавлид менамоянд. Чунин раванд боз дар шароити афзоиш ёфтани таъсири ширкатҳои фаромиллӣ тезу тунд мегардад. Ҳамаи инро ба инобат гирифта гуфтан мумкин аст, ки ғасбгароии иттилоотӣ, технологӣ, иқтисодӣ воқеиятҳои геополитикии замони муосирро ташкил дода, шиддати иҷтимоию сиёсиро дар минтақаҳои гуногуни олам ба вуҷуд меоваранд. Ҷаҳони дуқутба, ки дар давраи мавҷудияти худ падидаи манфӣ баҳогузорӣ шудааст, то як андозаи зарурӣ пешгуишаванда буд. Аммо вазъияти геополитикии имрӯзаро пешгуӣ намудан хеле мушкил гардидааст ва яке аз сарчашмаҳои пайдоиши буҳронҳо,и пай дар пайи ҷаҳонӣ низ аз чунин вазъ вобастагии зиёд дорад.

Дуюм, ин ки баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ кӯшиши ба вуҷуд овардани ҷаҳони якқутба, ки дар он як абарқудрати аз лиҳози иқтисодию сиёсӣ пуриқтидор бояд ҷаҳонро ҳукмронӣ намояд, пайдо шуда буд. Чунин тамоюлотро, пеш аз ҳама, дар сиёсати хориҷии ИМА мушоҳида намудан мумкин буд. Зеро, ин давлат баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ худро ғолиби ҷанги сард муаррифӣ намуда, муайян кардани тартиботи нави ҷаҳониро ҳадафи худ қарор дода буд. Тибқи талаботи ҷаҳони якқутба дар олам бояд як маркази қабули қарор вуҷуд дошта бошад, ҳамаи низоъҳои баамалоянда на бо роҳи мусолиҳатомез ва гуфтушунид, балки бо роҳи ҳарбӣ ҳал карда шавад [3]. Чунин шакли тартиботи ҷаҳонӣ на танҳо обрӯ ва нуфузи ҷаҳони мусолиҳатомези демократиро, ки дар охири солҳои 80-ум ба афкори ҷамъиятии олам таъсири амиқ расонида буд, коҳиш медод, балки боиси ба вуҷуд омадани низоъҳои ҳарбӣ ва ҷангҳои шаҳрвандӣ мегардид. Истифодаи чунин усулҳо дар Югославия, Ироқ, Афғонистон, Шарқи Наздик ва ғ. бори дигар исбот намуданд, ки усулҳои ҳарбӣ на танҳо дар ҳалли низоъҳои сиёсӣ натиҷаи дилхоҳ ба бор намеоваранд, балки дар муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ боиси пайдоиши муноқишаҳо ва равандҳои оштинопазир мегарданд.

Сеюм, барои ҷаҳони муосир паҳншавии яроқи атомӣ ва технологияҳои ҳарбӣ таҳдиди воқеӣ мебошанд. Айни замон ба ғайр аз абарқудратҳои ядроӣ (ИМА, Россия, Британияи Кабир, Франсия, Чин) чунин навъи яроқро аллакай чунин давлатҳо ба монанди Исроил, Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ, Кореяи Шимолӣ, Ҳиндустон, Эрон, Покистон доро мебошанд. Ба ғайр аз ин, даҳҳо давлатҳои дигар барои истеҳсоли яроқи қатли ом имкониятҳои илмию техникии зарурироро доранд. Дар ин робита як қатор олимон минтақаи Шарқи Наздикро сарчашмаи нооромиҳои ҳарбию сиёсӣ номидаанд. Зеро, дар ин минтақа низоъҳои Афғонистон, Сурия, Ироқ, Лубнон, Фаластин, Яман ва чанде дигарон боиси пайдоиши бархӯрдҳои мусаллаҳонае мешаванд, ки гурӯҳи ҳарбии ҷонибҳои низоъро баъзан идора намудан номумкин мегардад. Чунин ҳолатро дар мисоли фаъолияти ташкилотҳои террористии «Давлати исломӣ», «Ал-Қоида», ҳаракати «Толибон» мушоҳида намудан мумкин аст, ки минтақаи ҷойгиршавии онҳо, аслан, кишварҳои Шарқӣ Наздик аст. Дар минтақаи мазкур аллакай аз ҷониби экстремистон ва тундгароён кӯшиши дастрасӣ пайдо намудан ба яроқи қатли ом анҷом дода мешавад [5]. Бинобар ин, терроризми ядроӣ ва биологӣ яке аз таҳдидҳои ҳарбии замони муосирро аллакай ташкил намуда истодааст. Зеро, тӯли ду даҳсолаи охир чӣ абарқудратҳои ядроӣ ва чӣ ҷомеаи байналмилалӣ кӯшиш ба харҷ дода истодаанд, ки яроқи қатли ом дастраси ташкилотҳои террористию экстремистӣ нагардад.

Ғайр аз ин, дар ҷаҳони муосир паҳн гардидани ҳар гуна ғояҳои ифротгароӣ, тундгароӣ, ҷудоихоҳӣ ва миллатгароии канорӣ низ таҳдиди воқеӣ ба амнияти ҳарбию байналмилалӣ мебошад. Хусусиятҳои миллатгароии канорӣ ва ифротгароии хушунатомез дар он ифода меёбад, ки онҳо, дар шакли низоъҳои миллию этникӣ ва муборизаҳои сиёсии оштинопазир зоҳир шуда, ба

монанди равандҳои сиёсии асримиёнагӣ бештар характери динӣ пайдо менамоянд. Дар ин замина, таъсири дин ба равандҳои сиёсӣ ва сиёсишавии дин низ меафзояд. Чунин вазъро бо назардошти омилҳои гуногун асоснок намудан мумкин аст: якум ин, ки як қатор давлатҳо бо мақсади амалӣ намудани ҳадафҳои геополитикии худ аз фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳои экстремистию террористӣ пуштибонӣ намуда, онҳо,ро маблағгузорӣ ва дастгирӣ менамоянд. Дуюм, ин ки дар кишварҳои исломӣ низ бо мақсади нигоҳ доштани ҳувияти динӣ ва низоми сиёсии давлатҳои худ дар муқобили рақибон динро ҳамчун идеология ва воситаи муборизаҳои сиёсӣ истифода мекунанд. Яке аз падидаҳои ниҳоят хатарноке, ки дар ҷаҳони ислом пайдо шудааст, идеяи ташкил намудани хилофати исломӣ мебошад, ки бо идеологияи ваҳҳобизм, салафизм ва ҷиҳоди динӣ асос ёфта, ҳама гуна арзишҳои ғайриисломиро инкор намуда, дар муқобили онҳо, зӯроварии сиёсию ҳарбиро раво медонад. Сиёсатшиноси амрикоӣ С.Хантингтон низоъҳои байниэтникӣ ва ҷангҳои минтақавиро таҳлилу баррасӣ намуда, онро натиҷаи бархӯрди тамаддунҳо медонад ва эҳтимоли дар заминаи чунин низоъҳо ба вуҷуд омадани ҷанги сеюми ҷаҳониро имконпазир мешуморад [11].

Яке аз таҳдидҳои дигаре, ки тақвияти амнияти ҳарбӣ ва ташаккули сиёсати ҳарбиро асоснок менамояд, ин тавсеаи рӯзафзуни терроризми байналмилалӣ мебошад. Терроризми байналмилалӣ истифодаи бошуурона ва системаноки зӯроварӣ мебошад, ки дар шаклҳои бисёр дағал, дар сатҳи байналмилалӣ ва аз ҷониби ташкилотҳои ғайриқонунию экстремистӣ бо мақсади тағйир додани рафтори давлатҳо, тарсонидани шаҳрвандони онҳо, ва ба манфиатҳои сиёсии худ табдил додани вазъият истифода бурда мешавад. Ҳуҷумҳои ҳарбӣ ва амалҳои террористие, ки дар минтақаҳои гуногуни олам сар задаанд, хеле хатарнок мебошанд. Гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятие, ки бо иштироки шаҳрвандони якчанд давлат таъсис меёбанд ва бо яроқу аслиҳаи зарурӣ таъмин мегарданд, пеш аз ҳама, аз ҷониби неруҳои сиёсии аз фаъолияти онҳо, манфиатдор маблағгузорӣ мешаванд. Терроризм ва ташкилотҳои террористӣ низ дар ҷойи хушку холӣ ба вуҷуд наомадаанд. Онҳо,ро низ неруҳои сиёсӣ ва давлатҳои алоҳида барои расидан ба мақсадҳои худ истифода мебаранд. Тибқи сарчашмаҳои иттилоотӣ аз соли 2000-ум то инҷониб, дар ҷаҳон зиёда аз 500 ташкилоти террористӣ ва ҳизбу ҳаракатҳои экстремистӣ фаъолият намуда, танҳо дар тӯли 15 соли сипаригардида зиёда аз 72 135 амали террористӣ анҷом додаанд, ки дар натиҷа, бештар аз 169 572 нафар ба ҳалокат расида, 260 684 нафар ҷароҳат бардоштаанд [9]. Намунаи барҷастаи ин гуна воқеаҳо амалҳои террористии 11 сентябри соли 2001 дар ИМА мебошанд, ки дар натиҷаи он зиёда аз 3 ҳазор нафар ба ҳалокат расида буд [12].

Дар маҷмӯъ, ҳам тамоюлоти интегратсионӣ ва ҳам дезинтегратсионии замони муосир чӣ барои кишварҳои абарқудрат ва чӣ барои давлатҳои тозаистиқлол хавфу хатари зиёдеро ба вуҷуд овардаанд, ки безарар гардонидану пешгирӣ намудани оқибатҳои ногувори онҳо, чораҷӯиҳои ба табиати онҳо, мувофиқро металабад. Чи гунае ки маълум аст, дар мавриди рушду инкишоф ва таназзулёбии тамаддунҳо ибораи «хатар ва посух ба хатар»-ро бори аввал

Гузариши технологӣ, Яъне, гузариш аз технологияи захирағунҷойишу ифлоскунанда ба технологияи сарфакунандаи тамоюли экологидошта талаботи замон аст. Ҳаҷми захираҳои истифодашаванда ва партовҳо ба муҳит бо нуфузи аҳолӣ, сатҳи истеъмоли он ва техникаву технология алоқамандӣ дорад. Бинобарон, стратегияи гузариш бояд байнифаннӣ бошад. Ин ҷо зарур аст, ки таҳавуллоти аҳлоқӣ-мафкуравӣ ва этикаи экологӣ, ба тақсимоти адолатонаи нафҳои иқтисодиву экологӣ миёни миллатҳои ҷаҳон ва гузариши ниходӣ ба дигар шаклҳои идоракунӣ дар кулли ҷаҳон ва кишварҳо, ки амнияти иқтисодиро таъмин менамояд, бояд тадриҷан рӯйи кор ояд. Муаммоҳои рушди

устувор хеле доғи рӯз аст, махсусан барои манотиқи кӯхсори кишвар. Фаъолияти истеҳсолӣ дар ин ҷо хеле меҳнатталаб буда, метавон гуфт, ки оғӯштаи бӯҳроин низомӣ мебошад. Ин бӯҳрон на танҳо боиси нокофии сатҳи истеҳсолоту фаъолиияти иқтисодӣ, балки тезутундгардии вазъи демографӣ, сатҳи баланди бекории аҳолии деҳот, камбизоатии нисбӣ ва ғайра мегардад. Барои истеҳсолоти аграрии муосир намуди хоҷагидории табиаташ харобкунанда (природно-разрушительного типа) хос аст. Заминҳои корам аксаран, оқилона ва самаранок истифода намешавад. Бинобарон, дар адабиёти муосир рушди устувори соҳаи кишоварзиро чун «кишоварзии алтернативӣ» тавсия медиҳанд, ки вай мафҳумҳои «кишоварзии экологӣ», «кишоварзии биологӣ», «кишоварзии органикӣ» ва «кишоварзии мутобиқшавӣ»-ро дар бар мегирад. Ин мафҳумҳо дар маҷмӯъ, раванди гузаришро аз низоми шиддатноки кишоварзии техногенӣ ба низоми экологии устувор, ки истифодаи захираҳои барқарорнашаванда, дар давраи тӯлонӣ нигоҳ доштани сифату нафънокии агроландшафт, татбиқи технологияи каммасраф ва ғайраро ифода мекунад.

Бояд таъкид намуд, ки тамоми масаълаҳои гузариш ба рушди устувор бо муаммои об, ки зербинои моддии ҳастии ҷомеаи инсонӣ мебошад, вобастагӣ дорад. Авҷ гирифтани мушкилиҳои вобаста ба паҳншавии ифротгароию терроризм, хавфи паҳншавии бемориҳои гуногуне, ки инсоният дар роҳи табобату пешгирии онҳо, то ҳол комёб нашудааст, гармшавии иқлим, муборизаҳо баҳри ба даст овардани захираҳои нав, васеъ намудани доираи нуфуз байни абаркудратҳо ва ғайраҳо имрӯз ба қатори мушкилиҳои глобалӣ табдил ёфтаанд. Дар ин раванд, масъалаи об ва таъмини дастрасӣ ба захираҳои обӣ низ ба қатори масоили муҳимми сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангии хусусияти глобали дошта, мубаддал гаштааст.

Вобаста ба ин, масъалагузориҳои амиқ ва илман асосноки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати ҷалби диққати ҷомеаи ҷаҳонӣ ба масъалаи мазкур аҳамияти муҳимми байналмилалӣ доранд. Боиси ифтихор ва сарфарозии ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ аст, ки ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба эълон намудани даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» аз ҷониби Ассамблеяи Генералии СММ дастгирӣ ёфта, вобаста ба он 21-уми декабри соли 2016 Қатъномаи СММ бо ҳаммуаллифии 177 кишвари узви СММ қабул гардид. Мутобиқи Қатъномаи мазкур, давраи солҳои 2018-2028 ҳамчун даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» эълон мешавад, ки он аз 22-уми марти соли 2018 шурӯъ гардида, дар рӯзи умумиҷаҳонии захираҳои об 22 –уми марти соли 2028 ба анҷом мерасад. Саҳми кишвари мо дар ҳалли масъалаҳои глобалии вобаста ба об дар ҷаҳон бузург буда, ин иқдоми чоруми Сарвари давлати мост, ки дар сатҳи ҷаҳонӣ ҳамовозии гарм пайдо мекунад. Эълон шудани

- соли 2003 - Соли оби тоза,
- солҳои 2005-2015 – Даҳсолаи байналмилалии амалиёт «Об барои ҳаёт»,
- соли 2013 – Соли байналмилалии ҳамкориҳо дар соҳаи об
- Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор»

Ин иқдомҳое мебошанд, ки баҳри ҳалли яке аз мушкилотҳои глобалӣ равона карда шудаанд.

Маҳз аз ҳамин сабаб, боло бурдани маърифати экологии аҳолӣ, таҳкими донишҳо дар самти истифодаи самараноки захираҳои обӣ бо мақсади ба даст овардани ҳадафҳои рушди устувор, такмили инфрасохтори мавҷудаи обёрикунӣ, истифодаи техника ва технологияҳои навин дар ин самт ва банақшагирии дурусти иқтисодиёт аҳамияти муҳим доранд. Бояд такид намуд, ки бино ба консепсияи материализми таърихӣ дар ҳаёти ҷомеа нақши муайянкунандаро истеҳсолоти моддӣ, шароити моддии ҳаёти ҷомеа, инчунин, муносибатҳои моддии одамон ба якдигар ва ба табиат мебозанд. Маҳз ҳамин шуури иҷтимоӣ, маҷмӯи афкор, ғояҳо, назарияҳоро муайян менамояд, ки дар онҳо, раванди воқеии ҳаёти одамон ва мутобиқан, масъалаҳои зарурати таҳаввулоти қатъии ин шароит инъикос меёбанд. Маҳз иқтидори захираҳои табиӣ , аз он ҷумла истифодаи эҷодкоронаи он тарҳи ташаккул ва рушди тарзи истеҳсолот ва муносибатҳои иқтисодиву иҷтимоии ҷомеаро муаяйн менамоянд. Масалан, тарзи осиёии истеҳсолоти ҷамъиятӣ, ки дар ин ҷо моликияти умум, нақши ҳамдастӣ (коллективизм) ва ниҳодҳои давлат дар ташкитли истеҳсолот хеле бузург аст, пеш аз ҳама аз муносибати истифодаи ҷамъияти захираҳои об бармеояд[3]. Илова бар ин таърихан ориётаборон дар тамаддуни умумибашарӣ на танҳо саҳми сазовор гузошта буданд, балки меъёрҳову арзишҳои иҷтимоии солим (пиндору гуфтор ва рафтори нек) ва аслҳои бунёдии ҷомеасозиро мерос доданд, ки онҳо, барои имрӯзу фардои ҷомеаи инсонӣ бештар зарурат худро пайдо карда истодааст. Агар ба ғояи рушди устувор рӯ оварем, пас дарк менамоем, ки он саропо ҳамон андешҳои ориёист [5, с.167]. Меросбарони ориёиҳо - сиёсатмадорон, мутаффакирону олимони муосири тоҷик, низ дар эҳёву таҳрезии андешаҳои ҷаҳонсоз нақши муассир гузошта истодаанд. Президенти кишварамон Эмомалӣ Раҳмон дар бузургтарин ниҳоди байналмиллалӣ - СММ ташаббускори фаъоли эълон намудани Соли байналмилалии оби тоза ва Даҳсолаи байналмилалии амалиёти "Об барои ҳаёт барои солҳои 2005-2015" ва инчунин, Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об пазируфта шудааст, ки намунаи олитарин андешаҳои ҷаҳонсоз дар ҷодаи рушди устувор аст. Воқеан, ҳам об як ҷузъи зарурии рушди устувор ва иқтисодиёти "сабз" мебошад. Ҷомеашиносон, олимони маъруфи илмҳои табиӣ ву дақиқи тоҷик дар тарҳу шаклгирии ҷомеаи нави инсонӣ ва технологияҳои муосир, ки самти сарфаҷӯиву экологӣ дорад, бо асарҳову мақолаҳо ва ихтирооти мухталифи худ саҳмгузор шуда истодаанд.

Ҳамин тарик, бо талаботи имрӯза ба ҷойи назарияи рушди иқтисодӣ, таълимоти рушди устувор ва ба ҷойи назарияи иқтисодии классикӣ, назарияи иқтисодии ғайриклассикӣ, ки асосҳои иқтисодиёти сабзро ташкил медиҳад, рӯи майдон овардааст[4, с.43-53]. Умуман, вобаста ба зарурати гузариши ҷомеаи инсонӣ ба рушди устувор аз нав дида баромадани тамоми назарияҳои иқтисодиро тақозо менамояд. Аз тарафи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 18-уми марти соли 2020 зимни мулоқот бо олимони кишвар, таъкид шуда буд, ки «омӯзиш ва

таҳлили равияҳои афзалиятноки илм дар Тоҷикистон ва муқоисаи онҳо, бо кишварҳои дигар собит месозад, ки ин самт ба бознигарӣ ниёз дорад ва камбудиҳои ҷойдошта бояд ҳарчӣ зудтар бартараф карда шаванд. Самту равияҳои афзалиятнок дар ин марҳала бояд, пеш аз ҳама, ба навсозӣ ва ислоҳоти иқтисоди миллӣ ва ҳадафҳои стратегии Ҳукумати мамлакат равона карда шаванд»[10]. Воқеан ҳам, чунон ки Албер Эйнштейн такъид намуда буд «аз кулли халқҳо ҳамон халқ доимо бузург мемонад, агар вай дар соҳаи тафаккуру дониш аз дигарон афзалият дошта бошад». Албатта, ин ҳақиқатро ба ҳазорсолаҳо пеш ниёгони шарафманди мо таъкид намуда буданд. Миллати моро дар ин дарозои таърих илму адабаш пойдор нигоҳ дошт ва ҳам дар ҷаҳон машҳур гардонд. Бо ба даст овардани истиқлоли миллӣ замина ва имконҳо,и зиёд барои таъмини рушди илм, ноил шудан ба истиқлоли фитративу илмӣ ва густариши он ба вуҷуд омадааст

Назарияи иқтисодӣ, аниқтараш ҷузъи бунёдии он – иқтисодиёти сиёсӣ дар назди худ вазифаи ворид шуданро дар қонунҳои сохтори низоми иҷтимоиву иқтисодии ҷомеа қарор дода ҷуръат менамояд, ки дар олами муносибатҳои ҷамъиятии тағйирёбанда асосҳои тағйирнопазири онро, ки тарҳу хислатҳои рушди тарихии онро муаяйн менамояд, ҷудо намояд. Яке аз воситае, ки барои ҳалли масаълаи илмии гузариш ба рушди устуворро таъмин менамояд, хидмат намояд, назарияи матритсаи институтсионалӣ мебошад. Ҳолати муосири илмҳои иқтисодӣ, умуман ҷамъияттшиносиро аксари пажӯҳишгарон пешазпарадигмавӣ тавсиф дода, таъкид менамоянд дар змони муосир зарурати объективии ивазшавии парадигмаҳои татқиқотӣ, боздиди постулатҳои маъмул ва ташаккули доираи нави умумназариявии пажӯҳиш дар арзёбии равандҳои хеле мураккаби иҷтимоиву иқтисодии бавуқуомада, рӯи майдон омадааст [2, с.3].

Дар бештари адабиёти иқтисодии муосир паҳн шудани мафҳуми «маҳдудияти захираҳо ва беҳудудии талабот» ва ҳалли кулли муаммоҳои иқтисодиву ичтимоӣ дар ин фосилаи пуртазод дар маркази таҳқиқи илми қарор гирифтааст. Чунин гузориши қатъӣ роҷеъ ба предмети фан, Яъне, таҳқиқи муаммоҳои иқтимоиву иқтисодии ҷомеа дар мадори нодирии захираҳо ва беҳудуди талабот, бо андешаи мо чандон ба мақсад мувоффиқ намебошад. Зеро,, ки омӯзишу таҳқиқи масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ такия ба ин аксиома эҳёи «меркантализм»-и замони навро, ки оғӯштаи раванди босуръати ҷаҳонишавӣ мебошад, шабоҳат дорад: барои давлатҳои абалқудрат чун ғояи забт кардани (бо роҳи иқтисодӣ ва ҳам бо роҳи ҳарбӣ) захираҳои табиӣ ҷаҳон хидмат мекунад, ки имрӯз сабаби коҳиш ёфтани табиат ва вазъи экологӣ гаштааст. Профессори Донишгоҳи Колифорния Дж.Серл қайд мекунад, ки агар аксари олимон илми иқтисодро чун илм оид ба таҳқиқи чӣ тавр тақсим кардани захираҳои маҳдуд арзёбӣ карда бошад, вай фақат мавҷудияти андозаву ҳудудро, на онтологияи ноаёни ниҳодиро дар назар дорад. Ду саге, ки барои устухон мубориза мебаранд, низ ба раванди тақсиму азхудкунии захираи нодир ворид мешаванд, пас чунин фаъолиятро чун предмети фан пиндоштан саҳви маҳз аст. Чунин гузориш ва ё заминаи бунёдии илми софи ихти-

сод, чуноне, ки дар боло ишора намудем, муборизаи шадидро дар азхуд кардани захирахои табиӣ ва забти иқтисодиву чуғрофӣ ва сиёсиро дар арсаи чаҳон суръат мебахшад. Ин гузориш асосҳои назариявии сиёсати забткоронаи давлатхои абалқудратро низ ташкил медихад, ки садсолаҳо арзи ҳастӣ дорад. Дар асоси ин назария бунёди игтисодиёти самаранок, ки инсонро пеш аз ҳама дар худ ғунҷонад, гайриимкон аст. Омили «талаботи беҳудуд» ҷомеаи истеъмолгарро тавлид кард, ки қонеъгардии ин талабот ҳадафи асосии инкишоф шудааст. Инсон аз паи боло бардоштани талаботи моддии худ шомил гашта, дар маънавиёташ ҷойи Худованд танг гаштааст. Дар ин чараён инсон руҳу ҳиссиёти худро шуста, дар ботинаш неруи озод намондааст, ки маънои комили зиндагиро дарк намояд. Чунин ҳадаф ба косташавии маънавиёт ва дар ниҳяот ба талафу косташавии ҷомеъа мусоидат хоҳад кард. Зимнан, бояд гайд кард, ки низоми иқтисоди бозорӣ чун низоми табақавӣ гузаранда аст ва он пас аз иҷрои вазифаи таърихии худ ба низоми дигаре, ки рӯҳияву маънавиёти баланди ҷомеъаро тақозо мекунад, бояд гузарад. Ҳанӯз, соли 1897 олими олмонӣ Густав Шмоллер ба ин маънӣ таъкид карда буд, ки иқтисоди софи бозориву мубодилот - иқтисодиёти бизнес, ки олоти истисмори синфи истисморгарон шудааст, вай боз бояд ба илми бузурги ахлоқу сиёсат табдил ёбад, ки ба ғайр аз истеҳсоли молу хизмат, арзишу тақсимот боз арзишу ниҳодҳои маънавии ҷомеаро омӯзад, Яъне, боз дар маркази худ на чаҳони молу хизмат ва сармоя, балки инсонро қарор диҳад. Маҳз чунин ғояҳоро илми иқтисоди сиёсӣ (мактаби илмии таърихии олмон) фатҳ карда буд, ки ҳувияти миллӣ ва рӯҳияи созандагии олмониён баланд шуда, дар ғанӣ кардани бойгарии миллии кишвар мачрои тавонно ба вуқуъ омада, нақши мамлакаташон дар иқтисоди чаҳонӣ қавӣ гашт.

Бояд таъкид кард, ки дар замони муосир бархе вазифаҳои илми иқтисоди сиёсиро, таълимоти институтсионалӣ ва ё иқтисодиёти институтсионалӣ иҷро карда истодааст. Ин чараён, комёбиҳои назаррасро дар масоили ҳалли муаммоҳои иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа, аз он ҷумла масаълаҳои таъмини рушди уствор дар доираи ягонагии матритсаи ҷомеа - зернизомҳои сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеа ноил гаштааст ва тавонистааст дар худ инсонро ҷой диҳад. Дар баробари инкишофи тафаккур ва худшиносии инсон арзишҳои маънавию аҳлоқӣ ва экологии афзун мегардад. Метавон таъкид кард, ки арзиши ғояи Э. Кант дучанд гардидааст: ҳар як инсон барои дигаре ҳадаф аст, на олот (барои дастёб шудан ба фараҳи эгоистии худ). Аммо, афсӯс инсоният аз ин ғоя ҳанӯз дар дуриҳо қарор дорад.

Рушди устуворро дар маънии фарогир, чун навъи нави арзи ҳастӣ ва инкишофи тамаддуни ҷомеа, ки таъғйироти куллии тамоюлҳои тарихан ташаккулёфтаро дар кулли ҷабҳаҳои ҳаёти ҷомеа, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, фарҳангӣ, ниҳодҳои ҳуқуқӣ ва ғ, тақозо дорад, метавон арзёбӣ кард. Дар чунин баррасӣ сухан оид ба идораи оптималии на танҳо иқтидори табиӣ – захиравӣ, балки оид ба кулли доираи иҷтимоӣ-маданӣ (иқтисодиёт, фарҳанг, ниҳодҳои давлатӣ-ҳуқуқӣ ва ғ,) меравад. Чуноне ки мебинем, таълимоти рушди устувор дар худ мафҳумҳои ҷабҳаҳои иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоии

рушди инсониятро дар бар мегирад. Пас, возеҳу равшан аст, ки раванд тадқиқоти байнифанниву байнисоҳавиро талаб менамояд ва аз ин лиҳоз, ҳамгироии мустақими олимони соҳаҳои мухталиф, илму истеҳсолот, пажӯхишҳои илмиву омода намудани мутахассисони комил зарурати замони муосир аст. Чунин зарурат буд, ки дар кишварҳои Ғарб университетҳои тадқиқотӣ таъсис ёфтанд ва донишҷӯёни онҳо, аз бахши аввал ба пажӯҳишҳои илмӣ шомил мегарданд, дар истеҳсолот лоиҳаҳои инноватсионии худро чун таҷриба татбиқ менамоянд ва то давраи итмоми худ фаъолият ва ё кори минбъадаи худро, яъне, ҷойи кори худро пайдо мекунанд. Яъне кор намеҷӯянд, балки барои худ ҷойи кор мекушоянд. Масалан, Донишгоҳи миллии илмӣ-тадқиқотии технологияи иттилоотӣ, механика ва оптикаи Санкт-Петербурги ФР мисоли он шуда метавонад.

Бояд зикр кард, ки низоми молиявӣ-бонкӣ, бозори молиявиро «штаб-квартираи» низоми иқтисоди бозорӣ меноманд. Зеро, маҳз дар он ҷо нақшаҳои дарозмудати рушди иқтисодӣ, сармоягузориҳои бузурги судманд, умуман, қонуниятҳои иқтисодиёти муосир таҳрезӣ мегардад ва муаяйн мешавад. Бинобар он, дар марҳилаи аввал сураътгирии раванди гузариш ба рушди устувор аз густариши доманадори фаъолияти мақсадноки низоми молиявӣ-бонкӣ ва механизмҳои он, ки қодир аст ҳавасмандии субъектҳои иқтисодиро барои гузариш ба ин самт ангезиш диҳад, оғоз меёбад. Бинобарон, барои татбиқ и ин ҳадаф дар Бонкҳои байналмиллалӣ бахши рушди устувор ва муовинони директорони бонкҳо оид ба рушди устувор таъсис ёфтааст.

Аз ин лиҳоз, ташкили Маркази рушди устувор, дар назди Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, ки бояд сифати илмӣ-таҳсилотӣ дошта бошад, ба мақсад мувоффиқ аст. Олимони ин Мрказ пайваста бо пажӯҳишҳои илмии дар бахшҳои мухталифи рушди устувор тайёр кардани мутахассисони дараҷаҳои гуногунро (магистр, аспирант, доктарант) аз рӯи ихтисосҳои биотехнология, нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, коркарди маҳсулоти озуқа аз растаниву ҳайвонот, мошину таҷҳизотҳои технологӣ, автоматикунонии равандҳои технологӣ, менеҷмент (менҷментҳои молиявӣ, инноватсионӣ, инвеститсионӣ, ва ғ.), менеҷменти экологӣ ва истеҳсоли соф, экологияи саноатӣ, иқтисодиёт ва ҳисобгирии «сабз» ва ғ. бояд ба роҳ монанд. Дар Маркази рушди устувор на танхо мутахассис тайёр мегардад, балки бо туфайли густариши равобити илму истеҳсолот ҷойи кори ояндаи онҳо, низ таъсис мегардад. Барои кушодани ҷойи корӣ, амалигардии лоиҳаҳои соҳибкории хатмкунандагон карзҳои имтиёзнок ва ташкили ин кор, махсус барои онҳо, принсипҳои карздиҳии хурд бояд истифода мешавад. Ҳамин тариқ, ба кор таъмин намудани хатмкунандагон худ, яке аз ҳадафҳои Марказ бояд шавад. Маркази рушли устувори Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, ҳамчун муассисаи илмӣ-тадқиқотӣ ва таҳсилотӣ фаъолияти худро дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ,

Барномаи давлатии рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2020-2030 ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Низомномаи докторантура аз рӯи ихтисос (PhD)» ва ғ. бояд ба роҳ монад.

Ин Марказ мутобиқ бо нуқтаҳои Президенти мамлакатамон, ки дар мулоқот бо олимон баён ёфтаанду аслан ҳадафи омезиши илму истеҳсолотро дорад, фаъолият хоҳад бурд. Зимнан, таъкид бояд кард, ки рушди устувор барои ҳама ва пешбурди иқтисодиёти «сабз», ки моҳияти ҷавҳари Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба ҳисоб меравад, ташкил медиҳад. Чуноне ки дар боло қайд гардид, таълимоти рушди устувор дар худ мафҳумҳои ҷабҳаҳои иқтисодӣ, экологӣ-табиӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии рушди ҷомеаро дар бар мегираду раванди тадқиқоти байнифанниву байнисоҳавироо тақозо менамояд. Дар ин ҷода мо наметавонем консепсияи рушди устуворро аз таълимоти ноосферӣ ҷудо намоем. Бинобар он, таввассути Марказ ҳамгироии мустақими олимони соҳаҳои мухталиф, пажӯҳишҳои илмӣ, тайёр кардани мутассисон бо нигоҳи ҷадид ва истеҳсолот рӯи кор меояд.

Ҳадафи Маркази рушди устувор бояд ба самтҳои зерин сурат гирад:

- гирд овардани кормандони илмӣ ва мутахассисоне, ки дар ҷодаи инкишофи устувор ва густариши таълимоти ноосферӣ пажӯхишхо мебаранд;

- мусоидат кардан дар инкишофи мактаби илмии ватанӣ оид ба таълимоти инкишофи устувор ва ноосфера, ки дар замони муосир чун асосҳои бунёдӣ ва риштаи сурхи (вектори) марказии инкишофи ҷаҳонӣ пазируфта шудааст ва ворид гаштани Тоҷикистон дар ин шоҳроҳ;

- мусоидат кардан дар ташаккули парадигмаи (назарияи) нави инкишофу рушди Тоҷикистон дар шароити таъғйироти глобалӣ ва трансфоматсияи геоиктисодӣ, ки шароити ташаккули иктисодиёти нав ва эхёи мафкуравиро дар кишвар такозо дорад;

. ташкил ва созиши пажӯхишҳои илмии бунёдиву амалӣ дар масоили рохандозии аслхои инкишофи устувор дар доираи таълимоти ноосферӣ, тахия ва коркарди тамсилахои тамадунии инкишоф дар самтои афзалиятнок ва тадбиқи натиҷаҳои он дар амалия;

- ташкили пажуҳишҳои илмӣ дар масоили сохтори фарҳангӣ- иҷтимоӣ, рушду густариши сармояи инсонӣ ва иҷтимоӣ, ки омили муҳим ва муаяйнкунанда дар маҷрои (тренди) инкишофи ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеа мебошад;

густариш додани ҳамкориҳои илмии байналмиллалӣ, вусъат бахшидан ба омезиши илми тоҷик бо илми ҷаҳонӣ ва мубодилаи илмии олимони тоҷик бо ҷамъиятҳои илмии ҷаҳонӣ дар масоили таъмини рушди устувор, такмили меёрҳои баҳодиҳии рушди инсон, ташаккули иқтисодиёти экологӣ ва ғ;

Барои ноил гаштан ба ин ҳадафҳои бунёдӣ мутобиқи санадҳои амалкунанда:

-мусодат бахшидан дар инкишофи заминаҳои назариявӣ ва методолгӣ дар ҷодаи асосҳои бунёдии таъмини рушди устувор дар доираи таълимоти ноосферӣ ва дар асоси он таҳияи тамсила ва барномахо доир ба аслҳои нави ташкили истеҳсолот, фаъолияти иқтисодӣ, технологияхои нав ва ниҳодҳои созанда дар ин масоил;

- ташкили пажӯҳиши маҷмӯ дар масоили рушди устувор ва ҷузъҳои таркибии он;

- мусоидат кардан дар таҳияи доктаринаи нави миллии доир ба инкишофи устувор, ташаккули низоми нави инноватсионӣ дар кишвар, майдони стратегии амалигардии он ва гузариш ба тамсилаи нави геоиқтисодии алокаҳои иқтисоди беруна;

- мусоидат кардан дар таҳияи стратегияи миллӣ ва глобалии инкишофи устувор ва дар асоси он коркарди тарзу услуби самраноки қабули қарорҳои стратегӣ;

- мусоидат кардан дар эҷоди фазои эҷодкориву созандагӣ, тарбияи фарҳангии рафтору амали одамон ва шарафу виҷдони сохибкорӣ чун заминаи гулгулшукуфоии кишвар, ташкилу рушди муносибатҳои муштараки фаъоли дар майдони (кластери) таъмини рушди устувор, ки ба асли заминавӣ, такия дорад;

- ташкили пажӯҳишхо дар соҳаи тарзу услуби нав (пажӯҳишҳои байнифаннӣ), ки ҳамҷурии миёни тамаддунҳо, миёни миллатҳоро дар масоили инкишофи устувор ва геоиктисодӣ;

- гузаронидани экспертизаи ҷамъиятии мустақили барномаҳои илмӣ, илмӣ-тадқиқотӣ ва кашфиётҳои илмӣ дар доираи фаъолияти академия;

- мусоидат кардан дар таъсису инкишофи шабакаҳои васеъи муассисаҳои таълимиву илмӣ, аз он ҷумла, муассисаҳои таҳсилотӣ (академия, университҳо, марказҳо, факултаҳо, кафедраҳо, семинарҳо, лабаратоияҳои проблемавӣ ва ғ.) ба мақсади аз худ кардани соҳаҳои нави илмҳои мухталиф, ки ба таълимоти инкишофи устувор ва ноосфера таълуқ доранд;

- аз ҳисоби Марказ сафарбар кардани олимон, пажӯҳишгарон, шунавандагон ва ғ. ба муассисахои таълимӣ ва илмии хориҷӣ, ки марбут муммоҳои илмӣ, ки Марказ пажуҳишҳо дорад;

Умуман, гузариш ба рушди устувор муаммои глобалӣ мебошад ва камар бастан ба таҳқиқи ин муаммо ва тайёр кардани кадрҳои мутобиқ ба ин таълимот тавасути Марказ имконияти фаррох мавҷуд аст. Олимон-аъзоёни Академия кишоварзӣ пайваста бо пажӯҳишҳои илмии дар бахшҳои мухталифи рушди устувор тайёр кардани мутахассисони дараҷаҳои гуногун дар зинаи (баклавр, магистр, аспирант, доктарант) аз рӯи ихтисоҳои менеҷменти экологӣ, эколгияи саноатӣ, иқтисодиёти «сабз», менеҷменти инноватсионӣ ва ғ. ба роҳ мемонад. Дар марказ на танҳо мутахассис тайёр мегардад, балки бо туфайли густариши равобити илму истеҳсолот ҷойи кори ояндаи онҳо, низ таъсис мегардад. Яъне, толибилм барои дарёфти ҷойи кории ояндаи худ вобаста ба равияи таҳқиқоти илмӣ, бо назардошти рушди самтҳои афзалиятноки илму техника ва тасдиқи он дар комиссияи салоҳиятноки Марказ дар охири

курси пурраи донишандӯзӣ ихтироот ва ё навоварӣ пешниҳод ва ҳимоя намояд. Ихтироот ва ё навоварӣ мебояд бо назардошти тасдиқи он бо патент, ки аз ҷониби МД Маркази патенту иттилооти Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардад. Барои кушодани ҷойи корӣ, амалигардии лоиҳаҳои соҳибкории хатмкунандагон таввасути карзҳои имтиёзнок ва ташкили ин кор, дар доираи принсипҳои карздиҳии хурд (шабакаҳои бонкӣ) истифода мешавад. Ҳамин тариқ, ба кор таъмин намудани хатмкунандагон худ, яке аз ҳадафҳои Марказ мебошад.

АДАБИЁТ:

1. Абалкин Л.И. Взгляд в завтрашний день. – М.: Институт экономики РАН, 2005

2. Мирсаидов А. Б. Инкишоф матритсаи институтсионалии Точикистон (ҷанбаҳои иқтисоди сиёсӣ). – Душанбе, «Дониш», 2021, –300 С. С.3.

3. Мирсаидов А.Б. Социально-культурный подход к объяснению природы развитие азиатского общества в произведениях А. Дониша Интернет-журнал «НАУКОВЕДЕНИЕ» Том 9, №6 (2017) Интернет-журнал «Науковедение» ISSN 2223-5167 https://naukovedenie.ru/

4. Мирсаидов А.Б. Альтернативная экономическая теория: онтология или реальная картина мира//Экономика Таджикистан, 2017, № 4, с 43-53

5. Мирсаидов А.Б. Соҳибистиқлолии мамлакат ва ташаккули иқтисоди миллӣ - Худжанд Изд. «Ношир» .–2008г. 252 С.; с 167

6. Сомонаи интернетӣ: http://www.kniga.seluk.ru/k-istoriya

7. Сомонаи интернетӣ: https://regnum.ru/news/ecology

8. Сомонаи интернетӣ: https://student.zoomru.ru/kult/konferenciya-oon-po-okruzhajushhej-srede.s1.html

9. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, с 6.

10. Суханронӣ дар мулоқот бо роҳбарон ва фаъолони вилояти Суғд. Паёми шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон , ба олимони мамлакат// favicon prezident.tj...

СУЩНОСТЬ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ И МЕХАНИЗМЫ ЕГО РЕАЛИЗАЦИИ

МИРСАИДОВ АБРОР БОБОЕВИЧ,
доктор экономических наук, профессор, заместитель директора
Института экономики и демографии
Национальной академи наук Таджикистана
734025, Таджикистан, г. Душанбе, пр Айни 44;
тел: (+992) 939-44-38-50. e-mail: chirad-58@mail.ru

ФАЙЗОВ НЕЪМАТУЛЛО БОБОМУРОДОВИЧ,
старший научный сотрудник Института экономики и системного анализа развития сельского хозяйства Таджикской академии сельскохозяйственых наук
734049, Таджикистан, г. Душанбе, улица Хаёти Нав 306;
тел: (+992) 37-236-92-01, e-mail: nig75@mail.ru

В данной статье авторы рассматривают вопросы содержания, природу и механизм устойчивого развития, а также представляют свои выводы и рекомендации по формированию новой кадровой базы с креативной точкой зрения.

Ключевые слова: *окружающая среда, зеленая экономика, технология, ресурсосбережение, расход ресурсов, устойчивое развитие, сельское хозяйство.*

ESSENCE OF SUSTAINABLE DEVELOPMENT AND THE MECHANISMS OF ITS IMPLEMENTATION

MIRSAIDOV ABROR BOBOEVICH,
Doctor of Economics, professor, Deputy Director of the Institute of Demography of the National Academy of Sciences of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe, Aini street, 44.
tel:(+992) 939-44-38-50. e-mail: chirad-58@mail.ru

FAYZOV NEMATULLO BOBOMURODOVICH,
Senior Researcher, Institute of Economics and System Analysis of Agricultural Development, Tajik Academy of Agricultural Sciences
734049, Tajikistan, Dushanbe, Khayoti Nav street 306;
tel: (+992) 37-236-92-01, e-mail: nig75@mail.ru

In this article, the authors consider the issues of the content, nature and mechanism of sustainable development, and also present their conclusions and recommendations for the formation of a new personnel base with a creative point of view.

Keywords: *environment, green economy, technology, resource conservation, resource consumption, sustainable development, agriculture.*

УДК: 338.330

САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТ ВА ТАЪМИНИ РУШДИ ИННОВАТСИОНИИ САНОАТИ МИЛЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

НИЗОМОВА ТУҲФАМО ДАВЛАТОВНА,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории ДМТ
734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17;
тел.: (+992) 93-423-82-20; e-mail: tuhfamoh49@mail.ru

РАҲМОНОВ ҶАЛОЛИДДИН РАВШАНҚУЛОВИЧ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории ДМТ
734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17;
тел.: (+992) 919-00-77-22; e-mail: jaloliddin78@inbox. ru

Дар мақола масъалаҳои саноатикунонии босуръат ва таъмини рушди инноватсионии саноати миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар партави "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030" мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Нақши калидии соҳаи саноат дар инкишофи хоҷагии халқ ва таъмини рушди иқтисод муайян гардида, бо такя ба унсурҳои инноватсионӣ ва рақамикунонӣ дар марҳилаи муосир заруриати саноатикунонии босуръатро дар соҳаҳои бартариятноки аҳамияти иҷтимоӣ-иқтисодидошта таъкид гардидааст.

Дар асоси таҳлили нишондиҳандаҳои воқеии рушди саноати миллӣ бо нишондиҳандаҳои пешбинигардидаи СМР Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 заминагузории таъмини рушди индустриалии иқтисоди миллӣ аз соли 2015 то 2020 мусбӣ арзёбӣ гардидааст. Дараҷаи рушди инноватсионии соҳаҳои иқтисодиёти саноатии ҷумҳурӣ таҳлил шуда, ошкор карда шудааст, ки гарчанде дар баъзе соҳаҳои саноат фаъолияти ихтироъкории олимону мутахассисон натиҷаҳои хуб дода бошанд ҳам, аммо дар истеҳсолот аз шумораи умумии ихтироот ҳамагӣ 9,5 дарсад дар соҳаи саноат татбиқ карда шудааст. Тавсияҳо доир ба самаранок ташкил намудани ҷараёни инноватсионӣ дар сатҳи корхонаҳо, соҳаҳо ва минтақаҳо оварда шудаанд.

Калидвожаҳо: *саноат, саноатикунонии босуръат, инноватсия, ҷараёни инноватсионӣ, ихтироъ, патент, стратегия.*

Дар ҳама давру замон рушди иқтисодиёти ҳар кишвар аз тараққиёти соҳаҳои пешбари он вобастагӣ дорад. Айни замон кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон имкониятҳои худро ба он равона карда истодаанд, ки бо такя ба унсурҳои инноватсионӣ ва рақамикунонӣ соҳаҳои бартариятноки аҳамияти иҷтимоӣ-иқтисодидоштаро рушд

диҳанд ва бо ин восита мавқеи худро дар раванди ҷаҳонишавии иқтисодиёт миёни дигар давлатҳо устувортар нигоҳ доранд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун ҷузъи иқтисодиёти ҷаҳонӣ дар самти таъмини рушди иқтисоди миллӣ ҳадафҳои муайянеро пеш гузоштааст, ки хоси марҳалаи кунунии инкишофи иқтисодиёт дар кишвар буда, бо ҳалли масъалаҳои таъмини саноатикунонӣ ва тараққиёти инноватсионии соҳаҳо алоқаманд мебошад. [6, С.171]

Бояд қайд намуд, ки саноатикунонӣ, ин пеш аз ҳама, тараққии рӯзафзуни истеҳсолоти саноатӣ бо дарназардошти комёбиҳои прогрессии илмӣ-техникӣ мебошад. Саноатикунонӣ нақши калидиро дар инкишофи хоҷагии халқ ва таъмини рушди иқтисод, беҳтар намудани дараҷаи некуаҳволии моддӣ ва сифатии аҳолӣ, тараққии соҳаҳои ғайрисаноатӣ, таъмини бехатарӣ ва суботи иқтисодиёт ва эҷоди шароит барои афзунгардонии суръати тараққиёти иқтисодиёт фароҳам меоварад. Натиҷаи саноатикунонӣ ин бунёди соҳаи саноати бузурги аз ҷиҳати техникӣ тараққикарда, афзоиши арзиши иловашудаи дар ин соҳа тавлидшуда, инчунин, афзудани ҳиссаи он дар иқтисодиёти мамлакат мебошад.

Барои комёб шудан ба мақсадҳои гузоштаи ҳукумати кишвар бояд пеш аз ҳама, тараққиёти соҳаи саноатро таъмин кард, чунки маҳз аз дараҷа, суръат ва хусусияти инкишофи саноати миллӣ дараҷаи техникии соҳаҳои кишоварзӣ, сохтмон, нақлиёт, алоқа, савдо ва прогресси техникии ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ вобаста аст. Инкишофи минбаъдаи соҳаи саноат ва пеш аз ҳама, соҳаҳои саноати вазнин заминаи муҳимтарини пурзӯр кардани иқтидор (потенсиал) ва ҳалли бомуваффақияти масъалаҳои Истиқлолияти иқтисодии кишвари мо Тоҷикистон мебошад.

Инро ба назар гирифта, дар Паёми худ дар санаи 26.12.2018 ба Маҷлиси Олӣ, Президенти кишвар чунин дастур доданд: «...бо дарназардошти аҳамияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ пешниҳод менамоям, ки саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шавад.

Вобаста ба ин, зарур аст, ки то соли 2030 ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 22 фоиз расонида шавад...». [7, С.4]

Ҳамин тавр, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи муосир ба тараққиёти соҳаи саноат аҳамияти махсус медиҳад. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба ин соҳа ҳамчун соҳаи калидии иқтисодиёти ҷумҳурӣ баҳо дода шудааст. Аз ҷумла, амалигардонии корҳои зерин ҳамчун афзалиятҳо пешбинӣ гардидаанд:

– баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва занҷири арзиши иловаи соҳаҳои саноатӣ;

– афзоиши ҳаҷми истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти саноатӣ, ки дар бозорҳои дохилӣ ва беруна рақобатпазир мебошад;

– ташкили низоми самараноки тайёр намудани мутахассисоне, ки дорои қобилияти офаридан ва азхудкунии технологияҳои саноатӣ ва истеҳсоли маҳсулоти инноватсионӣ мебошанд;

- бунёди асосҳои институтсионалӣ барои рушди устувор ва пешгирикунандаи соҳаҳои саноат, ташкили кластерҳои инноватсионӣ ва пурмаҳсул. [12, С.63-64]

Дар баробари баррасии аҳамиятнокии рушди индустриалӣ ва инноватсионии иқтисодиёти миллӣ, инчунин, зарур аст, ки мушкилот, заминаҳо ва роҳҳои таъмини он низ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шаванд.

Барои муайян кардани тамоилҳои рушди соҳаи саноат дар ҷадвали 1. динамикаи нишондиҳандаҳои умумии соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2011-2020-ро, ки оварда шудааст, таҳлил менамоем.

Ҷадвали 1.

Динамикаи нишондиҳандаҳои умумии соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2011-2020

Нишон-диҳандаҳо	2011	2015	2016	2017	2018	2019	2020	С.2020 нис-бат ба 2011, %
Шумораи корхо-наҳо	1473	2310	2043	1999	2161	2164	2283	155,0
Маҳсулоти умумии саноатӣ, млн. сомонӣ (бо нархҳои с. 2020)	11991	16116	18695	22677	25080	28391	30890	257,6
Шумораи миёна-солонаи коркунони истеҳ-солоти саноатӣ, ҳаз. нафар	75,4	81,2	80,9	86,8	85,6	84,2	84,3	111,8
Аз он ҷумла коргарон, ҳаз. нафар	60,4	67,0	65,9	73,8	72,1	73,2	67,7	112,1

Маъхаз: Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯаи оморӣ. АОПҶТ, Душанбе. – 2021. - С. 307. [9, С. 397]

Чи тавре ки аз рақамҳои ҷадвали 1 дида мешавад, дар давоми 10 соли охир шумораи корхонаи саноатӣ 55 дарсад афзудаанд, маҳсулоти умумии саноатӣ қариб 2,6 маротиба (257,6%) зиёд шуда, дар ин муддат шумораи миёнасолонаи коркунони истеҳсолоти саноатӣ 11,8 дарсад афзудаанд, аз он ҷумла коргарон 12,1 дарсад зиёд шудаанд.

Бояд қайд намуд, ки «Саноати Тоҷикистон дорои заминаи маҷмӯи инкишофёфта ва аз ҷиҳати техникӣ муҷаҳҳаз буда, онро зиёда аз 90 самти истеҳсолот муаррифӣ менамоянд, ки ба соҳаҳои зерин мансуб мебошанд:

- соҳаи истихроҷ – корхонаҳои марбут ба истихроҷ ва бойгардонии ашёи хоми маъданӣ ва ғайримаъданӣ;

- соҳаи коркард – корхонаҳои коркарди маҳсулоти саноати истихроҷ, маҳсулоти нимтайёр, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва ашёи дигар ” [14, с. 5];

- истеҳсолу тақсими неруи барқ, газ ва об. [9, С. 398]

Таҳлили ин самтҳои ҳаҷми маҳсулоти саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин давра чунин тағйир ёфтааст, (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2.

Динамикаи ҳаҷми маҳсулоти саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2011-2020 (бо нархҳои солҳои дахлдор) млн. сомонӣ

Нишондиҳандаҳо	2011	2015	2016	2017	2018	2019	2020	С.2020 нисбат ба 2011, %
Ҳамагӣ саноат,	**7862**	**12196**	**15090**	**20029**	**23894**	**27613**	**30890**	**392,9**
Аз он ҷумла:								
Саноати истихроҷи маъдан	**975**	**1641**	**3004**	**4524**	**4686**	**4853**	**4309**	**441,9**
Аз он ҷумла:								
- Истихроҷи маводҳои энергетикӣ	75	203	222	298	331	377	429	572,0
- Истихроҷи маводҳои ғайриэнергетикӣ	900	1438	2782	4226	4355	4476	3880	431,1
Саноати коркард	**5428**	**8066**	**9368**	**11776**	**13520**	**15952**	**19504**	**359,3**
Аз он ҷумла:								
- Истеҳсоли маҳсулоти хӯрока	2442	3482	3690	4304	4900	5399	7089	290,3
- истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ ва дузандагӣ	1414	1292	1520	2354	2479	2636	2870	203,0
- истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм ва истеҳсоли пойафзол	16	41	49	57	63	71	91	568,7
- коркарди чӯбу тахта ва истеҳсоли маснуот аз чӯб	32	77	103	119	138	148	142	443,7
- истеҳсоли селулозаю қоғаз, фаъолияти табъу нашр	58	143	115	142	241	260	182	313,8
- истеҳсоли маҳсулоти нафт	24	52	62	79	105	127	87	362,5
- истеҳсоли кимиёвӣ	27	86	95	107	147	154	182	674,1
- истеҳсоли маснуоти резинӣ	34	61	85	157	200	265	291	855,9

- истеҳсоли ҳаргуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ	387	1201	1655	2091	2298	2593	2713	701,0
- истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маснуоти тайёри филизӣ	786	1450	1850	2187	2708	3874	4978	633,3
- мошинсозӣ	198	93	114	142	203	308	291	147,0
-ҳаргуна соҳаҳои саноат	10	28	30	37	38	117	138	13,8 маротиба
Истеҳсолу тақсими неруи барқ, газ ва об	**1459**	**2549**	**2718**	**3729**	**5688**	**6808**	**7527**	**515,9**

Маъхаз: Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯаи оморӣ. АОПҶТ. Душанбе. – 2021. - С. 400. [9, С. 400]

Рақамҳои ҷадвали 2 аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҳаҷми маҳсулоти саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2011-2020 (бо нархҳои солҳои дахлдор) зиёда аз 3,9 маротиба (392,9%) зиёд шудааст, аз он ҷумла саноати истихроҷи маъдан зиёда аз 4,4 маротиба (441,9%), саноати коркард қариб 3,6 маротиба (359,3%) ва истеҳсолу тақсими неруи барқ, газ ва об қариб 5,16 маротиба (515,9%) афзудааст. Қобили қайд аст, ки нишондиҳандаҳои қисми зиёди соҳаҳои саноат дар соли 2020 каме камтар зиёд шудаанд (саноати истихроҷи маъдан нисбат ба соли 2019 – 11,2%, аз он ҷумла истихроҷи маводҳои ғайриэнергетикӣ – 13,3% камтар истеҳсол намудаанд).

Гарчанде дар соҳаи саноати коркард маҳсулоти саноатӣ қариб 3,6 маротиба афзудааст, аммо дар чунин зерсоҳаҳо истеҳсолот дар соли 2020 нисбат ба соли 2019 пасттар шудааст, истеҳсоли маҳсулоти нафтӣ 31,5%, истеҳсоли селулозаю қоғаз, фаъолияти табъу нашр – 30%, мошинсозӣ – 5,5% ва коркарди чӯбу тахта ва истеҳсоли маснуот аз чуб – 4,1% камтар маҳсулот истеҳсол гардидааст, ки сабаби асосии он бемории Коронавирус мебошад.

Таҳлили сохтори соҳавии саноат дар асоси маҳсулоти умумӣ бо нархҳои солҳои дахлдор нишон медиҳад, ки дар ин давра тағйироти назаррас ба амал омадааст (ҷадвали 3).

Ҷадвали 3.

Сохтори соҳавии саноати ҳаҷми маҳсулоти саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2011-2020 (бо нархҳои солҳои дахлдор) млн. сомонӣ

Нишондиҳандаҳо	2011	2015	2016	2017	2018	2019	2020	тағйирот: +, -
Ҳамагӣ саноат	**100**	**100**	**100**	**100**	**100**	**100**	**100**	**-**
Аз он ҷумла:								
Саноати истихроҷи маъдан	**12,4**	**13,5**	**19,9**	**22,6**	**19,6**	**17,6**	**13,9**	**+1,5**

Аз он ҷумла:								
- Истихроҷи маводҳои энергетикӣ	0,9	1,7	1,5	1,4	1,4	1,4	1,4	+0,5
- Истихроҷи маводҳои ғайриэнергетикӣ	11,4	11,8	18,4	21,1	18,2	16,2	12,5	+1,1
Саноати коркард	**69,0**	**65,6**	**62,1**	**58,6**	**56,6**	**57,8**	**61,7**	**-7,3**
Аз он ҷумла:								
- истеҳсоли маҳсулоти хӯрока	31,1	28,5	24,4	21,4	20,5	19,6	22,9	-8,2
- истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагӣ	18,0	10,6	10,1	11,8	10,4	9,5	9,3	-8,7
- истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм ва истеҳсоли пойафзол	0,2	0,3	0,3	0,3	0,3	0,3	0,3	+0,1
- коркарди чубу тахта ва истеҳсоли маснуот аз чӯб	0,4	0,6	0,7	0,6	0,6	0,5	0,5	+0,1
- истеҳсоли селулозаю қоғаз, фаъолияти табъу нашр	0,7	1,2	0,8	0,7	1,0	0,9	0,6	-0,1
- истеҳсоли маҳсулоти нафт	0,3	0,4	0,4	0,4	0,4	0,5	0,3	-
- истеҳсоли кимиёвӣ	0,3	0,7	0,6	0,5	0,6	0,6	0,6	+0,3
- истеҳсоли маснуоти резинӣ	0,4	0,5	0,6	0,8	0,8	1,0	1,0	+0,6
- истеҳсоли ҳаргуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ	4,9	9,8	11,0	10,4	9,6	9,4	8,8	+3,9
- истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маснуоти тайёри филизӣ	10,0	11,9	12,3	10,9	11,3	14,0	16,1	+6,1
- мошинсозӣ	2,5	0,8	0,8	0,7	0,9	1,1	0,9	-1,6
-ҳаргуна соҳаҳои саноат	0,1	0,2	0,2	0,2	0,2	0,4	0,4	+0,3
Истеҳсолу таҳсими неруи барқ, газ ва об	**18,6**	**20,9**	**18,0**	**18,8**	**23,8**	**24,6**	**24,4**	**+5,8**

Маъхаз: Дар асоси «Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ». Маҷмӯаи оморӣ. АОПҶТ. –Душанбе. – 2021. - С. 400 тартиб дода шудааст. [9, С. 400]

Чи тавре ки аз рақамҳои ҷадвали 3 дида мешавад, дар давоми солҳои 2011-2020 дар сохтори соҳавии саноат тағйироти куллӣ ба амал омадааст. Агар дар соли 2011 ҳиссаи соҳаҳои саноати коркард 69,0 дарсад -ро ташкил намуда бошад, пас дар соли 2020 то 61,7 дарсад паст шудааст аз ҳисоби кам шудани ҳиссаи чунин зерсоҳаҳо ба монанди истеҳсоли маҳсулоти хӯрока –

8,2%, истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ ва дузандагӣ – 8,7%, соҳаи мошинсозӣ – 1,6%.

Дар ин давра дар соҳаҳои саноати коркард ҳиссаи истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маснуоти тайёри филизӣ ва истеҳсоли ҳаргуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ ба таври назаррас зиёд шудааст, мувофиқан 6,1 ва 3,9 дарсад.

Дар ҷойи дуюм истеҳсолу тақсими неруи барқ, газ ва об меистад – 24,4 дарсад ва тамоили зиёдшавӣ дорад. Бояд қайд намуд, ки аз ҳисоби зиёд шудани иқтидори соҳаи энергетика ва корхонаҳои истеҳсоли маводи сохтмонӣ дар солҳои охир ҳиссаи саноати коркард тамоили камшавӣ дорад. Агар дар соли 2011 вазни қиёси саноати коркард 69,0 дарсад бошад, пас, дар соли 2020 он 61,7 дарсадро ташкил намудааст, Яъне, 7,3 нуқтаи фоизӣ паст шудааст, гарчанде аз соли 2017 тамоили зиёдшавӣ дорад.

Таҳлили сохтори соҳавии саноат дар минтақаҳо дар солҳои 2013-2020 дар ҷадвали 4. оварда шудааст.

Чи тавре ки аз рақамҳои ҷадвали 4. дида мешавад, ҳиссаи саноати коркард аз ҳама зиёд дар вилояти Суғд, ш.Душанбе ва вилояти Хатлон мушоҳида мегардад, мувофиқан 74,4, 59,1 ва 49,1 дарсад ва аз ҳама паст дар ВМКБ – 18,3%. Вазни қиёсии саноати истихроҷи маъдан ва истеҳсолу тақсими неруи барқ, газ ва об дар ВМКБ хеле зиёд аст, мувофиқан 37,0 ва 44,7 дарсад. Ҳиссаи саноати истихроҷи маъдан инчунин, дар НТҶ ва в. Сугд низ назаррас мебошад, мувофиқан 28,2 ва 18,4 фоиз, аммо аз ҳама зиёд ҳиссаи истеҳсолу тақсими неруи барқ, газ ва об дар вилояти Хатлон буда, инчунин, вазни қиёсии ин қисмати саноат дар ш.Душанбе ва НТҶ низ назаррас мебошад, мувофиқан 38,9 ва 30,8 дарсад.

Агар ин рақамҳоро бо нишондиҳандаҳои соли 2013 муқоиса намоем, дида мешавад, ки дар давоми 7 сол сохтори соҳавии саноат дар минтақаҳо дар ин муддат хеле тағйир ёфтааст. Масалан, ҳиссаи саноати истихроҷи маъдан дар ВМКБ аз 1,1 то 37% тағйир ёфтааст, Яъне, фарқият 35,9 нуқтаи фоизӣ, саноати коркард бошад аз 60,7 то 18,3 дарсад кам шудааст ва сабаби он, пеш аз ҳама, аз ҳисоби кам шудани ҳиссаи саноати хӯрокворӣ дар вилоят мебошад (54,8 ва 11,2). Вазни қиёсии истеҳсолу тақсими неруи барқ, газ ва об дар вилоят бошад дар ин давра аз 38,2 то 44,7 зиёд шудааст.

Дар вилояти Суғд бошад ҳиссаи саноати истихроҷи маъдан дар ин давра аз 23,2 то 18,4 дарсад кам шудааст, ҳол он ки вазни қиёсии саноати коркард дар вилоят аз 71,0 то 74,4 зиёд шудааст, инчунин, ҳиссаи истеҳсолу тақсими неруи барқ, газ ва об тағйир ёфта аз 5,8 то 7,2 дарсад зиёд шудааст.

Дар вилояти Хатлон ҳам дар сохтори соҳавии саноати он тағйирот дида мешавад. Аз он ҷумла, ҳиссаи саноати истихроҷи маъдан ва ҳиссаи истеҳсолу тақсими неруи барқ, газ ва об зиёд шуда вазни қиёсии саноати коркард аз 59,9 то 49,1 дарсад кам шудааст ва он пеш аз ҳама, аз ҳисоби саноати хӯрока мебошад.

Ҷадвали 4. Сохтори соҳавии саноат дар минтақаҳо дар солҳои 2013 - 2020 бо (%)

	2013					2020				
Нишондиҳандаҳо	ВМКБ	Вилояти Суғд	Вилояти Хатлон	ш. Душанбе	РРП	ВМКБ	Вилояти Суғд	Вилояти Хатлон	ш. Душанбе	РРП
Ҳамагӣ саноат,	100	100	100	100	100	100	100	100	100	100
Аз он ҷумла:										
Саноати истихрочи маъдан	**1,1**	**23,2**	**3,7**	**1,0**	**14,0**	**37,0**	**18,4**	**4,3**	**2,0**	**28,2**
Аз он ҷумла:										
- Истихрочи маводҳои энергетикӣ	1,1	3,0	0,5	-	12,3	-	2,2	0,3	-	1,9
- Истихрочи маводҳои гайриэнергетикӣ	0,0	20,1	3,2	1,0	1,7	37,0	16,2	4,0	2,0	26,3
Саноати коркард	**60,7**	**71,0**	**59,9**	**84,8**	**81,5**	**18,3**	**74,4**	**49,1**	**59,1**	**41,0**
Аз он ҷумла:										
- истеҳсоли маҳсулоти хӯрока	54,8	33,9	37,1	38,6	34,9	11,2	31,5	12,2	23,3	12,3
- истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагӣ	2,8	16,5	17,5	6,8	3,1	2,3	6,4	18,3	4,6	2,7
- истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм ва истеҳсоли пойафзол	-	0,0	0,0	1,6	-	-	0,2	0,0	1,9	0,1
- коркарди чубу тахта ва истеҳсоли маснуот аз чуб	2,0	0,7	0,2	0,7	0,3	0,5	0,4	0,2	1,4	0,5
- истеҳсоли селулозаю қоғаз, фаъолияти табъу нашр	0,1	0,2	0,0	7,2	0,1	0,3	0,1	0,1	5,1	0,3
- истеҳсоли маҳсулоти нафт	-	0,3	0,2	3,2	3,7	-	0,2	0,0	-	1,5
- истеҳсоли кимиёвӣ	0,1	1,2	0,1	0,3	0,2	0,0	0,3	1,0	0,5	0,9
- истеҳсоли маснуоти резинӣ	60,7-	1,3	-	0,4	-	0,1	1,0	0,5	0,9	2,1
- истеҳсоли ҳаргуна маҳсулоти гайрифилизии маъданӣ	0,5	3,8	4,0	11,9	2,1	3,1	5,6	15,1	10,7	5,5
- истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маснуоти тайёри филизӣ	0,4	12,5	0,3	6,5	35,2	0,4	28,1	0,7	3,7	13,3
- мошинсозӣ	-	0,4	0,4	6,2	1,9	-	0,1	1,0	5,3	1,1
-ҳаргуна соҳаҳои саноат	0,0	0,1	0,0	1,4	0,0	0,4	0,5	0,0	1,7	0,5
Истеҳсолу тақсими неруи барқ, газ ва об	**38,2**	**5,8**	**36,4**	**14,2**	**4,5**	**44,7**	**7,2**	**46,6**	**38,9**	**30,8**

Маъхаз: Дар асоси «Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ». Маҷмӯаи оморӣ. АОПҶТ. Душанбе. – 2021. - С. 400. [9, С. 307]. Омори солонаи ҶТ. Маҷмуаи оморӣ. АОПҶТ, Душанбе. – 2014. - с.251-252 [7, С. –307]. тартиб дода шудааст.

Дар вилояти Хатлон ҳам дар сохтори соҳавии саноати он тағйирот дида мешавад. Аз он ҷумла, ҳиссаи саноати истихроҷи маъдан ва ҳиссаи истеҳсолу тақсими неруи барқ, газ ва об зиёд шуда вазни қиёсии саноати коркард аз 59,9 то 49,1 дарсад кам шудааст ва он пеш аз ҳама, аз ҳисоби саноати хурока мебошад.

Дар ш. Душанбе дар ин муддат ҳиссаи саноати коркард аз 84,8 то 59,1 дарсад кам шуда, вазни қиёсии саноати истихроҷи маъдан ва истеҳсолу тақсими неруи барқ, газ ва об зиёд шудааст.

Дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бошад дар ин давра ҳиссаи саноати коркард қариб ду маротиба (81,5 ва 41,0%) паст шуда, баръакс вазни қиёсии саноати истихроҷи маъдан зиёда аз ду маротиба (14,0 то 28,2 фоиз) ва истеҳсолу тақсими неруи барқ, газ ва об 6,8 маротиба аз 4,5 то 30,8 фоиз зиёд гардидааст, ки он бевосита вобаста аст аз рушди соҳаи саноати истихроҷи маъдан дар ҳама, минтақаҳо ва тараққии истеҳсоли неруи барқ.

Бояд қайд намуд, ки барои муайян кардани суръати рушди саноат вобаста ба Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 амалигардонии таҳлили қиёсии нишондиҳандаҳои воқеии рушди саноати миллӣ бо нишондиҳандаҳои пешбинигардида дар он зарур аст (ҷадвали 5).

Таҳлилҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки нишондиҳандаҳои заминагузори таъмини рушди индустриалии иқтисоди миллӣ аз соли 2015 то 2020 мусбӣ арзёбӣ гардида, дараҷаи имконпазирии комёбшавӣ ба мақсадҳои дар СМР-2030 гузошташударо асоснок менамоянд. Чӣ хеле ки аз ҷадвали 1. дида мешавад, солҳои 2016-2020 ҳиссаи саноат дар ММД аз индикаторҳои мақсадноки сенариявии барои соли 2020 пешбинигардида зиёд аст. Нишондиҳандаи афзоиши ҳаҷми истеҳсоли саноатӣ нисбати соли 2015 бошад дар соли 2020 1,9 маротиба афзудааст, ки вобаста ба индикаторҳои СМР-2030 дар соли 2020 аз рӯи сенарияи индустриалии рушд бояд 1,6 маротиба ва аз рӯи сенарияи индуриалӣ-инноватсионӣ 2 маротиба бояд афзоиш ёбад. Аммо, соли 2020 аз рӯи суръати афзоиши истеҳсолоти саноатӣ бо фоиз нисбат ба соли гузашта ин нишондиҳанда 8,8% дарсадро ташкил додааст, ки дар қиёс бо солҳои пешин хеле паст аст. Бояд қайд намуд, ки ба нишондиҳандаҳои иқтисодии мамлакат пандемияи COVID – 19 таъсири худро расондааст.

Аз рӯи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба ҳар нафар аҳолӣ дар Тоҷикистон нишондиҳанда дар қиёс бо аксарияти давлатҳои ИДМ паст аст. Ин нишондиҳанда нисбати Россия 25,2 маротиба, Белорусия 19,2 маротиба, Қазоқистон 14,5 маротиба, Озарбойҷон 8,8 маротиба, Арманистон 4,4 маротиба, Ӯзбекистон 3,4 маротиба, Молдова 2,5 маротиба ва аз Қирғизистон 2, 0 маротиба паст аст. [11, С. 262].

Агар ба таври умумӣ баҳо диҳем, нишондиҳандаҳои воқеии рушди индустриалӣ, ки дар ҷадвали 5 оварда шудаанд, барои расидан ба ҳадафҳои СМР-2030 ва Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 эътимодбахшанд.

Самти дигари таъминкунандаи рушди иқтисодиёти миллӣ тараққиёти инноватсионии соҳаҳои пешбар ба ҳисоб меравад. Тараққиёти инноватсионии иқтисодиёти миллӣ бештар аз дараҷаи фаъолияти инноватсионии корхонаҳои соҳавии он вобастагӣ дорад. Устувории мавқеи инноватсионии корхонаҳоро бошад, низоми оқилонаи ташкил ва идоракунии илман асоснокшуда таъмин менамояд.

Рушди инноватсионӣ, пеш аз ҳама, аз ҳолату динамикаи бозори инноватсияҳо, бозори технологияҳо, ноу-хау, бозори захираҳои инноватсионӣ, бозори меҳнати интеллектуалӣ вобаста мебошад.

Дар навбати худ дараҷаи рушди инноватсионии соҳаҳои иқтисодиёти аз фаъолияти ихтироъкории олимону мутахассисони ватанӣ вобастагӣ дорад.

Ҷадвали 5. Таҳлили киёсии нишондиҳандаҳои воқеӣ ва индикаторҳои мақсадноки СМР-2030*

Нишондиҳанда	Вох. ченак	Солҳои таҳлилшаванда						СЕНАРИЯИ ИНДУСТРИАЛӢ аз рӯи СМР-2030			СЕНАРИЯИ ИНДУСТРИАЛИ-ИННОВАТСИОНӢ аз рӯи СМР-2030		
		2015	2016	2017	2018	2019	2020	2020	2025	2030	2020	2025	2030
Шумораи аҳолӣ (дар охири сол)	ҳаз. нафр.	8551,2	8742,8	8931,2	9126,6	9313,8	9506,3	9419	10300	11102	9419	10300	11102
Суръати афзоиши воқеии ММД ба ҳисоби миёна дар як сол	%	6,0	6,9	7,1	7,3	7,4	4,5	6,0	6,9	7,8	7,9	8,9	9,9
Ҳиссаи саноат дар ММД	%	15,1	16,9	19,9	21,2	21,2	17,4	16	17,6	20,1	14,8	17,3	22
Ҳиссаи ҳочагии хишлоқ дар ММД	%	21,9	20,3	21,2	18,6	20,9	22,6	20,5	17,7	14,1	20,3	16,1	11,7
Ҳиссаи хизматрасониҳо дар ММД	%	37,7	36,6	38,1	36,0	36,5	43,4	50,9	52	53	51,8	53,2	52,8
Афзоиши ҳаҷми истеҳсоли саноати (нисбат ба соли 2015)	%	100	1,16 мар-тиба	1,4 маротиба	1,56 маротиба	1,76 маротиба	1,9 маротиба	1,6 маротиба	2,6 маротиба	4,2 маротиба	2,0 маротиба	4,0 маротиба	8,0 маротиба
ММД ба ҳар нафар аҳолӣ	долл. ИМА	978,5	808,7	852,8	860,0	900,3	851,5	4000	5000	5500-6000	5000	6000	6500-7000
Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба ҳар нафар аҳолӣ	долл. ИМА	204,0	219,3	254,5	277,9	311,1	314,8	-	-	-	-	-	-
Суръати афзоиши истеҳсолоти саноатӣ бо фонз нисбат ба соли гузашта	%	11,3	16,0	21,3	10,6	13,2	8,8	-	-	-	-	-	-

*Ҳисобҳои муаллиф дар асоси:

1. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои даврае то соли 2030 (01.12.2016, №636). – С.102. [13, С.102]
2. Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолият // Маҷмӯаи омор// Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2021, [С,11,335,340, 344-345].
3. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолият // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С.9-10; 30.[С.9-10].

Таҳлили дараҷаи самаранокии фаъолияти ихтироъкорӣ аз рӯи соҳаҳо дар солҳои 2004-2014 нишон медиҳад, ки ҳиссаи ҳуҷҷатҳои аз тарафи мақомоти дахлдор додашуда барои ҳимояи ҳуқуқи муаллифи ихтироот (патент ва патенти хурд) вобаста ба соҳаҳои иқтисодиёт гуногун ҳастанд.[10, с. 109-111]

Мувофиқи таҳлили гузаронидашуда миқдори патентҳои додашуда дар соҳаи саноат 63 патент аст. Аз онҳо, 47,6 дарсад ба саноати хӯрокворӣ, 20,6 дарсад ба саноати сабук ва 31,7 дарсад ба саноати металлургӣ тааллуқ доранд.

Бояд қайд намуд, ки барои рушди инноватсиони соҳаи металлургия Институти илмӣ-тадқиқотии металлургия, ки дар таркиби ширкати ТАЛКО фаъолият менамояд, нақши назаррас дорад. Дар давоми фаъолияти худ институт 19 патенти хурд ва 3 патенти Авроосиёро дар асоси ихтирооти худ соҳиб шудаанд.

Яке аз нишондиҳандаҳои муҳим дар ин самт афзоиши миқдори ихтирооте мебошад, ки дар соҳаҳои истеҳсолӣ татбиқ карда мешаванд. Ҳиссаи ихтирооте, ки дар давраи таҳлилӣ дар истеҳсолот татбиқ карда шудааст, аз шумораи умумии ихтирооти соҳаи саноат 9,5 дарсадро ташкил додаст, Яъне, аз 63 ихтироъ. Сабаби чунин паст будани фоизи татбиқи ихтироот дар истеҳсолот бештар ҷанбаи ниҳодӣ (институтсионалӣ) дорад, ки ҳалли он аз қарорҳои дараҷаҳои идоракунӣ дар сатҳи корхонаҳо, соҳаҳо ва давлат вобаста аст. [10, с. 109-111]

Дар таъмини пешрафту тараққии инноватсионӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ, (глобализатсия) болоравии фаъолкунонии инноватсионии корхонаҳо ва соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ, нақши муҳимро мебозад. Айни замон бошад, дараҷаи фаъолнокии корхонаҳоро дар самти инноватсионӣ мусбӣ арзёбӣ кардан ғайриимкон аст. Таҳлилҳои гузаронидашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти инноватсионӣ навқадам ҳастанд ва як қатор масъалаю саволҳое дар рӯ ба рӯяшон истодааст, ки ҳалли худро талаб менамоянд.

Қобили қайд аст, ки дар давраи муосир нақши иқтисодиёти рақамӣ рӯз то рӯз аҳамияти зиёдро доро шуда истодааст. Барои тараққии соҳаҳои иқтисоди миллӣ, аз он ҷумла дар соҳаи саноат барои таъмин намудани рақобатпазирии фаъолият бояд ба таври васеъ технологияҳои иттилоотӣ дар корхонаю ширкатҳо ҷорӣ карда шавад.

Мувофиқи таҳлилҳои олимон ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ дар ҷараёнҳои фаъолияти соҳибкорӣ имконият медиҳад, ки арзиши аслии маҳсулот паст гардида, ҳосилнокии меҳнат афзояд, рақобатпазирии ширкатҳо зиёд гардида, осонгардонии дохилшавӣ ба захираҳои технологияҳои иттилоотӣ таъмин гардида, воридшавии навовариҳои илмию техникӣ ба иқтисодиёт осон гардад [4, с. 108-116].

Соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд фаъолкунонии инноватсиониро дар дурнамо бо назардошти унсурҳои мусоидаткунандаи ташаккули афзалиятҳои инноватсионӣ дар иқтисоди бозорӣ афзун намоянд

ва хусусияти таъсири онҳо,ро дар шароити нав мавриди баррасӣ қарор диҳанд.

Бояд қайд намуд, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди инноватсионии соҳаи саноат кӯшишҳои зиёд ба харҷ медиҳад. Дар ин самт «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020»[1], «Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020» [15], «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030»[13], «Стратегияи рушди саноат Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030»[14], "Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025»[2], Комиссия оид ба татбиқи «Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, "Барномаи рушди фанҳои дақиқ дар давраи солҳои 2020-2040"[3] ва ҳуҷҷатҳои дигар шаҳодат медиҳад.

Барои таъмин кардани рушди бемайлони соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси рушди индустриалӣ ва инноватсионии иқтисодиёт як қатор чорабиниҳоро амалӣ кардан мувофиқи мақсад аст:

1. Тағйир додани таносуби истеҳсоли маҳсулоти соҳаҳои истихроҷ ва коркард ба нафъи соҳаи коркарди маҳсулот;

2. Беҳтар намудани сифати тайёркунии кадрҳои соҳаи иқтисоди миллӣ, аз он ҷумла соҳаи саноат, инчунин, мутахассисони соҳаи технологияҳои иттилоотӣ;

3. Рушди афзалиятноки истеҳсолот ва соҳаҳои нав ва навтарин, аз он ҷумла, технологияҳои иттилоотӣ ки пешрафти илмӣ-техникиро дар хоҷагии халқ таъмин месозанд ва ба ҳамин васила рақобатпазир кардани иқтисодиёти миллӣ;

4. Бо суръати баланд рушд додани комплекси агросаноатӣ то ба сатҳе, ки имкони таъмин намудани аҳолии кишварро бо маҳсулоти асосии хушсифати ватанӣ аз рӯи меъёрҳои физиологии истеъмол фароҳам оварад. Ноил шудан ба амнияти ғизоии кишвар;

5. Таъмин намудани коркарди пурраи сикли истеҳсолӣ аз ашёи хом сар карда, то истеҳсол намудани маҳсулот барои истеъмоли охирин;

6. Ба роҳ мондани кластерикунонии инноватсионии соҳаҳои саноати ҷумҳурӣ;

7. Рушди ботавозуни комплекси мошинсозӣ – бунёдгузори асоси моддӣ-техникии соҳаҳои дигари хоҷагии халқ ва бахусус, соҳаи саноат;

8. Ривоҷ додани соҳаҳои ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунӣ;

9. Беҳтарсозии ҷойгиронии корхонаҳои саноатии таъсисшаванда вобаста ба махсусиятҳои минтақавӣ;

10. Баландбардории фаъолнокии инноватсионии корхонаҳои саноатӣ, дар асоси пурзӯр намудани робитаҳои онҳо, бо институтҳои илмӣ-тадқиқоти ва мактабҳои олии ҷумҳурӣ;

11. Такмил додани иқтидори илмӣ-техникии кишвар;

12. Баландбардории сатҳи маълумотнокӣ ва мутобиқати тахассусии кадрҳо дар пайванди илм бо истеҳсолот марбут буда;

Бо ақидаи мо, иҷрои ин тадбирҳо дар ҳамбастагии иҷрои сиёсати амалкард дар сатҳи корхонаҳо, соҳаҳо ва давлат ҳалли худро пайдо карда метавонанд ва имкон медиҳад, ки он ҳадафҳои аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муайянгардида амалӣ гарданд.

АДАБИЁТ

1. Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020. Аз 30 апрели соли 2011, №227.
2. Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025. Аз 27 маи соли 2020, №293.
3. Барномаи рушди фанҳои дақиқ дар давраи солҳои 2020-2040. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2020, №1445.
4. Истомина Е.А. Оценка трендов цифровизации в промышленности. //Вестник Челябинского государственного университета. 2018. №12 (422). Экономические науки. Вып.63. с. 108-116.
5. Низамова Т.Д. Нақши соҳаи саноат дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон //Мав.конфронсияи байналмилали илмӣ-амалӣ. “Масоили мубрами ташаккулдиҳии ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” - Душанбе: Дониш, 2018с. – С.209-212.
6. Низамова Т.Д., Раҳмонов Ҷ.Р. Баъзе масъалаҳои таъмини рушди индустриалӣ ва инноватсионии иқтисоди миллӣ//Маводи мизи гирди умумӣ-донишгоҳии илмию назариявӣ дар мавзӯи «Масоили мубрами менеҷмент дар шароити муосир» (20-уми декабри соли 2019) -Душанбе, Матбааи ДМТ. 2019. – С.171.
7. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ. АОПҶТ. – Душанбе. – 2014. - С.251-252/
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (26.12.2018). –Душанбе.- 2018.- С.4.
9. Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолият// Маҷмӯаи оморӣ.// Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2021, С.11, 335, 340, 344-345.
10. Раҳмонов Ҷ.Р. Идоракунии ҷараёнҳои инноватсионӣ дар корхонаҳои саноатӣ дар шароити иқтисодиёти давраи гузариш // Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи н.и.иқтисодӣ. [бо заб.русӣ] – Душанбе, 2016.-165 С.
11. Рахимов Р.К., Довгялло Я.П. Приоритеты инновационного развития экономики Республики Таджикистан // Монография, АН РТ Инс-т экономики и демографии. – Душанбе: Дониш, 2019. – 262 с.
12. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолият // Маҷмӯаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – 93С.
13. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. (01.12.2016, №636). –Душанбе. – 2016. – 114 С.

14. Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (Қарори ҲҶТ, №159 аз 27.03.2018с.).

15. Стратегияи инноватсионии инкишофи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020 аз 30.05.2015г., № 354.

УСКОРЕННАЯ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИЯ И ОБЕСПЕЧЕНИЕ ИННОВАЦИОННОГО РАЗВИТИЯ НАЦИОНАЛЬНОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

НИЗАМОВА ТУХФАМО ДАВЛАТОВНА,
доктор экономических наук, профессор кафедры экономики предприятий и предпринимательства ТНУ
734025, Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17;
тел.: (+992) 93-423-82-20; e-mail: tuhfamoh49@mail.ru

РАХМОНОВ ДЖАЛОЛИДДИН РАВШАНКУЛОВИЧ,
кандидат экономических наук, заведующий кафедрой экономики предприятий и предприятий ТНУ
734025, Таджикистан, г. Душанбе проспект Рудаки 17;
тел .: (+992) 919-00-77-22; e-mail: jaloliddin78 @ inbox. ru.

В статье рассматриваются вопросы ускоренной индустриализации и обеспечение инновационного развития национальной промышленности в Республике Таджикистан в свете «Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 года». Определена ключевая роль промышленности в развитии национальной экономики и обеспечении экономического развития страны, подчеркнута необходимость ускоренной индустриализации в приоритетных направлениях социально-экономического значения с опорой на основу инноваций и цифровизации на современном этапе.

Исходя из сравнительного анализа фактических показателей развития национальной промышленности с прогнозными показателями НСР Республики Таджикистан на период до 2030 года, выявлено, что предпосылки для обеспечения индустриального развития национальной экономики с 2015 по 2020 год являются положительнами. Проанализирован уровень инновационного развития в отраслях промышленности страны и выявлено, что хотя изобретательская деятельность ученых и специалистов дала хорошие результаты в некоторых отраслях промышленности, однако лишь 9,5% от общего количества изобретений нашли применение в промышленности. Даны рекомендации по эффективной организации инновационного процесса на уровне предприятий, отрасли и региона.

Ключевые слова: *промышленность, ускоренная индустриализация, инновации, инновационный процесс, изобретение, патент, стратегия.*

ACCELERATED INDUSTRIALIZATION AND SUPPLY INNOVATIVE DEVELOPMENT OF THE NATIONAL INDUSTRY

NIZAMOVA TUKHFAMO DAVLATOVNA,
Doctor of Economics, Professor of the Department of
Economics of Enterprises and Entrepreneurship, TNU
734025, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17;
tel : (+992) 93-423-82-20; e-mail: tuhfamoh49@mail.ru

RAKHMONOV JALOLIDDIN RAVSHANKULOVICH,
PhD in Economics, Head of the Department of
Economics enterprises and enterprises TNU
734025, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 17;
tel.: (+992) 919-00-77-22; e-mail: jaloliddin78 @ inbox. ru.

The article examines the issues of accelerated industrialization and ensuring the innovative development of the national industry in the Republic of Tajikistan in the light of the "National Development Strategy of the Republic of Tajikistan for the period up to 2030". The key role of industry in the development of the national economy and ensuring the economic development of the country was determined, the need for accelerated industrialization in priority areas of socio-economic importance based on innovation and digitalization at the present stage was emphasized.

Based on a comparative analysis of the actual indicators of the development of the national industry with the forecast indicators of the NDS of the Republic of Tajikistan for the period up to 2030, it was revealed that the prerequisites for ensuring the industrial development of the national economy from 2015 to 2020 are positive. The level of innovative development in the country's industries is analyzed and it is revealed that although the inventive activity of scientists and specialists has given good results in some industries, only 9.5% of the total number of inventions have found application in industry. Recommendations are given for the effective organization of the innovation process at the level of an enterprise, industry and region.

Keywords: *industry, accelerated industrialization, innovation, innovation process, invention, patent, strategy.*

УДК:339 (51/52)

ЭКОНОМИЧЕСКАЯ ИНТЕГРАЦИЯ СТРАН ЦЕНТРАЛЬНО-АЗИАТСКОГО РЕГИОНА

КАРИМОВА МАВЗУНА ТИМУРОВНА,

Доктор экономических наук, заведующий отделом экономической теории и международных отношений Института экономики и демографии Национальной Академии наук Таджикистана
734044 Таджикистан, г.Душанбе, пр, Айни 44;
тел.: +(992) 918-63-01-46; e-mail: kmavzuna@mail.ru

АДОЛАТИ КУРБОНАЛИ,
соискатель Таджикского государственного финансово-экономического Университета.
734067, Таджикистан, г.Душанбе, Нахимова 64/14;
тел: (+992) 917-81-00-00; e-mail: adolat.k@mail.ru

В статье дается характеристика межгосударственного сотрудничества стран Центрально-азиатского региона, акцент сделан на развитие внешнеторговой деятельности Республики Таджикистан и потенциальные направления экономической интеграции стран региона.

Ключевые слова: *интеграция, экономическое сотрудничество, страны центральной Азии, экспорт, импорт.*

В Послании Президента Республики Таджикистан, Лидера нации, уважаемого Эмомали Рахмона «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» отмечено, что Таджикистан во внешней политике придерживается главного принципа «метода открытых дверей», что «означает налаживание и развитие отношений дружбы, добрососедства, партнерства, плодотворное сотрудничество с зарубежными странами, международными и региональными организациями и международными финансовыми структурами»[1].

Развитию отношений Таджикистана с различными странами мира придается важное значение. Страна установила дипломатические отношения с 180 государствами мира, в том числе и со странами Центральной Азии (ЦА). Если рассматривать Центральную Азию как регион, то в него входят такие страны как Казахстан, Кыргызстан, Туркменистан, Таджики-

стан и Узбекистан, связанные глубокими экономическими, политическими, культурными и родственными связями. Это регион, в котором в 2020 году проживало 76,6 млн. человек, против 67,5 млн. чел в 2014 году [2].

Размер ВВП в этих странах в 2020 году по сравнению с 2014 годом возрос в 2,65 раз и составил 912,5 млрд. долл., США. Страны ЦА обладают значительной по масштабу территорией, богатыми полезными ископаемыми, природными и трудовыми ресурсами, что выступает основой для их эффективного и взаимовыгодного сотрудничества, к числу преимуществ которого можно отнести:

- обеспеченность центрально-азиатских стран природными, сельскохозяйственными запасами, энергетическими ресурсами;
- значительный экспортный потенциал;
- производственные возможности, которые посредством кооперации и совместных инвестиционных проектов способствуют выпуску конкурентоспособной продукции;
- дешевые трудовые ресурсы;
- благоприятное географическое положение между Европейскими странами и Российской Федерацией, а также странами Востока;
- возможность создания единой водно-энергетической системы и обеспечение водно-энергетической независимости;
- обеспечение экологической безопасности;
- достаточно высокие научно-технологические возможности и т.п.

Рис.1. Структура населения стран ЦА за 2020 год



Рис.2. Структура ВВП стран ЦА за 2020 год

Страной со значительно развитой экономикой выступает Казахстан, где ВВП по данным ВБ составил в 2020 году 501 млрд.долл.США, против 218 млрд.долл. США в 2014 году [3]. На втором месте по размеру ВВП стоит Узбекистан, в котором произведено ВВП на 253 млрд.долл.США против 62,6 млрд.долл. в 2014 году. Как видим экономика этих стран успешно развивается, что привело к увеличению ВВП в 2,3 раза в Казахстане и 4 раза в Узбекистане.

При этом ВВП на душу населения в каждой стране различен и наименьший наблюданется в Республике Таджикистан. Так в Таджикистане в 2020 году ВВП на душу населения составил 877 долл., в Узбекистане 1831 долл., в Кыргыстане 1292 долл, а в Туркменистане 7816 долл. Таджикистан по данному показателю занимает 143 место среди других стран мира.

Сотрудничество стран ЦА испытывает потребность в необходимости либерализации внешней торговли, а также развитии открытой экономики. Объем внешнеторгового оборота стран ЦА составляет 12% от общего объема стран СНГ. Внутри этого региона на современном этапе экономического развития наиболее тесные связи наблюдаются между Таджикистаном и Узбекистаном.

Таджикистан осуществляет тесные торговые связи со всеми странами Центральной Азии. Существенную роль среди них играет Республика Казахстан, на которую приходилось в 2020 году 62% экспорта продукции из Таджикистана (Табл.1.).

Табл.1.

Экспорт продукции Таджикистана в страны ЦА, млн.долл.[4,с.18].

Страны	2015	2016	2017	2018	2019	2020
Казахстан	146,5	194,9	324,3	299,9	218,2	152,2
Кыргызстан	9,4	8,9	10,9	14,1	11,4	9,6
Узбекистан	6,1	35,6	57,1	155,3	172	83,6
Туркменистан	2,5	1,4	1,5	0,6	0,3	0
Всего по странам ЦА	**162**	**239,4**	**392,3**	**469,3**	**401,6**	**245,4**
Экспорт всего по РТ	890,6	898,7	1198	1073	1174,4	1406,9
Доля стран ЦА в экспорте %	18,19	26,64	32,75	43,74	34,20	17,44

Доля стран ЦА в общем объеме экспорта составила в 2020 году 17,44%. При этом в течение 3х лет с 2017 по 2019год она имела тенденцию к существенному росту, но в 2020 году ситуация изменилась.

Табл. 2.

Импорт продукции из стран ЦА в Таджикистан, млн.долл.[4,с.21].

Страны	2015	2016	2017	2018	2019	2020
Казахстан	555,6	481,1	514,6	536,6	739,3	757,5
Кыргызстана	24,4	16,8	37,9	48,2	42,8	27,2
Узбекистан	5,9	33,6	69,3	133,2	190,2	0,3
Туркменистан	106,6	92,1	48,8	46,6	11,9	7,8
Всего по странам ЦА	**585,9**	**531,5**	**621,8**	**718**	**972,3**	**785**
Импорт всего по РТ	3435,6	3031,2	2774,9	3151	3349,3	3150,9
Доля стран ЦА в импорте,%	17,05	17,53	22,41	22,79	29,03	24,91

Внешнеторговый оброт Таджикистана со странами ЦА возрос в 1,3 раза. При этом наиболее резко возрос товарооборот Таджикистана с Республикой Узбекистан. Так за период с 2015 года по 2020 год товарооборот между двумя этими странами возрос в 27,8 раза.



Рис.3. Динамика внешнеторгового оборота Таджикистана со странами ЦА млн.долл[4, с.15].

В экспорте Казахстана превалируют минеральные продукты (нефть и газовый конденсат), металлы и изделия из них. В импорте превалирует продукция химической промышлнности, машины и оборудование.

В экспорте Узбекистана превалируют цветные и черные металлы, энергоносители, нефтепродукты, продовольственные товары, а в импорте-машины, оборудоване, химическая продукция.

Из Кыргызстана экспортируются золото, руды цветных металлов, электроэнергия, хлопок, шерсть, мясо и табак. А в импорте нефтепродукты, продукция химической промышленности, продовольственные товары, машины и оборудование. Для Таджикистана основными экпортируемыми товарами выступают драгоценные металлы, энергия и хлопок, а импортиируемыми- нефтепродукты, мука, пшеница и в первую очередь продовольтственные товары. Основными иностранными инвесторами стран центральноазиатского региона выступают в основном КНР, Российская Федерация, Германия, Турция. В Таджикистане и в Кыргызстане в основном иностранные инвестиции направлены на подьем горнодобывающего сектора и обрабатывающей промышлеености,

Государства данного региона содействуют укреплению внутрирегиональных связей посредством проявления интереса и участия в Таможенном союзе Евразийского Экономического союза (ЕАЭС), Организации Исламского сотрудничества (ОИС), Совета сотрудничества тюркоязычных государств (ССТГ), Содружества Независимых государств (СНГ), Шанхайской организации сотрудничества (ШОС), Организации

договора о коллективной безопасности (ОДКБ) и др. При этом каждое государство центральноазиатского региона стремится заключать и взаимовыгодные двухсторонние и многосторонние договора с другими странами мира, направленные на обеспечение стабильности, устойчивого экономического развития и независимости.

Табл.2.

Участие стран ЦА в международных организациях

Государства ЦА региона	*СНГ*	*ШОС*	*ЕАЭС*	*ОДКБ*	*ОИС*	*СТГ*
Казахстан	+	+	+	+	+	+
Узбекистан	+	+	-	-	+	-
Кыргызстан	+	+	+	+	+	+
Туркменистан	+	-	-	-	+	-
Таджикистан	+	+	-	+	+	-

Так, экономически более развитая страна Центральноазиатского региона – Казахстан, наступательно и динамично подключается к международным транспортным проектам, согласовывая свою активность с другими странами ЦА в плане эксплуатации своей территории в качестве транзитного моста, который соединил формирующиеся рынка стран Азии и Европы, Персидского залива с транспортной инфраструктурой Российской Федерации. Узбекистан не имеет выхода к морю, поэтому заинтересован в рсширении отношений с КНР и реализации совместных с Китаем проектов относительно Шелкового пути, Одного пояса, одного пути. Возможность выхода Казахстана через транскаспийскую железную дорогу дает возможнрость странам центрально-азиатского региона присоединиться к конкуренции на иранском рынке.

Углубление взаимоотношений между странами Центральной Азии несет в себе ряд определенных выгод. В частности, посредством усиления конкуренции; получения преимуществ от участия в межгосударственном разделении труда; получение положительного эффекта от расширения масштаба за счет увеличения рынков сбыта и роста конкурентоспособности предприятий; увеличение интереса у иностранных инвесторов, которых привлекает размер рынка и улучшенный бизнес-климат и др.

В развитии экономического сотрудничества стран ЦА накоплен существенный, но еще нереализованный полностию потенциал, и при ликвидации существующих барьеров на пути движения капитала, рабочей силы и товаров все страны региона могут получить значительную выгоду, хотя эти страны и удалены от морских портов.

Мировой опыт свидетельствует, что направления сотрудничества в рамках обеспечения устойчивых темпов экономического роста могут быть разнообразными. Например, в рамках реализации региональных инвестиционных проектов, в которые вовлечены несколько стран региона, возможны вложения инвестиций и межстрановый обмен современными технологиями. Это возможно и в рамках создания совместных предприятий, совместных торговых компаний и т.п.

Другим направлением совместного сотрудничества может выступить установление прочных устойчивых кооперационных связей между производственными предприятиями и компаниями стран центральноазиатского региона по производству добавленной стоимости. Например, приобретение таджикскими компаниями зерна, его переработка на мукомольных предприятиях страны и затем реализация уже фортифицированной муки т.е. обогащенной витаминами и микроэлементами в Кыргызстан и другие страны Центральной Азии. Возможно сотрудничество предприятий на основе кластерной кооперации, т.е. реализации товаров различных страновых компаний, но под единым брендом.

Возможно и развитие рыночной кооперации, когда фирмы и компании различных стран осуществляют коллективные действия при закупке и продвижении товаров на рынке. В частности, сюда можно отнести коллективные закупки сырья и комплектующих изделий, консолидированные поставки однотипной продукции, реализация товаров посредством использования каналов компаний-партнеров, применение единых регламентов, стандартов и пр. В рамках Региональной рабочей группы были разработаны стандарты «Черная слива-FFV-63», «Дыня-FFV-63», стандарт «Грецкий орех-DDP-02», «Абрикос», которые были представлены для утверждения в 2019 году на сессии Европейской экономической комиссии ООН и стали основами и для других стран ВТО.

Весьма эффективным направлением сотрудничества может выступить развитие инфраструктурной кооперации, т.е. применение предприятиями инфраструктуры стран Центральной Азии, создание совместных транспортных коридоров, оказание транспортных, логистических услуг, совместное использование складских помещений, лабораторий, организаций по сертификации продукции и т.п.

И наконец, можно обмениваться опытом в повышении кадрового потенциала, посредством проведения различных форумов, тренингов, деловых встреч, инвестиционных форумов и т.п.

Воплощение в жизнь возможностей взаимовыгодного сотрудничества зависит и от уровня развития частного сектора и возможностей для его масштабного развития, существующие в каждой стране ЦА.

В Таджикистане с января 2022 года вступает в силу новый Налоговый Кодекс, изменения в котором направлены в первую очередь на образование новых рабочих мест, расширение предпринимательства в стране. При этом общее число налогов сократилось, было 10 стало – 7, снижены и налоговые ставки и принят ряд налоговых льгот. Такие действия могут привести к увеличению масштабов производства, и как следствие пополнению доходной части государственного бюджета страны.

ЛИТЕРАТУРА

1. Послание Президента Республики Таджикистан http://www.-president.tj/ru/node/27418.

2. Численность населения по странам мира. // https: //ru.wikipedia.org/ wiki/

3. ВВП стран мира, по данным ВБ. //https://ru.wikipedia.-org/wiki/%D0% A1%D0%BF%D0%B8%D1%81%D0%BE%D0%BA_%D1%81%D1%82%D1%80%D0%B0%D0%BD_c%D0%BF%D0%BE_%D0%92%D0%92%D0%9F_(%D0%9F%D0%9F%D0%A1)

4. Внешнеэкономическая деятельность Республики Таджикистан. Статистический ежегодник.- Душанбе. Агентство по статистике при Президенте РТ. 2021.

5. Каримова М.Т., Бобокалонов О.К. Современное состояние и тенденции внешнеэкономической деятельности Республики Таджикистан //Экономика Таджикистана, №3-4. 2016г. -С. 116 – 126.

6. Каримова М.Т., Хасанов Ч.Р. Взаимоотношения Таджикистана со странами ЕАЭС //Экономика Таджикистан 2021. №1.

ИНТЕГРАЦИЯИ ИҚТИСОДИИ МАМЛАКАТҲОИ МИНТАҚАИ ОСИЁИ МИЕНА

КАРИМОВА МАВЗУНА ТИМУРОВНА,
доктори илмҳои иқтисодиёт, мудири шӯъбаи назарияи иқтисод ва муносибатҳои байналмилалии Институти иқтисод ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
734044, Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Айнӣ 44;
тел.: + (992) 918-63-01-46; e-mail: kmavzuna@mail.ru

АДОЛАТИ КУРБОНАЛИ,
унвонҷӯи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
734067, Тоҷикистон, Душанбе, Нахимов 64/14,
тел: (+992) 917-81-00-00; e-mail: adolat.k@mail.ru

Дар мақола тавсифи ҳамкориҳои байнидавлатии кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ оварда шуда, муаллифон оид ба рушди фаъолияти тиҷорати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самтҳои эҳтимолии ҳамгироии иқтисодии кишварҳои минтақа таъкид карданд.

Калидвожаҳо: *ҳамгироӣ, ҳамкориҳои иқтисодӣ, кишварҳои Осиёи Марказӣ, содирот, воридот.*

ECONOMIC INTEGRATION OF COUNTRIES CENTRAL ASIAN REGION

KARIMOVA MAVZUNA TIMUROVNA,
Doctor of Economics, Head of the department of economic theory and international relations of the Institute of economics and demography of the National academy of sciences of Tajikistan
734044 Tajikistan, Dushanbe, ave, Aini 44;
tel: (+992) 918-63-01-46; e-mail: kmavzuna@mail.ru

ADOLATI KURBONALI,
Aspirant of Tajik state university for finance and economics
734067, Tajikistan. Dushanbe, Nakhimov 64/14;
tel: (+992) 917-81-00-00; e-mail: adolat.k@mail.ru

The article provides a characteristic of interstate cooperation of the countries of the Central Asian region, the authors focused on the development of foreign trade activities of the Republic of Tajikistan and possible directions of economic integration of the countries of the region.

Keywords: *integration, economic cooperation, Central Asian countries, export, import.*

УДК: 336.714 – 043.86 (575.3)

ТАШАККУЛИ МОДЕЛИ САРМОЯГУЗОРӢ БАРОИ РУШДИ БОСУРЪАТИ САНОАТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

ТОШМАТОВ МАҲМУД НЕГМАТОВИЧ,
муовини аввали ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон,
академики Академияи муҳандисии Ҷумҳурии Тоҷикистон
734061, Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев 63/3;
тел: (+992) 934-51-55-55, e-mail: t.makhmud@mail.ru

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои мубрами ташаккули модели сармоягузорӣ барои рушди босуръати саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардидааст. Ба ақидаи муаллиф дар замони муосир сенарияи рушди индустриалию инноватсионии иқтисодиёти мамлакат ба ҳадаф ва мақсадҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бархурдор мебошад. Инчунин, дар таҳқиқоти мазкур масъалаҳои имкониятҳои зарфияти сармоягузорӣ барои самтҳои стратегии рушд, самаранокии сармоягузориҳо, мушкилоти ҷалб ва истифодабарии пасандоз, ташаккули механизми сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон *ва номутавозуниҳои асосӣ дар раванди сармоягузориҳо ва роҳҳои ҳалли онҳо, баррасӣ гардидаанд.*

Калидвожаҳо: *саноатикунонии босуръат, модели сармоягузорӣ, сиёсати давлатии сармоягузорӣ, андӯхти сармояи асосӣ, пасандоз, истеҳлоки босуръат, фондҳои асосӣ, механизми сармоягузорӣ, самаранокии сармоягузорӣ, рушди сармоягузории иқтисодиёт.*

Аз ҷониби Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём аз 26 декабри соли 2018 таъкид гардид, ки «бо назардошти аҳамияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ пешниҳод менамоям, ки саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шавад. ...то соли 2030 ҳиссаи соҳаи саноат дар ММД ба 22 фоиз расонида шавад»[1]. Яъне,, эълон гардидани ҳадафи чоруми стратегии миллии рушд - саноатикунонии босуръати кишвар дар назди иқтисодиёти мамлакат вазифаҳои нав ва муҳим мегузорад.

Барои ноил шудан ба параметрҳои асосии ҳадафи чоруми миллӣ афзалиятҳои зерин дар соҳаи саноат муайян карда шудааст[2]:

баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва занҷири арзиши иловашудаи соҳаҳои саноатӣ;

афзоиши ҳаҷми истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти саноатӣ, ки дар бозорҳои дохилӣ ва беруна рақобатпазир мебошад;

ташкили низоми самараноки тайёр намудани мутахассисоне, ки дорои қобилияти офаридан ва азхудкунии технологияҳои саноатӣ ва истеҳсоли маҳсулоти инноватсионӣ мебошанд;

бунёди асосҳои институтсионалӣ барои рушди устувор ва пешгирикунандаи соҳаҳои саноат, ташкили кластерҳои инноватсионӣ ва пурмаҳсул;

мусоидат ба рушди содирот ва низоми миллии воридотивазкунии интихобӣ, пеш аз ҳама, дар соҳаи комплекси агросаноатӣ (коркарди маҳсулоти меваю сабзавот ва зиёд кардани истеҳсоли он), соҳаи сохтмон, саноати сабук ва хӯрокворӣ.

Ин афзалиятҳо имкон медиҳанд, ки иқтидори саноати кишвар тавассути афзоиши бартариятҳои қиёсии он дар илм, маориф ва технологияҳои пешқадам густариш ёбад.

Барои ноил шудан ба 4 ҳадафи асосии стратегии рушди дарозмуддати Тоҷикистон, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст, СМР дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 се сенарияи мустақил пешниҳод кардааст:

1) инертсионӣ;

2) индустриалӣ;

3) индустриалию инноватсионӣ.

Барои амалӣ намудани сенарияи рушди индустриалӣ суръати муътадили афзоиши солонаи иқтисодиёт 7-8% ва барои сенарияи индустриалию инноватсионӣ бошад суръати афзоиши солонаи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар сатҳи 8-9% таъмин карда шавад Дар ҳолати суръати миёнаи рушд ба 7% баробар будан, ММД дар муддати 15 сол 2,75 маротиба, дар ҳолати суръати миёнаи рушд ба 8% баробар будан, ММД дар ин давра 3,17 маротиба ва ниҳоят дар ҳолати таъмин намудани суръати миёнаи рушди иқтисодиёт дар сатҳи 9%, ММД 3,6 маротиба меафзояд.

Барои таъмини рушди индустриалию инноватсионӣ бояд навовариҳо дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодии мамлакат васеъ истифода бурда шаванд. Аз ҷониби дигар, рушди баланди иқтисодиёт ва навовариҳоро дар соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ бе афзоиши фаъолнокии сармоягузорӣ тасаввур кардан низ ғайриимкон аст. Аз ин лиҳоз, дар таҳқиқоти мазкур масъалаҳои имкониятҳои зарфиятҳои сармоягузорӣ барои самтҳои стратегии рушд, самаранокии истифодаи сармоягузориҳо, мушкилоти ҷалб ва истифодабарии пасандоз, инчунин, ташаккули механизми сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва номутавозиҳои асосӣ дар раванди сармоягузорӣ баррасӣ мегарданд.

Таҳаввули ақидаҳои илмӣ дар бораи рушди иқтисодӣ ва сармоягузорӣ фарзияро тасдиқ мекунад, ки ҳаҷми сармоягузорӣ, пеш аз ҳама, аз он ки чӣ гуна суръати рушди иқтисодӣ зарур аст, вобаста аст.

Саноатикунонии босуръати иқтисодиёти мамлакат коркард ва дар амал татбиқ намудани сиёсати самараноки давлатии сармоягузориро талаб мекунад. Зарурати он, пеш аз ҳама аз он вобаста аст, ки сармоягузориҳо ва вобаста ба

ин тағйиротҳои сохторӣ, дар ташаккули таносубҳои макроиқтисодӣ нақши асосиро мебозанд.

Дар айни замон яке аз масъалаҳои мубрами Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври оммавӣ нав кардани фондҳои асосӣ ва хусусан қисми фаъоли онҳо,, сифатан нав кардани базаи технологии истеҳсолоти моддӣ ва зиёд кардани самаранокии он ба ҳисоб меравад. Ҳалли бомуваффақияти комплексии ҳар ду вазифа танҳо бо иштироки фаъолонаи давлат имконпазир аст.

Нақши давлат дар тезонидани равандҳои сармоягузорӣ дар саноат бояд аз фароҳам овардани институтҳои мувофиқ ва шароити мусоид барои сармоягузорон иборат бошад. Дар баробари ин, воситаҳои асосии сиёсати иқтисодии давлатӣ дар ин самт дар аксари кишварҳои ҷаҳон ташаккули механизми самараноки истеҳлоки босуръат, низоми андозбандие, ки сармоягузориро ба истеҳсолот ҳавасманд мекунад ва азнавбаҳодиҳии фондҳои асосӣ мебошад.

Дар воқеъ, дар тамоми давраи ислоҳоти иқтисодӣ дар Тоҷикистон сиёсати иқтисодӣ дар соҳаи идоракунии сармоягузорӣ, аввалан, бо меъёрҳои пасти пардохтҳои истеҳлокӣ ва набудани назорат аз болои истифодаи мақсадноки онҳо,, дуюм, тартиби мураккаби мувофиқа кардани имконияти татбиқи истеҳлоки босуръат тавсиф карда мешавад.

Мо таклиф менамоем, ки ҷараёни навсозии фондҳои асосӣ бо роҳи тағйиротҳои зерини сиёсати иқтисодии давлатӣ ҳавасманд карда шавад.

Пеш аз ҳама, объектҳои истеҳлоки босуръатро муайян кардан лозим аст. Инро барои таҷҳизотҳои баланди технологӣ истифода бурдан мувофиқи мақсад мебошад. Ғайр аз ин, мо чунин мешуморем, ки ба корхонаҳои саноатӣ иҷозат дода шавад, ки истеҳлоки босуръатро барои фондҳои фаъоли асосӣ татбиқ намоянд.

Истифодаи усулҳои истеҳлоки босуръат миқёси танзими давлатии такрористеҳсолкунии иқтисодиро бо роҳи озод кардани фоида аз андоз бо шарти сармоягузории ҳатмии ин маблағҳо ба иқтисодиёти воқеӣ инъикос мекунад. Бо вуҷуди ин, тибқи ҳисобҳои охирини коршиносон пардохтҳои истеҳлокии дар корхонаҳои соноатии ватанӣ мақсаднок барои рушди истеҳсолот танҳо дар 50% ҳолатҳо истифода бурда мешаванд. Ин аз он сабаб ба амал меояд, ки нисбати хароҷоти мақсадноки пардохтҳои истеҳлокӣ назорати давлатӣ вуҷуд надорад. Дар кишварҳои мутараққӣ ин гуна назорат мавҷуд нест, Зеро, априорӣ тахмин карда мешавад, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ худи ширкат бе ҳавасмандии иловагӣ ба рушди истеҳсолоти самаранок манфиатдор аст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати мақомотҳои давлатиро ба истифодаи мақсадноки пардохтҳои истеҳлокӣ муваққатан пурзӯр кардан лозим аст. Яке аз шаклҳои чунин назорат кушодани суратҳисобҳои махсуси истифодаи мақсадноки пардохтҳои истеҳлокӣ дар бонкҳои махсус буда метавонад.

Дигар масъалаи муҳимми ҳалли идораи фаъолияти сармоягузорӣ дар саноати ватанӣ азнавбаҳодиҳии мунтазами фондҳои асосӣ барои ғанӣ гардонидани захираҳои сармоягузорӣ дар шароити таваррум ба ҳисоб

меравад. Азбаски дар шароити мавҷуд будани таваррум дар соҳаи истеҳсолоти моддӣ на ҳамаи корхонаҳо эҳтиёҷоти минималии иваз намудани фондҳои асосии фарсудашударо доранд, балки азнавбаҳодиҳӣ имконияти ғанӣ намудани фонди истеҳлокро дорад ва он ҳамчун манбаи такористеҳсолкунии фондҳои асосӣ ва яке аз омили муҳимми муътадил гардонидан ва мустаҳкам намудани пояи моддию техникии саноати ҷумҳурӣ шуда метавонад.

Татбиқи пӯёии равандҳои истеҳсолотро имрӯз бе ҳалли бомуваффақияти масъалаи андӯхт ва сармоягузории самаранок таъмин намудан ғайриимкон аст. Ин, пеш аз ҳама муайян кардани манбаъҳои маблағгузории рушд ва ба мақсад мувофиқ истифода бурдани онхоро талаб менамояд.

Таъмини андӯхти фондҳои корхонаҳо, иқтидори истеҳсолӣ, маблағгузорӣ ба натиҷаҳои ҳамарӯза ва ояндаи фаъолияти корхонаҳо бевосита таъсири худро мерасонад. Дар баробари ин, маблағгузорӣ бояд дар шаклҳои самаранок ба амал бароварда шавад, Зеро, маблағгузорӣ ба воситаҳои фарсудашудаи ҷисмонӣ ва маънавии истеҳсолот ва технология самараи мусбати иқтисодӣ намебахшад. Истифодаи ғайриоқилонаи маблағгузорӣ боиси “ях” кардани захираҳо ва дар натиҷа, кам шудани ҳаҷми маҳсулот мегардад. Ҳамин тавр, самаранокии истифодаи маблағгузорӣ барои иқтисодиёт аҳамияти хеле калон дорад. Бояд қайд намуд, ки зиёд кардани ҳаҷми маблағгузорӣ бе расидан ба дараҷаи муайяни самаранокӣ боиси афзоиши устувори иқтисодиёт намегардад.

Дар давоми солҳои 2000-2019 пӯёи суръати афзоиши маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ аз суръати афзоиши ММД бештар ба чашм мерасад.

Ҳисобҳои мо нишон медиҳанд, ки суръати афзоиши маблағгузорӣ ба фондҳои асосӣ назар ба ҳамин нишондиҳандаи ММД назаррас зиёд буд. Чунончӣ, дар ин давра, агар суръати миёнаи солонаи афзоиши ММД 7,6 фоизро ташкил дода бошад, пас суръати миёнаи солонаи афзоиши маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ назар ба суръати афзоиши ММД қариб 2 баробар зиёд буд.

Таносуби суръати афзоиши ММД ва маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ яке аз нишондиҳандаҳои асосии иқтидори сармоягузории кишвар мебошад. Дар давраи тадқиқот дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли бештари ҷалби сармоягузориҳо нисбат ба суръати афзоиши ММД мушоҳида карда мешавад. Дар давраи баррасишаванда ба ҳисоби миёна ба як дарсад афзудани фондҳои асосӣ то 0,5 дарсад афзоиши ММД-ро таъмин намуд, ки ин аз паст будани бозdеҳӣ ва самаранокии истифодаи онҳо,ро далолат мекунад.

Пеш аз пешбурди сиёсати сармоягузории давлатӣ бояд тасаввуроти аниқ дошта бошем, ки механизми амалкунандаи иқтисодӣ то кадом андоза мушкилоти сармоягузориро ба миён меорад ва то кадом андоза мушкилоти иқтисодӣ дар натиҷаи набудани механизми сармоягузорӣ ба миён меояд. Вобаста ба посух ба ин савол, ки чаро механизми сармоягузорӣ лозим аст, равишҳои ташаккули он дар Тоҷикистон вобаста аст.

Ҷанбаҳои асосии ташаккули механизми сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, молиявӣ, иқтисодӣ ва илмию техникӣ алоқаманд аст.

Ҷанбаи иҷтимоию иқтисодии мушкилоти ташаккули механизми сармоягузорӣ дар Тоҷикистон.

Низоми муносибатҳои иқтисодии мамлакат барои ташаккули даромади аҳолӣ, ки дар оянда барои истеъмоли ҷорӣ ва пасандозҳо истифода мешаванд, бояд имконият фароҳам оварад. Номутаносибии даромади барои истеъмол пешбинишуда ва мавҷудияти молҳои истеъмолӣ метавонад боиси низоъҳои иҷтимоӣ гардад, чунон ки набудани молҳои сармоягузорӣ бо афзоиши даромади барои андӯхт пешбинишуда метавонад оқибатҳои манфӣ дошта бошад.

Бояд қайд намуд, ки дар интихоби сармоягузорӣ маҳдудиятҳо вуҷуд дорад: ғайр аз маблағгузорӣ ба иқтисодиёти ватанӣ танҳо як алтернатива — маблағгузорӣ ба иқтисодиёти мамлакати дигар мавҷуд аст. Аҳолӣ ва соҳибкорон аз имконоти мавҷудаи сармоягузорӣ дар иқтисоди кишварҳои дигар фаъолона истифода мекунанд.

Қобилияти нигоҳ доштани маблағҳои ба даст овардашуда хусусияти муҳимтарини низоми иқтисодӣ мебошад, ки дурнамои рушди миёнамуҳлатро муайян мекунад. Мушкилоти пасандозҳо дар Тоҷикистон то кучо тезу тунд мебошад?

Таъкид мекунем, ки фарқи байни меъёри маблағгузорӣ ва меъёри пасандоз зиёда аз 20 сол боз вуҷуд дорад, вале он дар таркиби захираҳои дар ихтиёри иқтисодиёт мавҷудбуда танҳо қисман ба ҳисоб гирифта мешаванд. Ин маблағҳо дар хориҷи кишвар, дар дороиҳои "соя", саҳмияҳо ва дигар дороиҳои ҷорӣ ҷамъ мешаванд.

Ҷанбаи молиявию иқтисодии мушкилоти ташаккули механизми сармоягузорӣ дар Тоҷикистон.

Усули асосии баҳодиҳии раванди сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб кардани фоидаи сармоягузорӣ мебошад. Ҷиҳати иқтисодии масъалаи андӯхт дар чист? Корхона «моли инвеститсионӣ»-ро ба вуҷуд намеоварад, ки беарзиш бошад. Агар маблағгузорӣ барои бунёди объект аз арзиши он зиёд бошад, пас сармоягузор ба ин раванд манфиатдор нест. На танҳо арзиши ояндаи маблағҳои гузошташуда, балки пардохтпазирии онҳо, низ аҳамияти калон дорад. Мутобиқ набудани арзиши объект ба хароҷоти бунёди он маҳдудияти ошкори рушди раванди сармоягузорӣ дар Тоҷикистон мебошад. Шубҳае нест, ки сармоягузориҳо дар оянда бояд даромад ба даст оранд. Дар баробари ин, манбаи даромад барои сармоягузорони алоҳида метавонад гуногун бошад.

Барои тиҷорат нишондиҳандаҳои фоидаи ҷорӣ, ки аз вазъи бозор вобастагӣ дорад ва фоидаи дарозмуддат, ки аз сифати қарорҳои стратегии сармоягузорӣ муайян карда мешаванд, бешубҳа муҳиманд. Баҳодиҳии раванди сармоягузорӣ дар доираи назарияи макроиқтисодӣ истифодаи усулҳои мураккабтарро дар бар мегирад. Имконҳои ба даст овардани самараи

мултипликатории сармоягузорӣ, аз ҷумла, аз он вобаста аст, ки кадом таҷҳизот барои зиёд кардани сармоягузорӣ истифода мешавад - истеҳсоли ватанӣ ё хориҷӣ. Ба фикри мо, барои баҳодиҳии раванди сармоягузорӣ фоидаи ба даст овардашударо дар асоси ҳаҷми тамоми захираи мавҷудаи инвеститсионӣ (пасандоз) ба назар гирифтан дуруст аст, на танҳо қисме аз он, ки дар ҷараёни сармоягузорӣ истифода шудааст.

Ҷанбаи институтсионалии мушкилоти ташаккули механизми сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Яке аз масъалаҳои баҳсталабтарин дар айни замон вобаста ба нақши муносибатҳои рақобатӣ дар низоми ташкили раванди сармоягузорӣ ва имконпазирии истифодаи усулҳои танзими равандҳои истеҳсолӣ дар танзими фаъолияти такрористеҳсолӣ мебошад.

Ҷавоб ба саволе, ки модели рафтори умумииқтисодии феълан қабулшуда то чӣ андоза ба вазифаҳои бунёд намудани механизми сармоягузорӣ мувофиқ аст, хеле муҳим мебошад.

Дар низоми қабули қарорҳо сармоягузорӣ, пеш аз ҳама, қисми таркибии хароҷоти тиҷоратӣ ба ҳисоб мерафт, ки аз рӯи он сарфа кардан одат шудааст. Шакли дурангии сармоягузорӣ дар доираи раванди иқтисодӣ, ки ҳамзамон, ҳам дар шакли хароҷот ва ҳам дар шакли натиҷа амал мекунад, бо модели рафтори умумииқтисодӣ ихтилофро ба вуҷуд меорад ва аз усули ҳалли он самараи модели рушди сармоягузории иқтисодиёти кишвар вобаста аст.

Назар ба маблағҳое, ки барои истеъмол ҷудо карда шудаанд, пасандозҳоро сарфа кардан мумкин нест, Зеро, ин маблағҳое мебошанд, ки барои андӯхт пешбинӣ шудаанд. Онҳо, барои соҳиби худ аз байн намераванд, балки шакли нав мегиранд. Масъала дар он аст, ки захираҳои мавҷуда самаранок истифода бурда мешаванд ё на.

Ҳангоми ташаккули механизми рушди сармоягузории иқтисод бояд вазифаҳои мақсаднокеро, ки дар доираи ин механизм ҳал карда мешаванд, ба назар гирифта, фаҳмидан лозим аст, ки чӣ гуна тавассути таҳлили таносуби байни ҳаҷми пасандозҳо ва афзоиши дороиҳо дар иқтисодиёт номутавозунии раванди сармоягузории мавҷударо бартараф кардан мумкин аст[3].

Номутавозуниҳои асосӣ дар раванди сармоягузорӣ дар Тоҷикистон.

Дар айни замон, дар раванди сармоягузорӣ бо сабабҳои гуногун низоми ҳамоҳангсозии талабот ва имконҳои конеъ гардонидани он ба талаботи иқтисодиёти мамлакат ҷавобгӯ намебошад. Ин имкони ташаккули модели рушди сармоягузориро дар асоси принсипҳои бозорӣ, ҳадди ақал дар ояндаи наздик ба шубҳа мегузорад. Номутавозунӣ барои захираҳои молиявӣ, иқтидори сохтмонӣ ва бозори таҷҳизоти сармоягузорӣ хос аст[6].

Беҳтар шудани таносуби маблағҳои барои сармоягузорӣ пешбинишуда ва ба кор даровардани фондҳои асосӣ дар давоми солҳои 2014-2019 мусбат арзёбӣ карда мешавад. Дар баробари ин, маблағҳои зиёде ҳанӯз ба захираҳо ва дар сохтмонҳо,и нотамом дар муомилот мебошанд, ки ба коста шудани самаранокии сармоягузорӣ сабаб шудаанд. Бо шабеҳи берунии равандҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои рӯ ба тараққӣ фарқияти вазъи соҳаи

сармоягузорӣ дар равишҳои имконпазир дар пешбурди сиёсати сармоягузорӣ бояд ба назар гирифта шаванд. Бе посух ба суоле, ки раванди сармоягузорӣ ба вазъи иқтисодии Тоҷикистон то кучо таъсир мерасонад ва иқдомоти ҳукумат то кучо ба пӯёии раванди сармоягузорӣ дар соҳаҳо таъсир мерасонад, баҳо додан ба мушкилоти гузариш ба модели рушди сармоягузорӣ дар Тоҷикистон ғайриимкон аст.

Чӣ тавре, ки ҳисобҳои мо гувоҳӣ медиҳанд танҳо дар 20 соли охир барзиёдии маблағгузории сармояи асосӣ нисбат ба кор даровардани фондҳои асосӣ 151 млрд. 921 млн. сомониро ташкил намудааст. Ба ҳисоби миёна дар давоми солҳои 2000-2019 таносуби ба кор даровардани фондҳои асосӣ ва пасандозҳои умумӣ бузургии 0,31-ро ташкил додааст халос.

Таҳлили равандҳои такрористеҳсолкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудияти номутавозунии назаррасро нишон медиҳад. Барои солҳои 1991-2019 пасандози умумӣ 312 590,1 миллион сомониро ташкил дод ва фаҳмидан лозим аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳо,ро то чӣ андоза самаранок азхуд кардааст. Натиҷаи ниҳоии пасандозҳо ҷамъ шудани сармоя, сарвати хақиқии шаҳрвандон мебошад. Чӣ тавре, ки маълумотҳои дар ҷадвали 1 овардашуда гувоҳӣ медиҳанд, дар давраи таҳқиқшуда бо маблағи умумии 82 692,3 миллион сомонӣ фондҳои асосӣ ба истифода дода шудаанд, ки ин 26,4 дарсади маблағи пасандози умумиро ташкил медиҳад.

Барои муайян кардани тамоюли равандҳои такрористеҳсолӣ параметрҳои макроиқтисодӣ дар марҳилаҳои дахлдори рушди иқтисоди миллӣ ҳисоб карда шудааст. Ҳамин тавр, дар давраи бӯҳрони иқтисодии мамлакат солҳои 1991-1996 ба истифода додани фондҳои асосӣ 21,3 дарсад пасандозҳои умумиро ташкил додааст. Ин нишондиҳанда барои солҳои 1997-2013 - 25,4 фоиз ва дар марҳалаи рушд ва тараққиёт 31,5 фоизро ташкил додааст, вале сарфи назар аз тамоюли мусбати андӯхти сармоя, дар муомилоти ҷорӣ зиёда аз се ду ҳиссаи пасандозхо ҷойгир шудааст. Агар пӯёии ин нишондиҳандаҳоро таҳлил кунем, афзоиши пасандозҳо дар давраи таҳқиқот 5,2 баробар, маблағгузорӣ ба фондҳои асосӣ 8,8 баробар, ба истифода додани фондҳои асосӣ 2,7 баробар афзудааст.

Ҷадвали 1. Хусусиятҳои асосии макроиқтисодии раванди андӯхт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Нишондиҳанда	Ҳамагӣ дар солҳои 1991-2019		Аз он ҷумла					
			1991 - 1996 гг.		1997 - 2013 .		2014 – 2019	
	млн. сомонӣ	%	млн. сомонӣ	%	млн. сомонӣ	%	млн. сомонӣ	%
Пасандозҳои умумии миллӣ	312590,1	100	53222,7	100	159660,1	100	99707,3	100
Маблағгузори ба сармояи асосӣ	222636,8	71,2	16697,7	31,9	98894,7	61,9	106852,4	107,1

Ба кор ан-дохтани фондҳои асосӣ	82692,3	26,4	11322,2	21,3	39816,8	25,4	31452,9	31,5
Захираҳо дар муомилот	229897,8	73,6	41900,6	78,7	119843,8	74,6	68254,4	68,5

Сарчашма. Ҳисоб карда шудааст: Тоҷикистон: 20-соли Истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯаи оморӣ. –Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2011. – с.356-357; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019. – с.199; Нишодиҳандаҳои асосии системаи ҳисоби миллӣ. Маҷмӯаи оморӣ. Кумитаи давлатии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2008. – с.15; Ҳисобҳои милли Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2014. – с.19; Ҳисобҳои милли Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2020. – С.58-59;

Ҳамин тавр, дар давраи таҳлилшуда дар иқтисодиёти миллӣ фарқи байни маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ ва ба кор андохтани фондҳои асосӣ зиёд мешавад. Ин ва дигар омилҳо боиси паст шудани самаранокии маблағгузорӣ ба хоҷагии халқ гардидаанд.

Тавре ки маълумоти дар ҷадвали 1. овардашуда тасдиқ менамояд, ба иқтисоди Тоҷикистон аз ҷониби захираҳои ғайримоддии сармоягузорӣ ба маблағи 229 897,8 миллион сомонӣ ё зиёда аз 25 124,4 миллион доллари ИМА (бо қурби 9,15 сомонӣ барои як доллар дар соли 2018) фишор меорад (фарқи байни хаҷми фондҳои асосии ба кор андохташуда ва хаҷми пасандоз дар солҳои 1991—2019).

Асоси захираҳои сармоягузории ҷамъшударо инҳо ташкил медиҳанд[7, с. 34]:

Аввал, фарқияти байни пасандозҳои умумии миллӣ ва маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ. Ин тафовут дар давраи таҳлилшуда 89 953,3 миллион сомонӣ;

Дуюм, маблағҳое, ки ба андӯхт равона карда шуда, вале ба марҳилаи маблағгузорӣ ба истеҳсолоти воқеӣ нарасидаанд - зиёда аз 14 606,6 миллион сомонӣ;

Сеюм, фарқи байни маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ ва ба кор андохтани фондҳои асосӣ - 139 944,5 миллион сомонӣ.

Дар асоси гуфтаҳои боло ба хулосае омадем, ки афзоиши умумии маблағҳои дар муомилотбуда, ки барои таъмини моддӣ гардонидани пасандозҳо дар шакли дороиҳои воқеӣ пешбинӣ шудааст, нисбат ба ҳаҷми фондҳои асосӣ дар охири соли 2019 се маротиба зиёд мебошад. (72 913,7 млн. сомонӣ). Ин баҳодиҳиро ҳамчун имконҳои аз дастдодашуда ва низ, ҳамчун натиҷаи имконпазири ниҳонии рушд маънидод кардан мумкин аст, ки ин афзоиши захираҳои сармоягузориро ифода мекунад.

Ҳамин тавр, “ҷамъшавии” захираҳои пасандозҳо давом дорад ва ин боиси зиёд шудани арзиши фондҳои асосӣ дар натиҷаи аз нав фурӯхтани

онҳо, мегардад. Оқибати хеле равшани номутавозунии мавҷуда, масалан, арзиши аз ҳад зиёди манзил, ихтилофи арзёбии арзиши дороиҳои тиҷоратӣ дар муқоиса бо ҳамтоёни хориҷӣ мебошад.

Дар адабиёти илмии ватанӣ саволе ба монанди: дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кадом сатҳ бояд андӯхти сармояи асосӣ бошад, то ки афзоиши он нисбат ба дигар кишварҳо таъмин карда шавад, бо пуррагӣ ҳали худро наёфтааст. Аз нуқтаи назари назариявӣ ин дараҷа бояд баландтар бошад. Зарурати дараҷаи баландтарро камаш бо се сабаб шарҳ додан мумкин аст.

Якум, тафовути сохтори иқтисодиёти мамлакатҳо. Дороиҳои иқтисоди кишварҳои пешрафта, ки дар онҳо, соҳаи хизматрасонӣ нақши бузург мебозад, аз дороиҳои иқтисоде, ки дар он нақши пешбаранда ба саноат, асосан истеҳсолот тааллуқ дорад, фарқ мекунанд.

Дуюм, кишварҳои мутараққӣ асосан маҳсулоти илмталаб истеҳсол мекунанд ва маълум аст, ки сармояғунҷойишии онҳо, камтар аст, дар ҳоле ки дар Тоҷикистон ягон соҳаи истеҳсолоти илмталаб қариб ки вуҷуд надорад.

Сеюм, зарурати баланд бардоштани сатҳи андӯхти сармоя дар Тоҷикистон бо суръатбахшии индустриякунонии иқтисодиёт, ки ин хароҷоти зиёдро барои сохтмони корхонаҳои нав ва навсозии соҳаҳои мавҷуда дар назар дорад, шарҳ дода мешавад.

Татбиқи модели саноатикунонии босуръати иқтисодиёти Тоҷикистон ба таври объективӣ заруриати зиёд кардани андӯхтро бо назардошти андаке кам кардани суръати истеъмоли ниҳоиро тақозо менамояд. Ин дар сурате имконпазир аст, ки таносуби истеъмоли ниҳоӣ ва андӯхти сармоя аз ҳисоби истифодаи оқилонаи афзоиши ММД байни афзоиши истеъмоли ниҳоӣ, ки ба афзоиши зарурии андӯхти сармоя лозим аст, ба амал оварда мешавад. Дар ин самт сиёсати дарозмуддати молиявию иқтисодие, ки ба тезонидани саноатикунонии иқтисодиёт нигаронида шудааст, чунин тақсимоти ММД ва даромади миллиро пешбинӣ менамояд, ки дар айни замон имкон медиҳад:

Миқдори даромадҳо аз молияи давлатӣ ба ҳисоби номиналӣ ва реалӣ зиёд карда шавад;

Ба зиёд шудани ҳисса ва ҳаҷми захираҳо дар ифодаи номиналӣ ва реалӣ, ки дар ихтиёри субъектҳои хоҷагидорӣ бо шарти истифодаи онҳо, барои рушди истеҳсолот мусоидат мекунад;

Миқдори захираҳое, ки дар ихтиёри хонаводаҳо ба ҳисоби ҳар сари аҳолӣ, ки бо имконияти кам намудани ҳиссаи он дар ММД дар ифодаи номиналӣ ва реалӣ зиёд мекунад.

Ҳамин тариқ, манбаъҳои афзоиши захираҳои андӯхти сармояи асосӣ аз нуқтаи назари раванди такрористеҳсолӣ чунинанд:

Афзоиши меъёри пасандозҳо аз ҳисоби кам шудани суръати афзоиши истеъмоли ниҳоӣ;

Таъмини меъёри андӯхти сармоя мувофиқи меъёри пасандоз;

Тағйир додани таносуби байни пасандоз ва истеъмоли ниҳоӣ ба фоидаи пасандоз ва ҷамъи андӯхти сармоя бо роҳи зиёд кардани ҳиссаи фоидаи софи субъектҳои хоҷагидорӣ, ки барои сармоягузорӣ аз ҳисоби кам кардани захираҳои барои истеъмол истифодашавандаи соҳибкорон;

Ҷалби сармояи хориҷӣ.

Хусусиятҳои хоси модели сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳоянд: меъёрӣ пасандоз қариб дар давоми 20 соли ислоҳот назар ба дараҷаи андӯхт қариб 2 баробар зиёд буд. Аз ин рӯ, масъала дар он нест, ки захираҳоро чӣ тавр ёфт, балки онҳо,ро чӣ тавр ба маблағгузорӣ равона кардан аст.

Дурнамои рушди иқтисодиёти Тоҷикистон бештар бо наздикшавии сатҳи пасандозҳо ва суръати сармоягузорӣ бо механизми табдили захираҳои молиявӣ ба сармояи воқеӣ алоқаманд аст. Ба охир расидани зарфияти афзоиш дар баробари таъмин шудани бозор боиси коҳиши фаъолияти сармоягузорӣ мегардад.

Агар дар оянда душвориҳо дар бобати истифодабарии пасандозҳо давом кунанд, табиӣ ст, ки онҳо, ба ҷараёнҳои такрористеҳсолкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир худро мерасонанд. Пасандозҳо дар ин сурат ба доираи истеъмоли ҷорӣ ва ё ба хориҷи кишвар содир мешаванд. Маълум аст, ки бо назардошти тамоюлҳои мавҷуда вазъи пасандозҳо бадтар мешавад (пасандозҳо бо доллар, евро, сармоягузорӣ ба манзил, дороиҳои хориҷӣ, коғазҳои қимматнок ҷолибияти худро гум мекунанд).

Хулоса

1.Барои саноатикунонии босуръат хусусиятҳои ҷараёнҳои такрористеҳсолкуниро дар асоси зиёд кардани сармоя, афзоиши истеҳсолот ва андӯхт тағйир дода, ба инкишофи инсон ва навсозии технологии фондҳои асосӣ диққати аввалиндараҷа додан лозим аст.

2. Аз нав дида баромадани таносуби мавҷудаи байни истеъмоли ниҳоӣ ва андӯхт зарур аст. Дар ин самт яке аз вазифаҳои таъхирнопазир таъсис додани низоми самараноки ташаккул ва истифодаи манбаъҳои маблағгузории сармояи асосӣ мебошад.

3. Муайян намудани таносуби матлуби байни истеъмоли ниҳоӣ, андӯхт ва суръати афзоиши онҳо, барои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз вазифаҳои муҳимтарин мебошад. Афзалият ба андӯхти босуръат дар баробари таъмини даромади воқеии аҳолӣ дода мешавад.

- коллективи муваққатии илмӣ – иттиҳодияи ихтиёрии шахсони воқеӣ бе таъсис додани шахси ҳуқуқӣ, ки бо мақсади амалигардонии фаъолияти илмӣ бо тартиб ва шартҳои муайяннамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар асоси шартномавӣ таъсис дода мешавад;

Тибқи ин таърифдиҳиҳо таснифоти коллективҳои муваққатии илмӣ дар шакли зерин баён шудааст: «Кормандони илмӣ (муҳаққиқон), муҳандисию техникӣ ва кормандони дигаре, ки бо ташкилотҳои илмӣ, муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ, фаъолияти илмӣ ва (ё) илмию техникиро анҷом медиҳанд, инчунин, олимоне, ки мустақилона фаъолияти илмӣ ва (ё) илмию техникиро амалӣ менамоянд, шахсони фардии амалисозандаи фаъолияти илмӣ ва (ё) илмию техникӣ мебошанд”.

Дар сурате ки “мактаби илмӣ” бевосита дар таснифоти коллективҳои илмӣ мавқеи муносиби худро пайдо накардааст, пас воқеъ ҳаст, ки дастгирии заминаҳои ташкилию фаъолияти қонунии он, рушд, ҷойгиронии босамар ва истифодаи оқилонаи иқтидори илмию техникии ин гуна коллективҳои илмӣ ҳамчун субъектҳои мустақили фаъолияти илмӣ низ пурра муайян нашудааст. Инро дар иқтибоси зерини қисми 4 моддаи 10 Субъектҳои фаъолияти илмӣ ва (ё) илмию техникӣ дидан мумкин аст: “Ба субъектҳои фаъолияти илмӣ ва (ё) илмию техникӣ озодии эҷодӣ, ҳимоя аз рақобати носолим, ҳуқуқҳои баробар барои иштирок дар фаъолияти илмӣ ва (ё) илмию техникӣ кафолат дода мешавад. Субъектҳои фаъолияти илмӣ ва (ё) илмию техникӣ ҳуқуқ доранд, ки хизматрасонии озмоишгоҳҳои (лабораторияҳои) истифодаи дастҷамъиро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намоянд”.

Ба андешаи мо мактабҳои илмӣ ҳамчун иттиҳодияҳои дастаҷамъонаи фаъолияти илмию таҳқиқотӣ дорои баъзе аломату сифатҳое мебошанд, ки дар баробари умумият доштан бо коллективҳои дигари фаъолияти илмӣ

инчунин, аз онҳо фарқи зиёд доранд[4]. Аломату сифатҳои мазкури мактабҳои илмӣ ҳамчун иттиҳодияҳои дастаҷамъонаи фаъолияти илмию таҳқиқотӣ дар шакли зерин зоҳир мегарданд:

– ҳузури шахсияти илмие, ки фаъолияташ амсоли нуқтаи меҳварӣ барои муттаҳидсозии мавқеъу дидгоҳҳои назариявӣ ва раҳнамунсозии интихоби равишҳои хоси ҷустуҷӯи илмии муҳити алоҳида имконият фароҳам меорад;

– мавҷудияти фазою муҳити муайяни назариявие, ки барои ноил шудан ба дастовардҳои илмӣ тавассути дастгоҳи мафҳуму истилоҳоти хос ва дидгоҳҳои вижаи назариявӣ замина мегузорад;

– мавқеи муштараки аъзоёни умумияти дастаҷамъонаи пажӯҳишӣ оид ба шаклҳои ҳаллу тавзеҳи масъалаҳои мубрами илмӣ;

– эътирофи муҳити илмии дохилию берунӣ аз натиҷаҳои ба даст овардаи умумияти мазкури субъекти фаъолияти илмӣ, нашри густурдаи ин дастовардҳо дар нашрияҳои бонуфуз, чопи монографияҳо, китобҳои дарсӣ, татбиқи кашфиётҳо ва ғайра;

– кӯшиши идомаи анъанаи хоси пажӯҳишии умумияти мазкури таҳқиқотӣ тавассути тарбияи шогирдон, баргузории маҳфилҳои илмӣ, ширкат дар нишастҳои илмии байналмилалӣ;

– узвият дар академияҳо, гурӯҳҳои коршиносии сатҳи эътирофшудаи илмӣ, ҳайати таҳририяи нашрияҳои бонуфуз ва муқарризии рисолаю асарҳои таҳқиқотӣ.

Аз ин ҷиҳат метавон қазоват кард, ки мактабҳои илмӣ яке аз рукнҳои муҳимми муҳитҳои илмӣ ба шумор рафта, барои ташаккули анъанаҳои беҳтарини пажӯҳишӣ замина мегузоранд. Дар бораи ин масъала ҳарчанд дар хориҷ олимони зиёде изҳори назар додаанд[4], вале дар кишвари мо чунин талошҳои таҳлили илмшиносӣ камтар ба назар мерасад. Бинобар ин, барои вусъат додани уфуқҳои дарку иттилооти ҷомеаи илмӣ аз ин масъала зарурати таҳқиқоти амиқи минбаъда ва истеҳкоми асосҳои меъёрии ҳуқуқии чунин субъектони фаъолияти илмӣ муҳим аст.

Дар хулоса мехоҳам зикр намоям, ки барои ташаккули минбаъдаи мактабҳои илмӣ ва истифодаи иқтидори зеҳнии онҳо, дар самти тарбияи олимони ҷавон андешидани чорабиниҳои зерин муносиб ба назар мерасад:

- дар қаринаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда дар соҳаи фаъолияти илмӣ ҷой додани муқаррароти хос марбут ба мактабҳои илмӣ;

- дар низомномаи Шӯрои ҳамоҳангсозии корҳои илмию таҳқиқотӣ пешбинӣ намудани афзалиятҳои муайян барои лоиҳаҳои аз ҷониби мактабҳои эътирофшудаи дорои анъанаҳои пажӯҳишӣ пешниҳодшаванда;

- дар мавриди ба узвияти АМИ ҶТ пазируфтани олимон мавриди назар қарор додани нақши онҳо, дар ташаккулу рушди мактабҳои илмӣ;

- дар мавриди баррасию додани унвону дарҷаҳои илмӣ ва ташкили гурӯҳи коршиносон ба нақши номзадҳои мавриди назар дар ташаккули анъанаҳои эътирофгаштаи пажӯҳишӣ, тарбияи мутахассисон эътибори ҷиддӣ додан.

Ҳамин тавр, дониши илмӣ қонуниятҳои обективан вуҷуддоштаи воқеияти мавҷударо инъикос менамояд. Марҳалаи навини инқилоби илмӣ-техникӣ, ки ба пайдоиши ҷомеаи иттилоотӣ мебарад, бисёр соҳаҳои ба зинаи саноатии рушд хосро нодаркор мегардонад. Истеҳсолоти муосир пойгоҳи нави технологӣ ба даст овард, ки бар технологияҳои захиранигоҳдор ва дар илм ғунҷойишпазир асос ёфтаанд. Миллионҳо одамон ба истеҳсол ва интиқоли донишҳо аз тариқи шабакаҳои иттилоотӣ ба макони истеъмолот, яъне ба донишгоҳҳо, иттиҳодияҳо, фирмаҳо, муассисоти давлатӣ машғуланд. Марҳалаи имрӯзаи инкишофи ҷомеаи мо низ дар назди илм ва муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотии ҷумҳурӣ зарурати дарку ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли масъалаҳои муҳимро пеш мегузорад, ки барои иҷрои он заминаи бузурги тахассусӣ ва зеҳнӣ лозим аст.

АДАБИЁТ

1. Эмомалӣ Раҳмон. Дар эъмори давлатдории миллӣ нақши ҷавонон бузург мебошад. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мулоқот бо ҷавонони кишвар. – 21 майи соли 2012.//Садои мардум, №68-69(4330-4331), 22 майи соли 2021

2. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2015, №3 , мод.219; соли 2018, №5, моддаи.281

3. Грезнева О. Научные школы: принципы классификации // Высшее образование в России. 2004. № 5.

4. Грезнева О. Ю. Научные школы (педагогический аспект). - М., 2003.

5. Криворученко В. К. Научные школы — важнейший элемент науки // URL: http://www. mosgu.ru/nauchnaya/school/.

6. Кун Т. Структура научных революции. –

7. Маннгейм К. Избранное прозведение. – М., 2013

8. Т. Кун. Структура научных революций. – М. 2003.

9. Устюжанина Е. В., Евсюков С. Г., Петров А. Г., Казанкин Р. В., Дмитриева М. Б. Научная школа как структурная единица научной деятельности. Препринт #WP/2011/280. — М.

10. ЦЭМИ РАН, 2011., Школы в науке: сборник / под ред. С. Р. Микулинского, М. Г. Ярошевского, Г. Кре-ба, Г. Штейнера. — М.: Наука, 1977.

ВЛИЯНИЕ НАУЧНЫХ ШКОЛ НА РАЗВИТИЕ ИССЛЕДОВАТЕЛЬСКИХ НАВЫКОВ МОЛОДЫХ УЧЕНЫХ В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ

УСМОНЗОДА ХАЙРИДДИН УСМОН,
доктор философских наук, профессор, директор Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рӯдаки 89;
тел.: +992-372-27-67-28; e-mail: khidiev@mail.ru

ДОНАЕВА КАМОЛА ХОЛМАТОВНА,
аспирант кафедры политологии Таджикского государственного педагогического университета имени С.Айни
734003, Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 121;
тел.:(+992) 904-60-00-77; e-mail.ru kamolakhol.k@mail.ru

В данной статье анализируется методический характер задач, которые на данном этапе развития нашего общества также стоят перед наукой и научно-исследовательскими учреждениями республики в направлении необходимости поиска путей решения важных вопросов жизни общества. В этом контексте наука рассматривается как исторически сложившаяся форма деятельности людей и рассматривается как истинная цель восприятия и преобразования объективной реальности. Опираясь на результаты данного направления жизнедеятельности человека, общество постоянно собирает информацию об окружающей его среде и ставит ее в центр обеспечения своего бесконечного развития. На сегодняшнем этапе развития нашего таджикского общества тесная связь целей его развития с реальностью прочно связана с развитием науки. Уникальным для формирования основы понимания является применение такого развития науки в обществе наряду с другими факторами, а также научные традиции и метод научного мышления, непосредственно связанные с научными школами. В статье данные вопросы подробно анализируются и на этой основе приводятся конкретные предложения.

Ключевые слова: *наука, научные знания, научное мышление, научный стиль мышления, научные традиции, парадигмы, научные школы, научный потенциал, информация, общество, научное мировоззрение.*

INFLUENCE OF SCIENTIFIC SCHOOLS ON THE DEVELOPMENT OF RESEARCH SKILLS OF YOUNG SCIENTISTS IN THE PERIOD OF INDEPENDENCE

USMONZODA HAYRIDDIN USMON,
D. Sc. in phylosophy, professor, director of the Center for strategic research under the President of the Republic of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushnabe city, Rudaki ave. 89;
tel.: (+992) 372-27-67-28; e-mail: khidiev@mail.ru

DONAEVA KAMOLA KHOLMATOVNA,
Post-graduate student of the Department of Political Science of the Tajik State Pedagogical University named after S. Aini.
734003, Tajikistan, Dushanbe, Radak avenue, 121;
tel.:(+992) 904-60-00-77; e-mail.ru kamolakhol.k@mail.ru

This article analyzes the methodological nature of the tasks that at this stage of the development of our society also poses to science and research institutions of the republic in the direction of the need to find ways to solve important issues of society. In this context, science is considered as a historically formed form of human activity and is considered as the true goal of perception and transformation of objective reality. Based on the results of this direction of human activity, society constantly collects information about its environment and puts it at the Center of ensuring its endless development. At the current stage of development of our Tajik society, the close connection of its development goals with reality is closely linked to the development of science. The application of such racism of science in society, along with other factors, as well as scientific traditions and the method of scientific thinking directly related to scientific schools is unique for the formation of the basis of understanding. The article analyzes this issue in detail and provides specific proposals on this basis.

Keywords: *science, scientific knowledge, scientific thinking, scientific style of thinking, scientific traditions, paradigms, scientific schools, scientific potential, information, society, scientific worldview.*

УДК: 378

БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ РУШДИ МАОРИФ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

ҚУРБОНОВ АБДУРАҲМОН ШЕРОВИЧ,
доктори илми фалсафа, сардори Раёсати таҳлили масъалаҳои иҷтимоии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, Душанбе, Рӯдакӣ 89;
тел: (+992 37) 227-59-80

АМИРОВ ФАЙЗУЛЛО,
унвонҷӯи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ,
735360, Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, С.Сафаров 16;
тел.: (+992) 918-81-95-69

Тавре ки таҳлилҳо собит месозанд, дар айни замон низоми маорифи Тоҷикистон дар ҳолати номувозинатӣ қарор дорад ва ҳолати мавҷудаи он аз ҷониби муҳаққиқон ҳамчун идомаи бухроне, ки низоми маорифи тамоми кишварҳоро фаро гирифтааст, арзёбӣ мешавад. Дар шароити ҷомеае, ки зимни муайян намудани ҳадафҳои ниҳоии худ ва тағйири муносбат ба арзишҳо мушкилӣ мекашад, институти маориф дар ҳалати ногувори иҷтимоӣ қарор мегирад, ки ин ба шиддат гирифтани ихтилофҳо ва мушкилоти соҳаи мазкур мусоидат менамояд. Бинобар ин, рушди маориф ва илм дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон дорои хусусиятҳое мебошад, ки он ба таҳлилу арзёбии муҳаққиқон зарурат дорад ва аз ин хотир, масъалаи мазкур мавриди таваҷҷуҳи муаллифони мақолаи пешниҳодшуда қарор гирифтааст.

Калидвожаҳо: *институти маориф, функсияҳои маориф, буҳрони маориф, мактаби олӣ, иқтидори илмӣ, пажӯҳиш,амнияти иҷтимоӣ ва зеҳнӣ.*

Таҳлили иҷтимоӣ-фалсафии институти маориф собит месозад, ки ниҳоди мазкур дар раванди рушд ва дигаргуниҳои ҷомеа функсияҳои гуногунро ба анҷом мерасонад ва ҳамзамон, худи он низ ба тағйироти мухталиф дучор мешавад. Бояд зикр намуд, ки зимни омӯзиши ҷиҳатҳои функсионалии институти маориф, пеш аз ҳама, функсияи башардӯстонаи он ҳамчун мақоми шоиста ва пешбар эътироф карда мешавад. Ба нақш ва

функсияи иҷтимоикунонии маориф дар ҷомеаи муосир бошад, функсияҳои рушди ҷаҳонбинӣ, ташаккулёбии шахсият ва тарбиявӣ зам мешавад. Ғайр аз ин, маориф ҳамчун институти иҷтимоӣ дорои функсияҳои ошкоро, ки қисмати эътирофшудаи ҳадафҳои ин ниҳодро ташкил медиҳанд ва функсияҳои ниҳонӣ, ки ноаён амалӣ мешаванд, мебошад. Вале, дар маҷмӯъ функсияи асосии институти маориф-қонеъ гардондани талаботи иҷтимоӣ маҳсуб мешавад, ки он (институти маориф) ба ҳамин хотир пайдо шуд ва арзи ҳастӣ мекунад. Қобили қайд аст, ки масоили дар боло зикргардида ба таҳқиқ ва арзёбии ҳамаҷониба ниёз дошта, муҳаққиқонро водор месозанд, ки дар такя ба адабиёти илмии мавҷуда ва дигар таҳқиқотҳое, ки аз ҷониби олимони хориҷӣ ва ватанӣ ба анҷом расонда шудаанд, паҳлуҳои муҳимми онро мавриди омӯзиш қарор диҳад.

Хусусияти хоси рушди маориф дар замони муосир ҷанбаи глобалӣ доштани он мебошад. Ин хусусият мавҷудияти равандҳои ҳамгироӣ дар ҷаҳони муосир, боҳамалоқамандии байни кишварҳоро дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ инъикос менамояд. Дар ин раванд, маориф аз категорияи авлавияти миллии кишварҳои пешрафта ба категорияи авлавияти ҷаҳонӣ табдил меёбад.

Тамаддуни муосир дар замоне ба зинаи усулан нави иттилоотии рушди худ ворид мешавад, ки ҷаҳонишавии равандҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, аллакай ҳамчун тамоилҳои асосӣ дар олам эътироф шудаанд. Аммо, тавре ки таҳлилҳо собит месозанд, дар баробари ҷиҳатҳои мусбат ҷаҳонишавӣ, ҳамзамон мушкилоти ҷиддии глобалӣ, аз ҷумла иҷтимоӣ, иқтисодӣ, экологӣ ва маънавӣ-ахлоқиро низ ба вуҷуд меорад. Бинобар ин, мутобиқи стратегияи рушди устувори тамаддуни муосир, ки соли 1992 аз ҷониби конфронси СММ дар Рио-де-Жанейро қабул гардида буд, таҳияи консепсияи нави маориф, ки ҷавобгӯи талаботи қарни XXI бошад, ба миён омад.

Маориф ба ҳайси яке аз ниҳодҳои муҳимтарини иҷтимоӣ таваҷҷуҳи рӯзафзуни ҷомеаи ҷаҳониро ба вуҷуд овард. Зеро, ки роҳи наҷотро аз буҳрони фарҳангии бавуҷудомада, ки маҳсули таҳаввулоти бунёдӣ дар ҳаёти иҷтимоии асри XXI маҳсуб мешавад, маҳз аз он (маориф) вобаста медонанд. Имрӯз масъалаи ташаккули чунин навъи маориф пеш омадааст, ки амалисозии он ба иҷтимоишавӣ ва мутобиқшавии шахсият дар ҷаҳони глобалӣ мусоидат намуда, ба он неруи тоза бахшад. Барои кишвари мо чунин намуна бояд ҳам аз тасаввуроти мусбати фалсафӣ дар бораи ояндаи маориф ва ҳам аз дониш дар бораи вазъи кунунии ҷомеаю инсон, вазифаҳои ояндаи рушди ҷомеа маншаъ гирад.

Бояд зикр намуд, ки илм яке аз шаклҳои фаъолияти инсонӣ маҳсуб мешавад, ки ба шинохти сохторӣ ва дигаргунсозии воқеият, ҷамъият ва тарзи зиндагӣ равона гардидааст. Илм - системаи дониш дар бораи ҷаҳон ва фаъолияти амалӣ дар истеҳсолот мебошад, ки онро танҳо ба воситаи таҳсилот дар якҷоягӣ бо маориф дар ҷомеа метавон ҷорӣ намуд, Яъне, асоси татбиқ и илм дар ҷомеа тавассути маориф сурат мегирад. Ҳамин аст, ки илм бе маориф ва маориф бе илм рушд нахоҳад кард. Ҳамзамон, ташаккули зиндагӣ, ҳаёти иҷтимоии ҷомеа ва давлат бе таъмини инкишофи илму маориф ва амнияти иҷтимоӣ ғайриимкон аст.

Масълаи асосии илму маорифи муосир омӯзиши ҷаҳон, шаклҳо, намудҳои ҳаракати материя, муносибати инсон ба худ, Олам, муайян намудани мавқеи ӯ дар олам ва дарки ин падида ва тамоюлҳо дар шуур ва зеҳни инсонӣ ба ҳисоб меравад. Вобаста ба болоравии нақши маориф дар рушди иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангии кишварҳо дар замони муосир, таъмини муосирсозии низоми идораи ҷомеа ва давлатҳо, рақобатпазирии иқтисоди миллӣ, сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф дар тамоми кишварҳои рушдёфта мавриди таваҷҷуҳи доираҳои сиёсӣ, илмӣ, тиҷоратӣ ва ҷамъиятӣ қарор гирифтааст. Тасаввурот дар бораи он, ки оянда ба он кишварҳое тааллуқ дорад, ки дорои мактабҳои самаранок ва қобили тавлиди неруи зеҳнӣ ҳамчун асоси воқеии рушди истеъдоди шаҳрвандон ва таъмини некуаҳволии онҳо, мебошад, маъмул гардидааст. Вобаста ба ин, доираи омӯзиши илмҳои ҷамъиятӣ васеъ гардида, дар консепсияи амнияти миллии давлатҳо амнияти иҷтимоӣ ва зеҳнӣ, ки таъмини он бе рушду инкишофи илму маориф ғайриимкон гардидааст, аҳамиятнок мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амният дар соҳаи илм, маориф ва технология чун дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъият низ зери ҳимояи давлат қарор дорад. Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи амният”, хароб гардидани сифати таълим ва неруи зеҳнии мамлакат барои амнияти кишвар ҳамчун таҳдид ба амнияти давлат (моддаи 6) ва пешгирии пастшавии неруи зеҳнӣ дар ҷумҳурӣ ҳамчун воситаи таъмини амнияти ҷамъиятӣ (моддаи 20) арзёбӣ шудааст. Афкори фалсафӣ аз таҳлили ин тамоюлот дар канор набуда, ҳамбастагии илму маориф, ҳаёти иҷтимоӣ ва пешрафту инкишофи давлатҳоро пердмети таҳқиқи худ қарор медиҳад.

Дар ин замина, метавон гуфт, ки илм ва маориф аз категорияҳои афзалияти миллии мамлакатҳои пешрафта ба категорияи афзалияти ҷаҳонӣ табдил ёфта, таҳқиқу таҳлили он барои илми муосир характери актуалӣ касб намудааст[1, С. 193]. Соҳаи маориф ҳамчун яке аз соҳаҳои асосӣ ва афзалиятноки фаъолияти хоси инсонӣ дар ҷаҳони мосир маҳсуб меёбад, ки он барои ба даст овардани нуқтаи назар, малака ва ғояҳои ба

танзимдаровардашуда дар соҳаҳои муайяни ҷамъиятиву давлатӣ, беҳтар гардонидани шароити зист ва ҳаёти иҷтимоии ҷомеа равона карда шудааст.

Дар ҷаҳони муосир ҳамбастагии илму маориф бо низоми амнияти кишварҳо мақоми аввалиндараҷаро касб намуда, рушди соҳаи илму маориф заминаи асосии болоравӣ ва тараққиёту рушди давлатҳо мегардад, Зеро, масъалаи солимии иҷтимоии шахс ва ҷомеаро бисёр омилҳо ва шартҳо, аз ҷумла, сатҳи маърифат ва маълумотнокии шахс муайян мекунад. Маҳз ба туфайли омӯзиш, яъне таҳсил кардан, инсон имкон пайдо мекунад, ки ба ҳаёти иҷтимоӣ бомуваффақият мутобиқ шавад ва ин дар сурате амалӣ мегардад, ки низоми илму маорифи ҳар як кишвар ба низоми маорифи меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ бошад. Зеро, дар шароити ҷаҳонишавӣ илм ва маорифи ҳеҷ як давлати алоҳида бе дарназардошти арзишҳо ва меъёрҳои маорифи байналмилалӣ пешсаф буда наметавонад.

Фаъолияти устувор ва рушди соҳаи илму маориф дар ҳама сатҳҳои иҷтимоӣ, мутобиқшавӣ ё навсозии динамикии шахсият ва ҷомеаро таъмин намуда, арзишҳои онҳо,ро ҳифз менамояд. Ба андешаи муҳаққиқони соҳа “...дар шароити муосир амнияти миллии тамоми кишварҳо бештар аз тариқи баланд бардоштани фаъолияти илмӣ-технологии тамоми соҳаҳо, рушди сармояи зеҳнӣ ва сатҳи баланди рақобатпазирӣ таъмин мегардад”[4, С. 67-68]. Омӯзиши мушкилоти муосири ҳаёти иҷтимоӣ нишон медиҳад, ки дар асри гузашта нақши илму маориф дар рушду тараққиёт ба таври назаррас баланд гардид. Аммо, имрӯзҳо мушкили асосӣ ин аст, ки дар ҷомеаи навин натанҳо буҳрони низоми арзишҳо ба амал омадааст, балки нақши онҳо, дар рушди ҷомеа сифатан тағйир ёфтааст. Арзёбии масъалаи илм, рушди он ва кашфиётҳои илмӣ-техникӣ аз ҷониби ҷараёнҳои сайентизм ва антисайентизм гуногун ва пурихтилоф арзёбӣ мекунанд. Инкишофи илмҳои навин (евгеника, генетикаи муҳандисӣ, физикаи ҳастаӣ) ва кашфиётҳои бузурги илмии солҳои охир (нанотехнология, зеҳни сунъӣ), аз як тараф, доираи имконҳои инсонро васеъ намудаанд, аз тарафи дигар, амнияти иҷтимоии ҷомеаро зери хатар ва хавфи ҷиддӣ қарор дода истодаанд. Дар шароити муосир иқтидори ҳарбӣ ва техникии давлатҳо, муноқишаҳои байнидавлатӣ ва минтақавӣ эҳтимолияти сар задани ҷанги сеюми ҷаҳониро ба миён оварда, бо ин амал тақдири на танҳо инсоният, балки худи саёраро зери хатар қарор медиҳад. Аз ин рӯ, рушди илм бояд ба хотири илм ва пешрафти ҷомеа буда, натиҷаи таҳқиқоти илмӣ набояд ифодакунандаи манфиати фардии олим, пажӯҳишгар, гурӯҳҳои алоҳида, балки манфиати ҷомеа, таъмини пешрафт, амнияти иҷтимоӣ ва ҷавобгӯи меъёрҳои ахлоқӣ бошад. Вобаста ба ин, ҳамбастагии илм ва маориф, танзими давлатии илм ва нақши он ҳамчун воситаи пешрафт, беҳ

гардонидан ва таъмини шароитҳои иқтисодию иҷтимоӣ дар ҷаҳони муосир аҳамияти аввалиндараҷаро касб намуда истодааст.

Тавре ки қайд намудем, дар ҷомеаи имрӯза тамоюли буҳрони арзишҳо ба амал омада истодааст. Ин дигаргуниҳо дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон низ ба ворид намудани дигаргуниҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ, инчунин, навсозии соҳаи илму маорифи миллӣ водор месозад. Аз як тараф, ба низоми маорифи миллӣ таҳаввулоти иҷтимоӣ мустақиман таъсир мерасонад, аз тарафи дигар, он барои ҳалли масъалаҳои муҳимми давлатӣ торафт заруртар шуда истодааст, чунки маориф омили муҳимтарини навсозиии динамикии ҷомеаи кунунии давлат мебошад. Маҳз дараҷаи рушди маориф, илм ва тафаккури илмӣ нишондиҳандаи иқтидор, пешрафт ва таъмини амнияти давлатҳо мебошад. Кишварҳои тараққикарда ба рушди маориф ва маълумотнокии аҳолӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуда, ба ин васила равнақи дигар соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро таъмин менамоянд[1, С. 7].

Вазифаҳои асосии маориф дар давраи ҳозираи рушди давлату миллат баланд бардоштани сифати таълим, таҳияи барномаҳои иҷтимоию педагогӣ, ба ин васила, таъмини пешрафт ва амнияти ҷомеа мебошанд. Илм, дар ин раванд, ҳамчун захираи навгонии рушди соҳаи маориф, аз ҷумла, низоми идоракунии маориф нақши муҳимро мебозад. Соҳаи илму маориф яке аз соҳаҳои муҳимми давлатӣ мебошанд, ки онҳо, барои пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мусоидат менамоянд, Зеро, ба тарбия ва тайёр намудани захираҳои зеҳнии давлат равона гардидаанд. Аз ин рӯ, ташкил ва маблағгузории пурраи дастгирии стратегияи давлатии рушди соҳаи маориф барои пешрафти илм, дар ин замина, пешрафти ҷамъият ва давлат аҳамияти махсус дорад. Аз ин ҷост, ки сол то сол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирӣ дар соҳаи маориф рӯ ба афзоиш аст.

Тавре ки таҳлилҳо собит месозанд, дар давраи Истиқлолият хароҷот ба соҳаи маориф ҳар сол афзуда, дар сохтори молиявии низоми маориф тағйироти куллӣ ба миён омад. Масалан, агар дар соли 2000 маблағгузории ин соҳа 41 млн. сомониро ташкил медод, солҳои 2004 -164 млн. сомонӣ, 2005 -253 млн. сомонӣ ва соли 2006 бошад, 317 млн. сомониро ташкил медиҳад[1, С.8]. Мувофиқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хароҷоти соҳаи маориф дар соли 2018 3,8 млрд. сомониро ташкил дод, ки ин ба 5,5 фоизи ММД баробар аст. Ин нишондод дар соли 2019 ба 4,4 млрд. сомонӣ мерасад, ки ба 5,6 фоизи ММД баробар мешавад (соли 2010 – 4,6 фоиз). Умуман, хароҷоти соҳаи маориф аз ҳисоби буҷети давлатӣ дар соли 2000 нисбат ба соли 2018 90 маротиба афзуд (аз 42 млн. сомонии соли 2000 то 3,8 млрд. сомонӣ дар соли 2018 ба ҳисоби номиналӣ)[8].

Ин навъи дастгириҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки соҳаи илму маориф дар самти сиёсати давлатдории миллиамон яке аз самтҳои афзалиятнокро ташкил медиҳад. Дар баробари ин, илми ватанӣ бояд масъалаҳои татбиқи барномаҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси омӯзгоронро ҳал кунад, заминаи воқеии бунёди таҳсилоти омӯзгорон, рӯшди ҳавасмандгардонии муаллимонро фароҳам орад. Дар ин замина, бо ташаббусҳо ва дастгириҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ теъдоди муассисаҳои миёна ва олии касбӣ, шумораи кормандони онҳо, сол тол низ афзоиш ёфта истодааст. Аммо, сатҳу сифати мутахассисони дорои унвони илмӣ дар аксари муассисаҳои таълимӣ ба талаботи зарурӣ ҷавобгӯ нест, Яъне, кормандони соҳибунвон ҳастанд, аммо илмашон дар сатҳи паст қарор дорад. Илова бар ин, аҳли зиёе, ки дур аз пойтахт ва шаҳрҳои калон зиндагӣ мекунанд, маоши нокофӣ, адами дастгирии мақомоти давлатӣ, набудани шароити мувофиқ барои анҷоми таҳқиқотро аз мушкилоти аслии кору рӯзгори худ унвон мекунанд. Инчунин,, аксари мутахассисони як соҳа аз сабаби норасоии ҷойи кор ба соҳаи дигари фаъолият мегузаранд, ки ин, дар маҷмӯъ, барои рушди чӣ илм ва чӣ соҳаҳои ҳаёти ҷамъятӣ монеъ мешавад[6, с. 225]. Гуфтан мумкин, ки дар давлати мо раванди омодакунии мутахассисон ҳаст, аммо татбиқи илмии онҳо, дида намешавад, чунки бештари ихтисосҳое, ки ба роҳ монда шудаанд, ба талаботи бозори меҳнати кишвар мувофиқ нестанд. Ин ва дигар мушкилоти ҷойдошта пешрафти давлат ва таъмини амнияти иҷтимоии ҷомеаро зери суол мегузорад. Давлатро мебояд, дар ин самт чораҳои саривақтӣ андешида, дар таҳияи барнома ва стратегияҳои рушди худ, ҳамзамон, таъмини амнияти иҷтимоии аҳолӣ дар ин самт аҳамияти ҷиддӣ диҳад.

Илми муосир аз бисёр ҷиҳатҳо аз илмҳое, ки як аср ва ҳатто, ним аср пеш мавҷуд буданд, ба куллӣ фарқ мекунад. Тамоми намуди зоҳирӣ ва табиати муносибати он бо ҷомеа тағйир ёфтааст. Ва он ба мисли ваҳдати органикӣ се мафҳуми асосии илмро ифода мекунад: илм ҳамчун дониш; илм ҳамчун фаъолият; илм ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ.

Натиҷаи пешрафти илмӣ-техникӣ ва ҳалли бисёр масъалаҳои мубрами ҷомеа ба вуқуъ омадааст, ки боиси эътимоди одамон ба қобилияти илм дар ҳалли мушкилоти инсоният ва баланд бардоштани сифати зиндагии одамон гардид. Дастовардҳо, аз қабили азхудкунии системаҳои кайҳонӣ, эҷоди неруи атомӣ, аввалин муваффақият дар соҳаи техникаи роботӣ боиси эътимод ба ногузирии пешрафти илму техника доир ба бартарафнамоии масоили рӯзмарраи мардум гардид.

Имрӯз дар шароити инқилоби илмию техникӣ илм торафт мафҳуми дигарро равшантар ифшо намуда, он ҳамчун неруи иҷтимоӣ амал мекунад.

Дар ҳалли масъалаҳои глобалии замони мо, масалан, экология вазифаҳои илм ҳамчун неруи иҷтимоӣ хеле муҳим аст. Инкишофу пешрафти илмӣ – техникӣ яке аз сабабҳои асосии чунин падидаҳои барои ҷомеа ва инсон хатарнок, ба монанди кам шудани захираҳои табиӣ и сайёра, ифлосшавии ҳаво, об, хок мебошад. Аз ин бармеояд, ки илм, маориф ва неруи зеҳнӣ воситаи асосии таъмини амнияти миллӣ, амнияти иҷтимоӣ, амнияти озуқаворӣ ва амнияти иқтисодии тамоми кишварҳои ҷаҳон маҳсуб меёбад.

Асри нав ба туфайли рушди интернет ва фазои иттилоотӣ ба асри бузурги ҷанги зеҳнӣ табдил ёфта истодааст, ки иштирокчиёни асосии он мактабачагон ва донишҷӯёни имрӯза мебошанд. Махсусан, интернет фазои иттилоотии идоранашаванда ва роҳи осони назарфиребӣ, мағзшӯӣ, заҳролудгардонии тафаккури ҷавонон, ки қисми осебпазири ҷомеа мебошанд, гардидааст. Ин масъаларо файласуфи тоҷик С. Ятимов бараъло дарк намуда, роҳи ягони ҳифзи амнияти иҷтимоӣ ва зеҳниро чунин маънидод кардааст: “Роҳи ягонаи раҳоӣ аз торикӣ ва раҳгумӣ, халосӣ аз гирдоб ба умеди соҳил, омиле, ки мушкилро осон мекунад ва манзилу маҳфилу аҳли дилро нигаҳ медорад, мактабу маориф бо ҷаҳонбинӣ ва фарҳанги миллӣ аст”[7]. Дар ин сурат, яке аз вазифаҳоии асосии низоми маорифи кишвар омода кардани насли наврасу ҷавон ба ҳаёт дар асри *XXI* мебошад, то онҳо, қуввахои ҷаҳонишавӣ, рушди босуръати пешрафти технологияҳои навин, нанотехнология, тағйироти демографӣ ва иҷтимоиро, ки имрӯз ба воқеият табдил ёфта истодааст, идора кунанд. Вобаста ба ин раванд, тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ барои дар рақобат будан ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ, ки он пур аз арзишҳои миллӣ аст, қарор мегирад ва диққати асосиро ба соҳаи маориф медиҳад.

Дар маҷмӯъ, низоми нави ҷаҳонӣ моро ба он водор месозад, ки имрӯз ва ояндаи давлатамонро дар ҳама соҳаҳои ҳаёти иҷтимоии халқ рақобатпазир созем. Андешаи Ф. Жолио –Кюрӣ доир ба муҳиммияти илм ва нақши он дар рушди давлат хеле ҷолиб аст: “Илм барои мардум зарур аст. Кишваре, ки илмро рушд намедиҳад, ба мустамлика табдил меёбад”[2, С.3]. Барои ин танҳо василаи расидан ба ҳадафҳои олии кишвар тавассути системаи маориф ва рушди соҳаи илм, махсусан илми ватанӣ таъсиррасон хоҳад буд.

АДАБИЁТ

1. Қурбонов А.Ш. Илм ва маориф: тамоюлот, мушкилот, дурнамо. – Душанбе. “Ирфон” -2019.

2. Қурбонов А.Ш. Илм ва низоми идори он дар сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе. “Ирфон”-2014.

3. Қурбонов А.Ш. “Таҳаввули низоми маориф дар Тоҷикистон”. – Душанбе. “Ирфон”-2019.

4. Қурбонов А.Ш. Амнияти зеҳнӣ ва Истиқлолияти давлатӣ. –Душанбе. “Ирфон”-2016.

5. Назаров Р. Фалсафа ва модели асри *XXI* (маводи конференсия «Маориф дар шароити Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»).

6. Камолов Ш.В. Мушкилоти сифати таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ “Идораи сифати таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон”. ш. Хуҷанд, 342 С.

7. Ятимов С. Пойтахти давлат ва истиқлоли миллат. “Ҷумҳурият”, 23.11.2021, №235.

8. [Мамбаи электронӣ]URL: http://www.prezident.tj/ru/node/865

НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАНИЯ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

КУРБОНОВ АБДУРАХМОН ШЕРОВИЧ,
доктор философских наук, начальник Управления анализа социальных проблем Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, Душанбе, пр.Рудаки 89;
тел: (+992 37) 227-67-57

АМИРОВ ФАЙЗУЛЛО,
соискатель кафедры философии Кулябский государственный университет им. А.Рудаки,
735360, Таджикистан, г.Куляб, С.Сафаров 16;
тел.: (+992) 918-81-95-69

Исследования показывают, что система образования Таджикистана в настоящее время находится в состоянии дисбаланса, и ее нынешнее состояние рассматривается исследователями как продолжение кризиса, охватившего систему образования всех стран. В обществе, где сложно определить свои конечные цели и изменить отношение к ценностям, институт образования находится в неблагоприятном социальном положении, что способствует эскалации конфликтов и проблем в отрасли. Поэтому развитие образования и науки в современных условиях Таджикистана имеет свои особенности, которые необходимо анализировать и оценивать исследователям, в связи с чем данный вопрос находится в центре внимания авторов данной статьи.

Ключевые слова: *институт образования, функции образования, кризис образования, высшее образование, научный потенциал, исследования, социальная и интеллектуальная безопасность.*

SOME FEATURES OF THE DEVELOPMENT OF EDUCATION IN MODERN CONDITIONS

QURBANOV ABDURAHMON SHEROVICH,
Doctor of Philosophy, Head of the Department for Analysis of
Social Problemsof the Center for Strategic Research u
nder the President of the Republic of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 89;
tel: (+992 37) 227-67-57

AMIROV FAYZULLO,
Applicant for the Department of Philosophy
Kulob State University them. A.Radaki
735360 Tajikistan, Kulyab city, S. Safarov 16;
tel: (+992) 918-81-95-69

Studies show that the education system of Tajikistan is currently in a state of imbalance, and its current state is considered by researchers as a continuation of the crisis that has engulfed the education system of all countries. In a society where it is difficult to determine one's ultimate goals and change attitudes towards values, the institution of education is in an unfavorable social position, which contributes to the escalation of conflicts and problems in the industry. Therefore, the development of education and science in the modern conditions of Tajikistan has its own characteristics that need to be analyzed and evaluated by researchers, and therefore this issue is in the focus of attention of the authors of this article.

Keywords: *institute of education, education functions, education crisis, higher education, scientific potential, research, social and intellectual security.*

УДК: 379.8

ТАШАККУЛЁБИИ ИЛМ ВА МАОРИФ ҲАМЧУН НИҲОДИ ИҶТИМОӢ ВА БОҲАМАЛОҚАМАНДИИ ОНҲО, ДАР РАВАНДИ ТАЪРИХ

ҒАЮРОВ ЛОИҚ ШЕРАЛИЕВИЧ
докторант (PhD)-и кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
735360, Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16;
тел: (+992) 93-140-05-54

Дар замони муосир масъалаи ҳамгироии илму маориф яке аз масъалаҳои меҳварии илм, маориф ва фалсафа гардидааст. Вобаста ба ҳамин зарурат охири асри XX ва аввали асри XXI-ро замони интегратсия номидаанд. Равандҳои интегратсионие, ки имрӯз ҷаҳонро фаро гирифтаанд, илм ва маориф дар он ҷойгоҳ ва мақоми хосса доранд, Зеро, маориф ва илм аслиҳае мебошанд, ки метавонанд оламро дигаргун созанд. Барои мукаммалтар дарк кардани ин масъала моро лозим меояд, ки ба раванди таърихи ташаккулёбии илм ва маориф ҳамчун ниҳоди ҷитимоӣ ва боҳамалоқамандии онҳо, назар афканем. Яъне,, барои оне, ки мо масъалаи боҳамалоқамандии илму маориф ва нақши онҳо,ро дар ҷомеа тавсиф намоем, пеш аз ҳама, донистани таърихи пайдоиши илму маориф ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ ва боҳамалоқамандии онҳо, дар раванди таърих лозим аст. Аз ин ҷиҳат, муаллифи мақола кӯшиш намудааст, ки тавассути таҳлили иҷтимоӣ фалсафии масъалаи мазкур нақши ташаккулёбии илм ва маорифро ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ ва боҳамалоқамандии онҳо,ро дар раванди таърих ба таври мукаммал ва воқеъбинона арзёбӣ намояд.

Калидвожаҳо: *илм, маориф, интегратсия, интегратсияи илм ва маориф, таҳлилӣ иҷтимоӣ-фалсафи низоми таълим.*

Илм яке аз шаклҳои фаъолияти инсонӣ аст, ки ба шинохти сохторӣ ва дигаргунсозии воқеият, ҷамъият ва тарзи зиндагӣ равона гардидааст. Илм – низоми дониш дар бораи ҷаҳон ва фаъолияти амалӣ дар истҳесолот мебошад, ки онро танҳо тавассути таҳсилот дар ҳамоҳангӣ бо маориф дар ҷомеа метавон ҷорӣ намуд. Яъне, татбиқ и илм ва паҳн гардидани донишҳои илмӣ дар ҷомеа тавассути маориф сурат гирифта, раванди мазкур бе таъмини ҳамгироии ин ду ниҳод–илм ва маориф ғайриимкон хоҳад буд. Вобаста ба дарки ин зарурат масъалаи ҳамбастагӣ,

баҳамалоқамандӣ ва ҳамгироии илму маориф яке аз мавзӯъҳои калидии фалсафа ва илми муосир гардида, муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ ба таҳқиқи он таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд.

Масълаи асосии илму маорифи муосир омӯзиши ҷаҳон, шаклҳо, намудҳои ҳаракати материя, муносибати инсон ба худ, олам, муайян намудани мавқеи ӯ дар олам ва дарки ин падида ва тамоюлҳо дар шуур ва зеҳни инсонӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин радиф, вобаста ба болоравии нақши маориф дар рушди иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангии кишварҳо дар замони муосир, таъмини муосирсозии низоми идораи ҷомеа ва давлатҳо, рақобатпазирии иқтисоди миллӣ, сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф дар тамоми кишварҳои рушдёфта мавриди таваҷҷуҳи доираҳои сиёсӣ, илмӣ, тиҷоратӣ ва ҷамъиятӣ қарор гирифтааст. Тасаввурот дар бораи он, ки оянда ба он кишварҳое тааллуқ дорад, ки дорои мактабҳои самаранок ва қобили тавлиди неруи зеҳнӣ ҳамчун асоси воқеии рушди истеъдоди шаҳрвандон ва таъмини некуаҳволии онҳо, мебошад, маъмул гардидааст, ки ин дар шароити ҷаҳони муосир муттаҳид намудан ё худ ҳамгироии неруҳои солиму созандаро дар тамоми самтҳо – иқтисод, сиёсат, илм, маориф, истеҳсолот тақозо мекунад. Вобаста ба ҳамин зарурат охири асри XX ва аввали асри XXI-ро замони интегратсия номидаанд. Бояд зикр намуд, ки дар равандҳои интератсионие, ки имрӯз ҷаҳонро фаро гирифтаанд, илм ва маориф ҷойгоҳ ва мақоми хосса доранд, Зеро, маориф ва илм аслиҳае мебошанд, ки метавонанд оламро дигаргун созанд. Барои мукамалтар дарк кардани ин масъала моро лозим меояд, ки ба раванди таърихи ташаккулёбии илм ва мориф ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ ва боҳамалоқамандии онҳо, назар афканем. Яъне,, барои он ки мо масъалаи боҳамалоқамандии илму маориф ва нақши онҳо,ро дар ҷомеа тавсиф намоем, пеш аз ҳама, донистани таърихи пайдоиши илму маориф ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ ва боҳамалоқамандии онҳо, дар раванди таърих лозим аст.

Мувофиқ ба фаҳмиши фалсафаи муосир ҳастии илм дар се ҷанбаъ: ҳамчун шакли махсуси дониш, ҳамчун шакли фаъолият ва ҳамчун ниҳод(институт)-и иҷтимоӣ сурат мегирад. Илм шакли махсуси дониш доир ба табиат, ҷамъият, инсон ва воқеият аз рӯзе зуҳур кардааст, ки инсоният ҳастии худро дар олам дарк карда, муносибати худро бо он муайян намудааст. Таъйиноти илм ҳамчун шакли фаъолият ба истеҳсоли донишҳои илмӣ ва назариявӣ зич алоқаманд аст, он системаи муайяни муносибатҳои байни ташкилотҳои илмӣ, аъзоёни ҷомеаи илмӣ, системаи меъёрҳо ва арзишҳои илмиро дарбар мегирад. Ташаккул ёфтани илм ҳамчун институти иҷтимоӣ, таъминкунандаи мавҷудият, фаъолият ва

рушди донишу маърифат буда, натиҷаи тараққиёт ва рушди худи илм дар солҳои охир мебошад.

Мафҳуми институт (ниҳод) - аз калимаи лотинии institutum - муассиса, дастгоҳ гирифта шуда, маънои маҷмӯи меъёрҳо, принсипҳо, қоидаҳо, моделҳои рафторро, ки фаъолияти инсонро танзиму таҳия намуда, дар амал пешбинӣ мекунад, фаҳмида мешавад. Муассиса як падидаи сатҳи фардӣ буда, меъёрҳо ва арзишҳои он нисбат ба шахсони дар доираи он амалкунанда бартарӣ доранд. Худи мафҳуми «институти иҷтимоӣ» ба шарофати тадқиқоти ҷомеашиносони ғарбӣ мавриди истифода қарор гирифт. Дар таърихи илм Р.Мертон асосгузори равиши институтсионалии илм ба шумор меравад. Мафҳуми «муассисаи иҷтимоӣ» дараҷаи муайянкунии ин ё он намуди фаъолияти инсонро инъикос мекунад. Раванди институтсионалӣ ин ба расмият даровардани ҳама намудҳои муносибатҳо ва гузариш аз фаъолияти ғайримуташаккил ва муносибатҳои ғайрирасмӣ дар шакли созишномаҳо ва гуфтушунидҳо ба ташкили сохторҳои муташаккил, ки аз нигоҳи ҳуқуқӣ танзимшавандаро дар назар дорад. Ба ин муносибат дар бораи институтҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, динӣ, инчунин, институти оила, мактаб ва дигар муассисаҳо сухан меронанд.

Бояд қайд намуд, ки шарти муҳимми ташаккулёбии илм ҳамчун як ниҳоди иҷтимоӣ мавҷудияти таълими мунтазами насли наврас мебошад, чунки татбиқи илм маҳз тавассути таҳсилоту маориф амалӣ мегардад. Аз ин хотир, низоми таълим ва зарурати гирифтани донишҳои иҷтимоӣ баробари пайдоиши аввалин давлатҳо ба вуҷуд омад. Ҳанӯз дар ҳазораи III-юми то милод дар Мисри қадим ашхоси имтиёздор (фарзандон ва хешу табори фиръавнҳо) таълими махсуси хондану навиштанро мегирифтанд. Баъдан, кӯдакони дарбориёну рӯҳониён ҳуқуқи таълим гирифтанро пайдо карданд, аммо таълиму омӯзиш бештар дар маъбадҳо сурат мегирифт. Бинобар ин, мавзуъҳои динӣ мавзӯъҳои асосии омӯзиш қарор мегирифтанд. Ҳамзамон, низоми таълим дар Шарқ дар Байнаннаҳрайн (сарзамини миёни Даҷлаю Фурот) низ инкишоф ёфта, дар маъбадҳо ба омода намудани мунши ва котибон машғул буданд. Бар хилофи мисриён, ки попирусҳоро истифода менамуданд, котибони шумер, ки дар назди як муаллим 20-30 нафарро ташкил медод, лавҳаҳои гилинро истифода менамуданд. Аз ин хотир, мактабҳои маҳаллиро “едубба”, ё худ “хонаи лавҳаҳо” ном мебурданд. Дар ҳазораи I-и то мелод ин гуна мактабҳо қариб дар ҳама шаҳрҳои Байнаннаҳрайн вуҷуд доштанд ва дар қатори хат ҳисоб, расмкашӣ, мусиқӣ илова гардиданд. Таҷрибаи таълими бачагонро юнониҳо ва римиҳо низ қабул намуда, мехостанд, ҷанговар-муҳофизони рушдёфта (ҳам ҷисмонӣ ва ҳам зеҳнӣ)-ро тарбия кунанд. Дар ин замина, вожаи мактаб

аз решаи юнонии «to scholeío» ибтидо гирифта, маконе ифода мегардид, ки дар вақти холигӣ, фароғат машғулиятҳо гузаронида мешуд. Бояд қайд кард, ки дар анъанаҳои атиқа андешаи устуворе ҷой дошт, ки танҳо он фаъолияте ба шаҳрванди озод сазовар дониста мешуд, ки ба қобилиятҳои маънавӣ асос ёфта, ҳадафи даромад ва фоидаро надошт. Идеали қадимаи ҷанговар-ашрофзода дар полисҳои Юнони қадим то асри V-и пеш аз мелод идома ёфта, ба таълиму омӯзиш бештар ҳарбиён имтиёз доштанд. Ҳаракати софистҳо дар асрҳои V-IV-и то мелод ба паҳншавии маърифати зеҳнӣ ва демократикунонии он оварда расонид. Тақрибан, аз асрҳои IV-и то мелод дар Афина низоми таълими мутаносиб ба вуҷуд омад, ки бо тамоми хусусиятҳои хоси худ аз ҷониби масеҳият қабул гардида, ба давраи асрҳои миёна интиқол ёфт.

Чуноне ки мебинем, баҳамалоқамандии дониши илмӣ ва низоми таълим дар замони Юнони қадим инъикоси худро ёфтааст ва бисёре аз фанҳои гуманитарӣ ва табиатшиносии муосир ибтидои худро маҳз дар осори файласуфони Юнони қадим пайдо мекунанд. Ғояи "пайдея – инкишофи ҳамоҳангии ҷисмонию рӯҳии инсон, амаликунандаи тамоми қобилиятҳои ӯ" аз ҷониби Арасту шакл гирифта буд. Ҳамзамон, омӯзиши таърихи афкори фалсафӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар замони қадим донишҳои илмӣ дар системаҳои натурфилософҳо, дар асрҳои миёна дар амалияи алкимиёҳо, ки бо ақидаҳои динӣ ё фалсафӣ омехта шудаанд, ташаккул ёфта буданд[9. 106 С.]. Аз ин ҷост, ки аввалин файласуфон табиатшинос ва энсиклопедист номида мешуданд.

Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки инкишофи устувории ҷисмонӣ, ба даст овардани малакаю маҳорати зарурии меҳнатӣ, додани маълумот дар бораи анъанаҳо (афсонаҳо, донистани расму оинҳои ҷодугарӣ, намудҳои анъанавии табобат ва ғ.) дар марҳилаҳои ибтидоии ҳаёти инсонӣ ифодакунанади муассисаи маориф буда, ба қонеъ гардондани эҳтиёҷоти коллективии қабила нигаронида шуда, ба нигаҳдории оила мусоидат менамуд. Дар ин змина, метавон гуфт, ки илм аз ибтидои мавҷудияти худ ҳамчун ҷавоб ба талаботи амалӣ, пеш аз ҳама, ҳамчун ҷавоб ба талаботи истеҳсолӣ алоқаманд мебошад.

Дар байни қабилаҳои ибтидоии Африка, Австралия, Америкаи Ҷанубӣ ва ғайра «боқимондаҳои» охирини ҷамъияти ибтидоӣ нигоҳ дошта шудаанд. Дар тарбияи наслҳои наврас дар ин қабилаҳо асосҳои табиӣ и биологии он, принсипи тақлид ба калонсолон ва ба ҷавонон гузаштани шаклҳои фаъолияти инсонӣ, ки барои ҳар як қабила анъана шудаанд, умумист. Зимнан, тафриқаи субъектҳои таълим аз рӯи меъёрҳои ҷинсият ва синну сол сурат гирифта, ҳадаф аз ин ҷараён интиқоли аъзои ин

ҷамъиятҳои суннатӣ аз як синну сол ба гурӯҳи дигар тавассути маросими «ташаббус» мебошад. Муаллимон шахсоне буданд, ки аз рӯи шахсият ва хусусиятҳои синну солашон интихоб мешуданд ва пирон салоҳияти олӣ доштанд.

Бо ташаккули нобаробарии синфӣ дар ҷомеаи қабилаҳо ҷудо кардани вазифаҳои иҷтимоии инфиродӣ ба вуҷуд омад, аз ин рӯ, ташаккули институтҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла зарурати муассисаи таълимӣ ба миён омад. Дар ин замина, марҳилаи институтсионалии маориф ҳамчун як намуди махсуси фаъолият оғоз ёфт. Унсурҳои гуногуни ба муассисаи мустақили иҷтимоӣ ҷудо шудани маорифро аллакай дар давлатҳои синфии аввал ба монанди Ҳиндустон, Чин, Миср, Юнон, Бобулистони қадим, давлатҳои Астекҳо, Майя ва ғайра метавон мушоҳида кард. Дар марҳалаи аввали инкишофи худ вазифаи асосии институти маориф, пеш аз ҳама, вазифаи тарбиявӣ буд.

Ба андешаи ҷомеашинос Э.О.Дюркгейм: “... воқеъан, дар ҳар ҷое, ки давлати ташаккулёфта бошад, муассисаи алоҳидаи маорифро пайдо мекунем. Синфи ҳукмрон мазмун, шакл ва самти инкишофи онро муайян мекунад, ташкилотро ба амал мебарорад”[3. 54 С.]. Дар баробари ин арзишу меъёрҳои ин институт ташаккул ёфта, мавқеи иҷтимоии муаллим тағйир меёбад ва фаъолияти ӯ ба куллӣ беҳтар мегардад.

Дар марҳалаи аввали рушди маориф ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии давлатӣ буда, қонунҳо ва талаботро нисбати низоми маориф дар бар мегиранд, вазифа, мақсади ин системаро ташкил медиҳанд, шахсони мансабдорро ҷудо намуда, аз болои ин фаъолият назорат мекунанд, таълимро аз ҷиҳати иқтисодӣ, идеявӣ ва ташкилӣ таъмин менамоянд. Якҷоя бо иктисодиёт, ҳуқуқ институтҳои сиёсии маориф сохти синфии чамъиятро таҷассум мекунад. Давлат дар ин давра ба ташаккули арзишҳои муассисаи таълимӣ, ки мувофиқи ҳадафҳои худ бояд ба шукуфоии он ва дарки арзишҳои таълиму тарбия дар ҷомеа хидмат кунад, таъсири назаррас дорад. Гирифтани маълумот ба салоҳияти табақаҳои ҳоким табдил ёфта, аз омилҳои муайянкунандаи ба даст овардани қудрат ва нуфуз дар ҷомеа тақрибан дар ҳама ҷо таҳти назорати дақиқи давлат мебошад.

Тавре маълум аст, пайдоиш ва рушди арзишҳои таълиму тарбия, омӯзишу парвариш ва соҳибмаълумотшавии одамият давраи хеле васеъро дар бар мегирад ва сарчашмаҳои он аз замоне ибтидо мегиранд, ки инсоният тақрибаҳои аввалини худро дар бунёди шаклҳои иҷтимоӣ мегузошт. Яъне, аввалин арзишҳо ва меъёрҳои тарбиявӣ дар замонҳо,и дурдасти дунёи қадим дар шуури мифологии одами ибтидоӣ ба вуҷуд омадаанд[7]. Ба чунин ақида

розӣ нашудан мумкин нест, ки табиати пеш аз мантиқии афсона, ки ба ақидаҳои ғайришуурӣ, коллективӣ ва тафаккури пралогикӣ, ирфонии намояндагони қабилаҳои ибтидоӣ асос ёфтааст, ҷомеаҳо имкон доданд, ки арзишҳои таълимии ниёгон барои наслҳои зиёд бо тағйироти кам ё комилан пурра нигоҳ дошта шаванд[1].

Ин арзишҳои тарбиявӣ ҷузъи органикии фарҳанги ибтидоӣ буда, барои ҳалли мушкилоти мушаххаси ҷамоаҳои қабилавӣ нигаронида шудаанд. Дар ин марҳила вазифаи маориф ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ ҳамон чизест, ки барои қонеъ кардани ниёзҳои коллективии қабила, ба нигоҳ доштани оила ва давомнокии насл вазифадор буд.

Мусаллам аст, ки таърихи илму маориф, мактаб ва инкишофи афкори фалсафиву педагогии халқи тоҷик низ бо инкишофи дигар шаклҳои ҳаёти маънавӣ дар марҳилаҳои гуногуни тараққиёти таърихӣ, махсусан бо инкишофи афкори бадеӣ ва ҷамъиятию фалсафӣ зич алоқаманд аст. Ақидаҳои педагогии давраи қадим дар «Авесто» ҳамчун ёдгории бузурги динию фалсафии Эрони қадим ва мардумони Осиёи Миёна, инчунин, дар эҷодиёти даҳонии халқ ба таври васеъ инъикос ёфтаанд. Ақидаҳои фалсафии ҷомеаи Осиёи Миёна аз он шаҳодат медиҳад, ки мазмуну самти ақидаҳои педагогиро вазифаҳои умумии тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ, ки зиддиятҳои сохти синфӣ инъикос мекунанд, муайян мекарданд[6. 12 С.]. Дар баробари ин, ниёгони миллати тоҷик ба тарбия ва таълими фарзандони худ таваҷҷуҳи ҷиддӣ медоданд, аз ин рӯ, дар Авесто ба таълиму тарбияи фарзанд ҳанӯз дар шиками модар будани тифл, эътибор дода мешавад. Дар ин бора бобҳои гуногуни «Вандидод» гувоҳӣ медиҳанд, ки дар онҳо, қоидаҳои гигиении барои занони ҳомиладор, занони дар ҳолати меҳнат буда ва ширдеҳ ба қадри зарурӣ инъикос ёфтаанд[12. 58 С.].

Дар баробари ин, омӯзиши барвақт, аз ҳафтсолагӣ ва пеш аз пайдоиши алифбо ба таври даҳонӣ сар шуда буд. Дар он замонҳо, асосан, кӯдакон расму оинҳо ва донишҳои диниро меомӯхтанд ва инчунин,, санъати импровизатсияи оятҳоро азхуд мекарданд, ки дар онҳо, худоёнро парастиш ва ситоиш мекарданд, матнҳои бузургро аз худ мекарданд, аз ҷониби хирадмандон ҷамъ оварда шудаанд.

Бояд гуфт, ки дар тӯли асрҳои зиёд мақсаду вазифаҳои маориф тағйиру такмил ёфтаанд. Тарбия дар оила, маъбадҳою оташкадаҳо ва мактабҳои дарборӣ барои фарзандони ашрофон ва сарватмандон гузаронида мешуд. Мактабҳои дарборӣ махсус барои фарзандони амалдорон, ашрофзодаҳо ва одамони сарватманд сохта мешуданд. Даврабандии синну сол чунин буд: кӯдакон, ҷавонон, мардон ва пиронсолон. Пирон дар тарбияи фарзандон

иштирок доштанд ва мардон дар тарбияи ҷавонон. Табиӣ ст, ки дар он замон маориф характери синфӣ дошт[6. 13 С.].

Шаклҳои зерини таълимдиҳӣ маълум буданд: оилавӣ, инфиродӣ ва ибтидоӣ. Таълими ибтидоӣ барои ҳама кӯдакон як хел буд. Барномаи таълими ибтидоиро аз ёд кардани порчаҳои алоҳидаи Авесто, хондан, навиштан ва ҳисоб кардан ташкил медод. Кӯдакон дар пӯсти гов ва лавҳаҳои гилӣ менавиштанд. Азбаски он вақтҳо китобу воситаҳои таълимӣ набуд, ба инкишофи хотираи хонандагон диққати калон дода мешуд. Кори таълиму тарбия, усул ва роҳҳои тарбияи зардуштиён гуногун буд. Омӯзиш дар маъбадҳои оташнишонӣ, дабистонҳо, ва дабиристонҳо, сурат мегирифт. Дабиристонҳо, (мактабҳо) бештар дар дини зардуштӣ буда, маъбадҳо маркази муттаҳидшавии интеллигенсия(аҳли илм ё неруи зеҳнӣ)-и ҳамон замон маҳсуб мешуданд.

Табиӣ ст, ки мавзӯъҳои асосии омӯзиши он замон Ведаҳо, Готҳои Авесто, инчунин, мероси адабӣ буданд. Дониши ин осор дар маънои истилоҳи "видя" (аз санскрит "va" - "дониш") инъикос ёфтааст. Зардуштиён итминон доштанд, ки азхудкунии илм тавассути «vipaua», Яъне, «маърифат», «рафтор», «пешвоӣ» ба роҳ монда мешавад[5. 58 С.]. Ҳамин тавр, азхудкунии дониш кори судманд ҳисоб мешуд ва ҳар як зардуштии солимфикр барои аз худ кардани он вақт ва ғайрати зиёде сарф мекард.

Таърихи илм ва баҳамалоқамандии устувори он бо маориф бо таърихи таҳсилоти донишгоҳӣ зич алоқаманд аст, ки вазифаи бевоситаи он, на танҳо интиқол додани системаи дониш, балки омода кардани одамони қобили меҳнати ақлонӣ ва фаъолияти касбии илмӣ мебошад. Бояд гуфт, ки рушди минбаъдаи илм дар Эрон ба таъсиси донишгоҳи Хусрави Анӯшервон дар Гундишопур (академияи Гундишопур) бо илми пизишкӣ вобастагӣ дошта, дорои дармонгоҳ ва табибони муолиҷавӣ буд, ки ба муаллифони қадим бо номи «Донишгоҳи Гундишопур» маъруфият ёфта буд[11. 3 С.]. Тамомкунандагони ин мактаб аз илми тиб ба таври кофӣ огаҳӣ доштанд. Дар он ҷой фаъолиятҳои зерин ба роҳ монда шуда буд: беморхона, дорухона, расадхона ва китобхона. Дар ин мактаб хонандагон аз дастовардҳои олимони тибби мамлакатҳои Эрон, Юнон, Ҳиндустон ва Чини қадим бархӯрдор мешуданд. Маҳз ин маъхазҳои илмӣ нишондиҳандаи ниҳоди иҷтимоии илм ва маориф дар ин давлатҳо ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тавр, ниёгони миллати тоҷик то оғози ҳуҷуми арабҳо аллакай низоми таълими умумиро бо институти ҳамоҳангии дабистонҳо,, дабиристонҳо,, фарҳангистонҳо, ва назарияи афкори педагогиро ташкил карда буданд. Қобили зикр аст, ки дар асрҳои IX-X баъди забт шудани Осиёи Миёна аз тарафи арабҳо баъзе пешравиҳо дар соҳаи маданият ва илм бештар

ба назар мерасад. Як қатор сабабҳои таърихӣ ба ин мусоидат карданд. Асосиаш таъсиси давлати мутамаркази феодалии новобаста аз давлати араб буд, ки ба шарофати он кишвар метавонист амнияти худро аз ҳуҷуми беруна таъмин намуда, ба ҷангҳои байниҳамдигарии ҳокимони вилоятҳои алоҳидаи Мовароуннаҳр ва Хуросон хотима бахшад.

Сарчашмаҳои таърихӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки то асри X дар ҷамъияти асримиёнагии тоҷик барои хондани лексияҳо биноҳои махсус вуҷуд надоштанд. Мударрисони маъруф дарсҳои худро дар масҷидҳо мехонданд. Аммо, бо мурури замон шумораи шунавандагон «дӯстдорони дониш» ба дараҷае зиёд шуд, ки масҷидҳо ба онҳо, намерасиданд. Ба ин муносибат ба биноҳое, ки барои хондани лексия пешбинӣ шудаанд, хеле зарур ва муҳим буданд[6. 15 С.].

Бешубҳа, мутафаккирон ва маорифпарварони тоҷик идеалҳои бузурги педагогии пешгузаштагони худро инкишоф дода, дар маърифаткунонии шуури насли наврасу ҷавонон саҳми бузург гузоштаанд. Онҳо, маорифро воситаи бозсозии ҳамаҷонибаи ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, маънавӣ ҳисоб карда, муътақиданд, ки яке аз сабабҳои асосии рушд наёфтани ҷамъият бемаърифат (бемаълумот) будани мардум аст.

Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки дар Аврупо пайдоиши донишгоҳҳо ба асри XII рост меояд, аммо дар аввалин донишгоҳҳо парадигмаи динии ҷаҳонбинӣ (схоластика) ҳукмфармо буд. Таъсири дунявии онҳо, пас аз 400 сол ба донишгоҳҳо ворид мешавад. Ба вуҷуд омадани илм ҳамчун институти иҷтимоӣ низ бо дигаргуниҳои куллии системаи ҷамъиятӣ ва махсусан, бо давраи инқилобҳои буржуазӣ алоқаманд аст, ки онҳо, ба тараққиёти саноат, савдо, сохтмон, маъдани кӯҳӣ ва киштиронӣ такони пурзӯре бахшиданд. Тарзҳои ташкил ва ҳамкории олимон дар тамоми соҳаҳои тараққиёти таърихии илм тағйир ёфтаанд.

Ба туфайли тағйиротҳои кулии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсиву фарҳангии қарни XV, ки дар таърихи инсоният ҳамчун Ренессанс (эҳё) унвон мегирад, ғояҳои инсондӯстӣ ривоҷ ёфта, аз ҷумлаи идеяҳои муҳимтарини он замон гардиданд. Дар баробари ин, низоми арзишҳои таълим низ тадриҷан тағйир ёфт. Мундариҷа ва арзишҳои таҳсилоти асримиёнагӣ дигар талаботи ҷамъият ва пеш аз ҳама, синфи буржуазиро қонеъ карда наметавонанд. Ин ба инкишофи интенсивии донишкадаҳои олӣ ва мактабҳои шаҳр мусоидат карданд.

Давраи инкишофи капитализм ба давраи рад кардани идеали илмии асримиёнагӣ табдил ёфт, ки дар натиҷа, ба рушди илм такони пурқувват бахшид, дар паҳлуи оқилонаи илми классикӣ ва афзоиши танқиди догмаҳои динӣ махсусан, схоластика, ки ба рушди муассисаи таълимӣ ва арзишҳои он

низ таъсир расониданд, нигаронида шуда буд. Ҳамин тариқ, рушди арзишҳои таълиму тарбия дар замони Эҳё дар асоси эълони олии онҳо, ҳамчун шахсияти инсон ва фаъолияти амалии ӯ сурат мегирад.

Ҳаракати секуляризми асрҳои XV-XVI, раванди демократикунонии калисои католикӣ ва аз зери таъсири дину калисо озодшавии соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла илму маориф ба ташаккули илм ҳамчун институти иҷтимоӣ дар Аврупои ғарбӣ мусоидат намуд. Зарурати омӯзиши табиат ва ҷалби сарватҳои табиӣ ба миён омад, ки ба рушди соҳаҳои гуногуни илм оварда расонид. Дар натиҷа, мавҷудияти илм ҳамчун институти иҷтимоӣ нишон дод, ки дар системаи тақсимоти ҷамъиятии меҳнат, вай бояд вазифаҳои конкретиро иҷро намояд, Яъне, барои истеҳсоли донишҳои назариявӣ ва амалӣ масъул бошад. Илм, ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ, на танҳо аз системаи дониш ва фаъолияти илмӣ иборат аст, балки системаи муносибатҳои илмӣ, муассисаҳои илмӣ ва ташкилотҳои илмиро низ дар бар мегирад[10.228.С].

Қобили зикр аст, ки давраи гузариш аз феодализм ба капитализм дар арзишҳои илму маориф тағйироти назаррас ба амал омад. Дуруст аст, ки "дар охири асрҳои миёна, вақте ки мулки сеюм ба забт кардан шурӯъ кард, мавқеи худро дар ҳаёти иқтисодии ҷамъият, маориф мазмуни принсипан нав пайдо мекунад. Тоҷирон ва шахсоне, ки равандҳои нисбатан мураккаби истеҳсолиро идора мекунанд, на танҳо дониши ҳамаҷонибаи дорои хусусияти табиӣ ва технологӣ, балки муносибатҳои иҷтимоӣ, муносибатҳои байнишахсӣ, баъзе асосҳои принсипҳои умумибашарии ахлоқ, донистани забонҳо,и хориҷӣ ва ғайраро талаб мекарданд" [8.16.с].

Дар шароити имрӯза арзишҳои тарбия, омӯзиши арзишҳои таълим дар робита бо баррасии мавзӯъҳои мушаххаси тадқиқоти онҳо, аз ҷониби илмҳои гуногун амалӣ карда мешавад: фалсафаи маориф, антропологияи педагогӣ, ояндабинӣ, сотсиология, психологияи рушд, этнология, фарҳангшиносӣ, психологияи педагогӣ ва ғайра. Бо вуҷуди ин, маҳз чунин фан ба мисли аксиологияи маориф донишро дар бораи арзишҳои таълим ҷамъбаст намуда, маорифро аз нуқтаи назари худи равиши арзиш ҳамаҷониба таҳлил мекунад ва мушкилоти аксиологии педагогикаро аз нуқтаи назари арзишҳои таълимӣ меомӯзад, ки он асосҳои назариявии фалсафаи маориф ва илми муосирро дар бар мегирад.

Дар айни замон таваҷҷуҳ ҳам дар ҷомеаи илмию педагогӣ ва ҳам дар худи ҷомеа ба арзишҳои таълим афзоиш ёфтааст. Ин бештар ба зарурати дарки бухрони ҷаҳонии маориф дар остонаи асри XXI вобастагӣ дорад, ки ба ақида Т. Воронин, коҳиши самаранокии амалияи анъанавии таълимӣ (фарқияти байни хароҷот ва натиҷаи дар соҳаи маориф бадастомада) дар пасманзари бухрони боз ҳам бештари инсонӣ мушоҳида мешавад.

Маврид ба ёдоварист, ки дар ҷомеаи кунунӣ таваҷҷуҳи тамоми кишварҳои дунё ба арзишҳои таълиму тарбия, ки имрӯз садои тоза касб карда истодаанд, то рафт зиёд шуда истодааст. Ин, пеш аз ҳама, ба зарурати дарки буҳрони ҷаҳонии маорифи ибтидои асри XIX, ки дар натиҷаи коҳиши самаранокии амалияи анъанавии таълим ба вуҷуд омадааст, (тафовути байни хароҷот ва натиҷа) соҳаи маориф дар пасманзари буҳрони боз ҳам бештари инсон қарор дорад, алоқаманд аст. Дар ин бобат хулосаҳои баъзе муҳаққиқон асоснок карда шудаанд, ки чунин таъкид мекунанд: "...дар ҷаҳони мураккаб, зиддиятнок ва хеле зудҳаракати мо проблемаи носозгории инсон бо табиат, бо муҳити иҷтимоию фарҳангии вай ва худаш, махсусан тезутунд аст" [2.3.С].

Вазъияти кунунӣ ҷустуҷӯи ҳадафҳои нави арзишмандро тақозо мекунад, ки барои навсозии таҳсилоти муосир самаранок мебошанд. Ҳамзамон, навсозии таҳсилот ва алоқмандии он бо илм бояд ба меъёрҳои гуманизм, демократия, экология ва прагматизм мувофиқ буда, ба бунёд ва рушди ҷомеаи маориф мусоидат кунад. Аксиологияи тарбия аҳамияти кор карда баромадани дастурҳоеро зарур медонад, ки ба одам имкон медиҳад дар баҳри маълумоти афзоянда ғарқ нашуда, самти инкишофи ҳам як фарди алоҳида ва ҳам гурӯҳҳои иҷтимоиро нигоҳ доранд. Ҳамин тариқ, таълим бояд роҳнамо ва таъминкунандаи омма бо харитаҳо ва як навъ компасе бошад, ки бо он дар дунёи ноором ва доимо тағйирёбанда сайр кардан мумкин аст[4.22.С]. Махсусан, ин вазифаи таълим ҳамчун василаи ба амалбарории ҳадафҳои маориф тавассути баҳамалоқамандии воқеӣ ба илм ва дастовардҳои илми муосир имконпазир аст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бидуни муайян ва таҳлили бодиққат хусусияти рушди таърихии арзишҳои робитаи илму маориф бунёди зина ба зинаи (зинанизоми) нави меъёрҳои тарбиявӣ ва дастурҳои арзишӣ, расидан ба ҳадафҳои олии давлатдориии миллӣ хеле душвор аст, Зеро бисёре аз тамоюли дар айни замон мушоҳидашавандаи соҳаи баррасишаванда дар давраҳои гузаштаи инкишофи ниҳодҳои илму маориф, дар ҷамъият, тамаддун ва умуман, фарҳанг асосҳои худро доранд.

Маориф дигар на ҳамчун омодагӣ ба зиндагии охират ва на барои калонсолон, балки ҳамчун арзиши фардии инсон дида мешуд, ки барои раванди инкишофёбии шахсият нигаронида шудааст. Замони нав ба давраи ташаккул ва тадриҷан тасдиқи идеали муосири таълиму тарбияи "одами бомаданият» табдил ёфт. Таҳаввул ва истиқрори ин арзишҳо дар илму маориф то имрӯз мушоҳида мешавад.

Гуфтан бамаврид аст, ки маориф дар давоми ду асри охир як қатор дигаргуниҳои ҳақиқатан револютсиониро аз сар гузарондааст. Дар аксари кишварҳои дунё мардону занон имрӯзҳо ҳуқуқи гирифтани таҳсилро доранд,

давлат кафолат медиҳад, ки шаҳрвандонаш дараҷаи муайяни маълумот гиранд, таълим дар шакли мунтазам сурат мегирад.

Бояд зикр намуд, ки ҷаҳони муосир бо ҳама пуртазоддӣ, мухолифат ва дигар вижагиҳояш ба илму дониш ва мутахассисони болаёқат эҳтиёҷ дорад. Дар ин замина, нимаи дуюми асри XX мафҳуми «бозори кадрҳои илмӣ» ба вуҷуд омад, ки айни ҳол дар бозори ҷаҳонии меҳнат барои ба даст овардани сарвати зеҳнӣ миёни кишварҳо рақобати шадиде вуҷуд дорад.

Дар маҷмӯъ, метавон гуфт, ки инкшофёбии илму маориф дар раванди таърих бо якдигар зич алоқаманд буда, бо ҳамдигар доим дар иртиботанд ва ноқисии якдигарро комил мегардонанд.

АДАБИЁТ

1. Антология исследований культуры. - Т . 1 : Интерпретация культуры. - СПб.: Университетская книга, 1997; Леви-Строс Л. Первобытное мышление. -М: Республика, 1994; Осаченко Ю.С., Дмириева Л.В. Введение в философию мифа. -М.: Йнтерпракс, 1994 и др;
2. Воронина Т. Размышления о перспективах высшей школы //Материалы конференции по философии образования //Alma Mater. -1997. №5;
3. Дюркгейм Э.О. Разделение общественного труда //Метод социологии. г-М., 1991.-С.54.
4. Из доклада ЮНЕСКО «Образование: сокрытое сокровище» // Alma Mater. – 1997, №9;
5. Кочергина В.А. Санскрите- русский словарь. -Мл Русский язык, 1978;
6. Қурбонов А.Н. Реформирование института образования в условиях трансформации таджикского общества (социально-философский анализ) автореферат д.ф.н. с.2010.;
7. Летурно Ш. Эволюция воспитания у различных человеческих рас— СПб:;Народная польза, 1900; Йегер В., Пайдея. Воспитание античного грека (эпоха великих воспитателей и воспитательных систем). -М.: Греко- латынский. Кабинет Ю. А. Шичалина, 1997 и д.р;
8. Ляхович Е.С.. Ревушкин А.С. Университеты в истории и культуре дореволюционной России.-Томск-. Изд - во Том.ун-та, 1998;
9. Мертон Р., Фиске М., Кендалл П. Фокусированное интервью = The focused interview. A Manual of Problems and Procedures / пер. с англ. к.э.н. Т. Н. Фёдоровской, под ред. к.э.н. С. А. Белановского. — М.: Институт молодёжи, 1991;
10. Мертон Р. К. Фрагменты из воспоминаний // Социологические исследования. — 1992. — № 10;
11. Мирбабаев А.К. История Мадраса Таджикистана. Ч.I. -Душанбе. Мерос, 1994;
12. Нуралиев Ю.Н. Медицина эпохи Авиценны . Кн. I.-Душанбе, Ирфон. 1981;

ФОРМИРОВАНИЕ НАУКИ И ОБРАЗОВАНИЯ КАК СОЦИАЛЬНОГО ИНСТИТУТА И ИХ УЧАСТИЕ В ИСТОРИЧЕСКОМ ПРОЦЕССЕ

ГАЮРОВ ЛОИК ШЕРАЛИЕВИЧ,
докторант (PhD) кафедры философии Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки
735360, Таджикистан, г. Куляб, ул. С.Сафаров 16;
тел: (+992) 93-140-05-54

В современном мире проблема интеграции науки и образования стала одной из главных проблем науки, образования и философии. В связи с данной необходимостью конец 20 века и начало 21-го века называется периодом интеграции. Сегодня интеграционные процессы охватывали вес мир, наука и образование в нем занимают особое место, поскольку наука и образование выступают как инструмент, который может изменить мир. Чтобы глубже понять данную проблему, необходимо нам рассмотреть историю процесса становления науки и образования как социального института и их взаимодействия. То есть, чтобы описывать вопросы взаимодействия науки и образования и их роли в обществе, прежде всего, необходимо знать историю науки и образования в историческом процессе. С этой точки зрения, автор старался через призму социально-философского анализа данной темы объективно оценит становление науки и образования как социального института и их взаимодействия в историческом процессе.

Ключевые слова: *наука, образование, интеграция, интеграция науки и образования, социально-философский анализ, система образования.*

FORMATION OF SCIENCE AND EDUCATION AS A SOCIAL INSTITUTION AND THEIR PARTICIPATION IN THE HISTORICAL PROCESS

GAYUROV LOIK SHERALIEVICH,
doctoral (PhD) of the Department of Philosophy of the Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki
735360, Tajikistan, Kulob, st. S. Safarov 16;
tel: (+992) 93-140-05-54

In the modern world, the problem of integrating science and education has become one of the main problems of science, education and philosophy. In connection with this need, the end of the 20th century and the beginning of the 21st century is called the period of integration. To better understand this problem, we need to consider the history of the process of formation of science and education as a social institution and their interaction. That is, in order to describe the issues of interaction between science and education and their role in society, first of all, it is necessary to know the history of science and education in the historical process. From this point of view, the author tried to objectively assess the formation of science and education as a social institution and their interaction in the historical process through the prism of a socio-philosophical analysis of this topic.

Keywords: *science, education, integration, integration of science and education, socio-philosophical analysis, education system.*

УДК: 891.550-1:82:491.550

ТАВЗЕҲИ ИСТИЛОҲИ "ХУРОФОТ" ВА ШАКЛГИРИИ ИЛМИИ ОН

САҶҶОДИ МУҲАММАД ШАРИФЗОДА,
сармутахассиси шуъбаи пажӯҳиши исломи муосири
Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734003, Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Шодмонӣ №58/1;
тел.: (+992) 985-58-47-61, e-mail: sajod_90@mail.ru

Дар мақолаи мазкур истилоҳи "хурофот" аз нуқтаи назари илмӣ баррасӣ гардида, чӣ тавр дар илмҳои ҷомеашиносӣ шакл гирифтани он мавриди арзёбӣ қарор дода шудааст. Муаллиф фикру назарияҳои олимони гуногуни соҳаҳои фалсафа, ҷомеашиносӣ ва равоншиносӣ дар ин мақола гирдоварӣ намудааст. Дар мақола зимни таҳқиқ доир ба мавзӯи хурофот ва хурофтопарастӣ дар фарҳанги милливу динии мардуми сайёра, аз ҷумла мардумони мусулмон ва ғайримусулмон, суннатӣ ва ғайрисуннатӣ, гузашта ва муосирро муайяну мушаххас гардидааст. Мақола дар доираи усули таҳлили муқоисавӣ ва мутолиаи асарҳои илмии як қатор муҳаққиқони маъруфи соҳаҳои фалсафа, сотсиология, психология ва дигар илмҳои ҷомеашиносӣ доир ба падидаи хурофот таълиф шудааст.

Муаллифи мақола қайд менамояд, ки аз таърифҳои дар боло зикршуда ва мафҳуму муҳтавои хурофот яке аз сабабҳои асосии гаравидани мардум ба хурофотпарастӣ, камсаводӣ ва маҳдуд будани доираи донишу ҷаҳонбинии худи онҳо, мебошад, ки ба ин падидаи номатлуб гирифтор шудаанд.

Калидвожаҳо: *фалсафа, ҷомеашиносӣ, равоншиносӣ, муҳаққиқ, хурофот, хурофотпарастӣ, равиш, равиши психологӣ, равиши ҷомеашиносӣ, назария.*

Хурофот ва хурофотпарастӣ аз зуҳуроти маъмултарини ҷомеаи инсонӣ буда, дар ин замина, мутафаккирон ва донишмандони илмҳои ҷомеашиносӣ фикру андешаҳои гуногун доранд. Дар ҳар як кишвари мутамаддини ҷаҳони муосир ба мақсади аз байн бурдани хурофот ва пешгирӣ аз оқибатҳои манфии он чораҳои зарурӣ андешида мешаванд. Дар ин мақола омилҳо ва шароити пайдоишу густариши хурофот дар фарҳанги қавму миллатҳои гуногун, навъҳои хурофот, масъалаи таснифи хурофот аз дидгоҳи фалсафаи иҷтимоӣ ва диншиносии таърихӣ-муқоисавӣ, вазифаи иҷтимоии хурофот, пайомадҳои иҷтимоиву иқтисодии он ва дигар ҷанбаҳои он мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор гирифта шудааст.

Бояд тазаккур дод, ки дар адабиёти илмии ватаниву хориҷӣ мавзуи хурофот дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон то ҳанӯз ба таври муфассал ва ҷудогона таҳқиқ нагардидааст. Аз ин лиҳоз, омӯзиши мавзуи зикршуда

барои муайян намудани хурофот дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ва ташхиси роҳҳои пешгирӣ кардани таъсиру пайомадҳои номатлуби иҷтимоиву иқтисодии он мусоидат карда метавонад.

Барои дарки дурусти таъриф ва мафҳуму моҳияти хурофот бояд, ки дар бораи таърих, заминаҳои пайдоиш, мафҳуму муҳтаво ва навъҳои хурофот маълумоти муфассалеро матраҳ намуда, то кадом дараҷа дар байни мардум ва аз ҷумла, дар анъанаҳои миллӣ ва динии мардуми Тоҷикистон нуфузу густариш пайдо намудани хурофотро мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор диҳем.

Умуман, падидаи хурофотпарастӣ дар тӯли асрҳои гузашта дар ҳаёти фарҳангиву иҷтимоии қавму миллатҳои маскуни кишвари мо хеле амиқ реша давонида, ҳамчун яке аз амалҳои динӣ ба ҳукми анъана даромада буд. Дар ҳар як давраи таърихӣ ба хазинаи фарҳанги миллии мардуми Тоҷикистон навъҳои нави хурофот изофа гардида, бори гарони рӯзгори мардумро боз ҳам вазнintар мекарданд.

Барои расидан ба ин ҳадаф бояд заминаҳои пайдоиш ва пайомадҳои иҷтимоии хурофот, инчунин,, муайян ва мушаххас намудани роҳҳои бартараф намудани он таҳқиқ ва муайян карда шаванд.

Умуман, мавзуи хурофот ва ҷойгоҳи он дар ҳаёти фарҳангиву иҷтимоии қавму миллатҳои гуногуни ҷаҳон яке аз мавзуъҳои мубрами илмҳои ҷомеашиносӣ, аз ҷумла диншиносӣ ба шумор меравад ва доир ба он то ҳол таҳқиқоти зиёде бо забонҳо,и русӣ, англисӣ, фаронсавӣ, олмонӣ, арабӣ ва форсӣ ба анҷом расидааст.

Дар адабиёти илмӣ ҷанбаҳои гуногуни хурофот таҳқиқ шуда, муҳаққиқон роҷеъ ба мафҳуму муҳтавои падидаи мазкур ва пайомадҳои иҷтимоиву иқтисодии он фикру андешаҳои ҷолиберо баён кардаанд.

Аз ҷумла, Ғуломҳусайн Садри Афшорӣ хурофотро чунин таъриф додааст: "Хурофот сабаби дарки нодурусти воқеият, пайдоиши тарсу воҳимаҳои беасос аз қувваҳои номаълум ва дигар падидаҳои беморимонанди равонию маънавӣ гардида, яке аз омилҳои зуҳури ифротгароӣ [5, С.413] ва ҳар навъ андешаҳои номаълуму беасос мегардад"[16, С.419], ки онҳо, ба ҳаёти шахс ва ҷомеа таъсири фавқулода мерасонанд ва "андешаҳои боқимондаи гузашта"[3, С.866] ба шумор мераванд.

Ба андешаи ин муҳаққиқ, хурофот асосан аз нодонӣ ва ҷоҳилии одамоне сар мезанад, ки онҳо, ба сухани ҳар гуна авомфиребон, монанди ҷодугарон, фолбинон, тилисмшиканон, ки гӯё онҳо, илми ғайбро медонанд, бовар мекунанд. Инчунин,, хурофот дар натиҷаи бовар ба чизҳои хаёлие, ки дарки онҳо, аз доираи қудрати шуури инсон берун мебошад, низ пайдо мешавад.

Таърифи нисбатан муфассали хурофотро бошад, муҳаққиқи англис Роберт Ингерсон пешниҳод намудааст. Ба андешаи ӯ, хурофот аз унсурҳои зерин иборат аст: "Бовар ба падидаҳое, ки дарки онҳо, аз доираи қудрати шуури мо берун аст; тахмини як роз ба воситаи рози дигар; пешниҳоди

афкор доир ба манфиату мақсадҳое, ки моҳиятан ба он ишора шудааст; боварӣ ба он ки зеҳн қодир аст, падидаҳоро идора намояд; боварӣ ба он ки қувваҳои беруна аз зоти худ ҳастанд ва ё зот аз нерӯҳои худ берун аст; боварӣ ба қувваи фавқулодда, муъҷиза, сеҳр, тилисм ва фолбинҳо"[20, С.5]. Муҳаққиқи дигар Петро Кохлер хурофотро чунин шарҳ медиҳад: *"Хурофот ин боварӣ ба чизи беасос ё ғайриилмӣ дар мавриди ашё ва нақши падидаҳо дар ҷаҳон аст, ки ин боварӣ дар асоси тақлид, шакл гирифта ё одатан бо манфиатҳо ҳамроҳ аст. Бинобар ин, хурофот бо муъҷиза ва тилисм ҳамроҳ аст"*[21, С.5]. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки хурофот бовар ба неруи фавқулодаи сеҳромозеъст, ки аз олами тахайюлӣ сарчашма гирифта, бо фарҳанг омехта гардида, аз тарафи аъзои ҷомеа ҳамчун як амри табиӣ пазируфта шудааст.

Аксари муҳаққиқон хурофотро муродифи андешаи ботил ва дурӯғину ғайримантиқӣ мешуморанд. Дар адабиёти динӣ ва фалсафии арабиву форсӣ истилоҳи “хурофот” ҳамчун муродифи калимаи англисии “superstition” истифода шудааст. Аслан, ин истилоҳ буда, аз решаи арабии “ҳарафа” гирифта шудааст, ки маънои умумиистемолиаш чидани мева мебошад. Вале, калимаи “хурофот” дар фарҳангномаҳо бо маънои истилоҳиаш маҷмӯи ҳикоя, қисса, андешаҳои фосид ва раъйи ботилеро ифода мекунад, ки ба ақл, мантиқ ва воқеият созгор нестанд. Пас, хурофотпарастӣ пайравӣ ба андешаҳои ботил ва беасос мебошад. Андешаҳое, ки онҳо,ро шахси хурофотӣ пайравӣ мекунад, ба дараҷаи фарҳанг ва фаҳмишу дониши он ҷомеа, ки ин шахс фарди он мебошад, ҳеҷ қаробату таносубе надоранд[1, С.387].

Муҳаммадҳусайни Покдоман низ дар китоби худ хурофотро чунин шарҳ додааст: "Хурофа ё хурофот муодили калимаи англисии "superstition" ва решаи арабии калимаи "ҳарафа" мебошад, ки ба маънои чидани мева омадааст. Ин калима бо илова намудани ҳарфи "Х" маънои ҳикоя, қисса, андешаҳои фосид ва раъйи ботилро ифода мекунад, ки дар якҷоягӣ ҳамаи онҳо,ро хурофот меноманд”[10, С.34].

Аммо, муаллифи "Фарҳангномаи форсӣ дар забони арабӣ" Муҳаммадалии Шуштарӣ бо суханони Алиакбари Деҳхудо ва Муҳаммадҳусайни Покдоман дар бораи решаи арабии ин калима мувофиқ набуда, бовар дорад, ки решаи аслии калимаи “хурофот” форсӣ буда, сипас ба забони арабӣ ворид гаштааст. Вай менависад, ки калимаи “хурофот” аз “харафат”-и форсӣ гирифта шуда, дар арабӣ масдар ва феъли онро сохтаанд. Калимаи хурофот дар форсӣ низ ба маънои афсона буда, калимаи “харафат” ба маънои ошуфтагӣ истифода мешавад. Дар Хузистон ин калимаро "харифа" талаффуз мекунанд, ки маънои хонаҳо ва дахмаҳоро дорад. Дар замони зардуштӣ дар болои кӯҳҳо ҳар кас ба худ як мақбараи хонаводагӣ доштааст. Дар миёни сокинони Шуштар ин афсона ривоҷ дорад, ки дар даврони бостон тӯли зиндагии инсонҳо, дароз буда, шахсони солхӯрдаеро, ки ошуфта ва хаста мешуданд, фарзандонашон бо бағоҷ ва об

дар ин хаймаҳо мениҳоданд, то бақияи умри худро дар он ҷо бигзаронанд[9, С.199].

Ҳамчунин, “хурофот”-ро дар китобҳои гуногун ва фарҳангномаҳо “ҳадиси ботил, сухани беҳуда[2, С.1001], “сафсатаву афсона”[8, С.802] ва амсоли инҳо маънидод кардаанд.

Ҳамчунин, хурофот аз "боварии шадиди эҳсосӣ ва вобастагии ба як амал" иборат аст. Аз назари эътиқоди "хурофот" ин амали фавқулода ва хориҷ аз тартиботи одӣ, табиӣ ва илмӣ мебошад, ки дар пайдоиш, таҳаввул ва ё аз байн рафтани ин ё он ҳодиса воқеъ мешавад[14, С.1].

Мулоҳизаҳои донишмандони илми равоншиносӣ (психологӣ) дар бораи хурофот нишон медиҳад, ки дар мавқеъҳои ҳассос лаҳзаҳои бовариву эътимод ба оянда вуҷуд дорад, ки дар рӯяҳои масоиле ҳамчун таваллуд, марг, маризӣ, қаҳтӣ, фақр, ҳодисаҳои табиат ва паёмадҳои он барои мардум ташвишовар буда, дар чунин лаҳзаҳо эҳсоси шикаст, тарс ва хашм боиси пайдоиши хурофот мешавад. Мардум дар ин маврид наметавонанд, ки бо роҳи илмӣ далели мантиқӣ пайдо намоянд, бинобар ин ба ташвиш афтода, ба корҳои хурофотӣ даст мезананд, то ки мушкилӣ ва ташвишу тарсу ваҳми худро бартараф созанд[18, С.13-18].

Мардум дар ин асос барои ғолиб омадан бар тарси дарунии худ ва ҳалкунии мушкилоти худ даст ба корҳои хурофотӣ мезананд.

Ба андешаи равоншиносон (психологҳо) даст задани мардум ба амалҳои хурофотӣ чунин сабабҳо доранд:

1. Ба оянда бовар ва умед надоштан.

2. Нокифоягии донишҳои илмӣ ва мантиқӣ.

Скинер аз ҷумлаи назариячиёне мебошад, ки назарияи худро бар ин усули таҳкими рафтор бахшидааст. Ӯ бовар дорад, ки ҳар гоҳ байни посух ва пурсиш як таҳкимкунандаи тасодуфие мавҷуд аст, ки рафтори ҷавобиро рафтори хурофотӣ меномад. Ба андешаи вай рафтор ё андеша замоне дар шахс пайдо мешавад, ки вай ба таври такрорӣ як ҳодиса ё таҷрибаи воқеиро аз сар мегузаронад. Дар ин сурат эътиқод аз таҷриба пайдо мешавад.

Ба андешаи Скинер ва мактаби рафторгароён сабабҳои даст задани мардум ба амалҳои хурофотӣ вуҷуди пайванди тасодуфии байни посуху пурсиш ва норасоӣ ба механизмҳои фосилавии онҳо, мебошад.

Дар бахши вазифаи хурофот низ он аз ду равиш –равоншиносӣ ва ҷомеашиносӣ мавриди баҳс ва баррасӣ қарор мегирад.

Аз нуқтаи назари равоншиносӣ боварҳои хурофотӣ ба шахси хаёлоти ҳисси идора ба рӯйдодҳоеро медиҳанд, ки намефаҳманд. Шахсе, ки бо боварҳо ва амалҳои хурофотии худ талош мекунанд, рӯйдодҳоро идора карда, онҳо,ро қобилияти пешбинӣ кунад ва ба воситаи ҳамин эҳсоси идора ба ҳодисаҳо ва воқеаҳои хурофотӣ омили коҳишдиҳандаи ташвиш мебошад. Аз ин дидгоҳ тамоюл ё набудани тамоюли шахс ба хурофот ба шахсияти вай бармегардад. Аз ин равиш ба лиҳози чигунагӣ ва тарзи вокунишӣ ду навъи шахсиятро дар баробари дигарон метавон фарқ кард:

1. Шахсе, ки ба шахсияти мустақил ҳунарманд, фаъол, дербовар мебошанд.

2. Шахсе, ки шахсияти ҷасоратнадошта, таслимгар ва зудбовар мебошанд.

Шахсияти таслимгар шахсияте аст, ки аз сӯйи дигарон ва ҷалби назар ва ҳимояи онҳо, ҳаракат мекунад[13, С.156]. Бар ин асос, эҳсоси амният дар шахсиятҳои таслимгар ба баъзе аз бархӯрд ва нигариш нисбат ба онҳо, бастагӣ дорад. Аз ин рӯ, чунин шахс ба шиддат ба дигарон вобастааст[6, С.181]. Ҳар чи сохтори шахсияти шахс ба самти тайёрнамоии эҳсос, нотавонӣ ва вобастагӣ ба дигарон бошад, таслим шудан дар баробари афкор, эҳсосот ва рафторҳои дигарон афзоиш меёбад. Ин амр тамоюли шахс ба хурофотро ба воситаи иллатҳои бисёре, монанди дар ҷамъ ва ё гурӯҳ қарор гирифтан, ҳамранги гурӯҳ шудан, ниёз ба таъйид ва дӯстдошта шудан, истиснои набудан дар ҷамъ, ниёз ба ҳимояти дигарон тақвият меёбад.

Аз дидгоҳи ҷомеашиносӣ хурофот дар тӯли таърих ду қисм вазифа ва нақш доштааст: нахуст, вазифаи айнӣ, ки ба сурати шиорҳои кор ва расму оин зоҳир мегардад; дуюм, вазифаи зеҳнӣ, ки дар сохти равон ва даруни инсонҳо, иттифоқ меёбад. Инак, ба баъзе аз вазифаҳои хурофот аз дидгоҳи ҷомеашиносӣ ишора менамоем:

–Хурофоте, ки дар робитаи инсонҳо, бо пешгӯйии оянда ва ҳодисаҳое, ки рӯх хоҳанд дод, худро нишон додаанд.

–Ҷоду, ки вазифаи муҳимме, дар сохти мавқеиятҳои ғайриқобили пешбинӣ ва хатарнокро ифода мекунад[7, С.16].

–Яке аз вазифаҳои ошкор ва асли хурофот дар гурӯҳи дафъи бемориҳо ва илоҷи дардҳое, ки мардуми ибтидоӣ роҳе барои раҳоӣ аз онро надоштанд. Дар ин байн бемориҳои равонӣ ва рӯҳӣ бисёр хурофотро ба худ таъйин намудаанд.

–Тафсир ва таҳлили воқеаҳо ва ҳодисаҳои табиӣ ва ғайритабиӣ, беморӣ ва марг ба ин маъно, ки кулли чизҳое, ки аз ҳудуди шинохти одамӣ фаротар мераванд, фаҳмида мешаванд.

–Оинҳои ҷодуӣ ва расму оин, ки вазифаҳои ҳувиятсоз доштаанд.

–Ҳамбастагӣ ва таҳкими фаъолияти оинҳо аз ҷумлаи вазифаҳо аст, ки дар тамоми онҳо, вуҷуд дорад.

–Оинҳо навъи боварро дар хотир доред, ки инҳо барои мардум шароит фароҳам орад, то аз тариқи он шахс метавонад аз уҳдаи вазъиятҳое, ки бо афзорҳои тактикӣ қобили идора нестанд, барояд ва наметавонад сомони аз даст рафтаро бозгардонад[11, С.93].

Дар сарчашмаҳои гуногун аз назари донишмандон ва соҳибназарон вижагиҳои муътамаде дар бораи хурофот зикр шудааст.

–Доимӣ будан ва ҷудонопазирӣ аз зиндагии инсон: хурофот бахши ҷудонопазирӣ аз мутобиқати инсон аст, ки бидуни онҳо, инсон ба идомаи ҳаёт қодир нест[14, С.7].

–Ҷойгузинӣ, таскимбахшӣ ва тасалутофаринӣ: яке аз вижагиҳои дигар хурофот мебошад, ки он бо суръат ба вуҷуд омада ва навъи дигарро иваз мекунад. Ба фикри Юнг, агар ҷомеа натавонад мавзуҳои муштарак барои бовариҳои мо ба вуҷуд оварад маҷбур хоҳем шуд, ки ба ҷойи онҳо, ба чизҳои дигар такя намоем[12, С.208].

–Пойдор будан: вижагии дигари хурофот, ки ба осонӣ ба вуҷуд меояд, вале ба душворӣ аз байн меравад, ба монанди тилисмҳое, ки дар натиҷаи як тасодуфи маҳз иқболро насиби дард мегардонанд [4, с.122].

–Бе реша будан: омӯзиши хурофот нишон медиҳад, ки хурофот баъди ба вуҷуд омаданаш аз байн рафтааст ва танҳо худи хурофот боқӣ мондааст, чун вақте кӯшиш мекунем, ки далелҳо ё иллати ба вуҷуд омадани онҳо,ро пайдо кунем, ба ҳеҷ натиҷа намерасем.

Дар мавриди омилҳои пайдоиши андешаҳои хурофотӣ дар ҷомеа назарияҳои гуногун вуҷуд дорад. Омилҳои муҳимме, ки заминаҳои пайдоиши хурофот мебошанд:

–Тарс ва фишорҳои муҳит. Нигоҳи гузаро ба таърихи зиндагии инсоният нишон медиҳад, ки пайдоиши хурофот иборат аз тарсҳои инсон аз шароити моддӣ ва рӯҳии худи ӯст. Ин андешаҳои хурофотӣ бо гузаштани солҳо зина ба зина ба наслҳои баъдӣ гузаронида шуда, ин равиш то ҳол идома дорад[17, С.6].

Аз тарафи дигар, дар асрҳои сиёҳи иҷтимоию сиёсӣ, аз ҷумла дар давраи ғалабаи қавмҳои бегона вақте, ки ҷомеа дар ташвиш дармондагӣ ва ноумедӣ буданд, роҳе барои гурез ё беҳбудӣ набуда мардум гароиш ё эътирофи хурофотро танҳо роҳи коҳиши аламҳо ва мусибатҳои ҷомеа шинохта буданд[15, С.22].

–Ҷаҳли илмӣ. Гурӯҳе аз муҳаққиқон яке аз омилҳои муҳимми пайдоиш ва рушди хурофотро ҷаҳл ва бесаводии мардум медонанд. Онҳо, бовар доранд ба ҳар андозае, ки инсон аз дарки ҳақиқатҳо, робитаи мантиқии падидаҳо, қонуни сабабият ва таъсиргӯзорӣ, ташхис ва дарки воқеият нобино бошад, ҳамон қадар дучори хурофот ва хурофотпарастӣ мешавад. Зеро, дар бархӯрд бо мушкилот ва роҳи ҳалли илмӣ ва мантиқӣ оҷиз монда, андешаи иллатёбии ӯ заиф шуда, дар натиҷа барои таскин ва қонеъ кардани хеш ба ҳар коре пайваст ва муътамад мешавад[11, С.26].

Аз он ҷое, ки мардуми қабилаҳо қодир ба тафовути қоимшуда миёни қонунҳои табиӣ ва қонунҳои иҷтимоӣ, ки иборат аз амали иҷтимоӣ инсонҳо,ст набуда, қонунҳои иҷтимоиро низ бетағйир мешуморанд ба ҷойи бартараф ва ислоҳи онҳо, чунин дармеёбанд, ки ҳамон якҷоягии қабилаҳо, ки бо қонунҳои табиӣ мувоҷеҳ мегардиданд, бо падидаҳо ва масоили иҷтимоӣ низ метавонистанд мутаваҷҷеҳ шаванд. Дар натиҷа, ин мардум аз воситаҳои нафратовари сеҳру ҷоду барои ҷамънамоии корҳои иҷтимоӣ истифода мекунанд[14, С.8].

–Вижагиҳои зотии рӯҳи одамӣ. Ин нуқтаи назар даъвоҳои хурофотпарастиро хоси рӯҳи одамӣ медонад, ки бо пешрафти илм аз байн нарафта, маншаи асосии хурофот ҳамон рӯҳ ва нафси мардум мегардад, ки

дар муқобили ҳаяҷонҳо,и гуногун вокунишҳои гуногуне аз худ нишон медиҳад. Агар мардум аз замони қадим ин қудратро дошт, ки ба таври мантиқӣ ҳаяҷонҳо,и худро идора намояд. Масалан, хурофоте, ки лозим нест аз байн барад, аз ташвишу мушкилот раҳоӣ ёбад, ҳатман ин корро мекард[10, С.45].

Гурӯҳе низ ба куллӣ дахолати нафс ва рӯҳи одамиро дар бақое ё таҷдиди зуҳури хурофот мункир ҳастанд. Муҳаққиқ Яҳёи Нурӣ дар китоби худ "Ислом, ақоид ва ироаи мардумӣ" мегӯяд: "Ба назари мо, ин андешаи дуруст нест (андеша ба ин ки хурофопарастӣ аз хосси рӯҳи одамӣ бошад), балки бақо ё таҷдиди зуҳури хурофот дар набудани густариши воқеии нури илм ва ё нарасидан ба ҳақиқати самарбахш мебошад"[19, С.484].

–Тақлиди куркӯрона ё талкинҳои даврони кӯдакӣ: равоншиносон ва муаррихон сабаби асосии эътиқод ба хурофотро тақлиди кӯркӯрона медонанд. Ин назарияро ба ҳамаи ҷомеаи башарӣ тарҷеҳ медиҳанд. Дар равоншиносии иҷтимоӣ ҷомеаи бидуни тақлидро тасаввур кардан ғайриимкон аст. "Хурофот аз даврони кудакӣ аз он ҷое, ки (шахс наметавонад онро имтиҳон кунад, талқин мешавад, бинобар ин, хурофот таъсири худашро ҳамеша нигоҳ дошта, пайваста қавитар мешавад"[15, С.31].

Бархе боварҳо ва андешаҳо дар байни мардум вуҷуд доранд, ки баъзе аз мардум анҷом додани онро хуб мегӯянд, аммо баъзеи дигар анҷом додани онро бад мегӯянд. Мисол, баъзе аз мардум барои пешгирӣ аз чашми бад испанд дуд мекунанд. Баъзе мардуми дигар бошанд, об рехтан пас аз рафтани мусофирро мепазиранд. Онҳо, андеша доранд, ки вақте паси дарвоза об пошӣ, мусофир солиму бардам ба хонааш меравад. Баъзе мардуми дигар бошанд, барои чашми бадро дур кардан, шикастани тухми мурғро дуруст мешуморанд.

Навгароён тафовути бузурги инсони анъанавӣ ва инсони муосир буда, дар ин мавриди андешаи Луи Брюл қобили қабул мебошад: "Ба таври куллӣ дар ҷомеаҳои анъанавӣ фикру эҳсосоти шоирона ва асотирӣ ҳукмрон мебошад, ки онҳо, тавассути забон, фарҳанги қавмӣ, мазҳабӣ аз даст ба даст мегузаранд. Онҳо, зеҳни дар ҳоли рушди шахсро чунон шакл медиҳанд, ки пазирои бефосилаи чизе мебошад, ки онро ба таври куллӣ хурофот меноманд". "Ин хурофот дар умқи олами беруна ҳаргиз ба сурати комил аз ҳам ҷудо намешаванд, дар натиҷа, мафҳумҳои рамзӣ– ҷодуӣ дар саросари зиндагии шахс бар фикри ӯ ҳукмрон мешавад. Аммо, ҷомеаи илмӣ, ки ба бархӯрди такя дорад, фикрҳои ибтидоиро канор гузошта, инкор мекунад ва ба ҷудо шудани худ аз муҳит ва ташкили ҷаҳонбинии объективӣ, кумак мерасонад"[4, С.186].

Навгароӣ бо далел ва вижагиҳое, ки гуфта шуд, метавонад боиси коҳиши гаравидан ба хурофот шавад. Аз ин рӯ, мизони навгароӣ яке аз тағйироте мебошад, ки мавриди баррасии таҷрибавӣ қарор мегирад.

Муҳаққиқ Р.Хогард дар китоби худ "Манфиатҳои саводнокӣ" ба баррасӣ ва арзёбии густариши хурофот дар байни табақаи коргар пардохта

мегӯяд, ки чӣ гуна хурофотпарастӣ дар байни онҳо, дар рӯҳия саломатӣ ва дар ҳамаи қисматҳои зиндагии онҳо, мавҷуд мебошад. Бо вуҷуди он ки афроди табақаи коргар ба хурофот механдиданд ва худро аз доштани чунин андешаҳо бегуноҳ меҳисобиданд, аммо бо роҳе мерафтанд, ки дар гаравидан ба омили хурофотӣ мушаххас шудааст. Дар маҷмӯъ, ин муҳаққиқ ба ин натиҷа мерасад, ки афроди табақаи коргар бо иллати камсаводии худ ба хурофот рӯй меоваранд[4,, С.241].

Хурофот ва хурофотпарастӣ аз диди олимони илмҳои сотсиологӣ, равоншиносӣ, фалсафӣ ва дигар илмҳои ҷомеашиносӣ яке аз мавзуъҳои мубрам ба шумор рафта, барои бартараф намудани ин падида, зиёд намудани савияи дониши мардум, роҳи ҳалли мушкилоти онҳо,, бо таври илмӣ-мантиқӣ посух додан ба саволҳои онҳо, ба ҳисоб меравад. Барои расидан ба ин ҳадаф ҳамкории тамоми мақомоти давлати бо мардум ва ҳамкории онҳо, бо қишри осебпазири ҷомеаро зарур меҳисобанд.

АДАБИЁТ:

1. Алӣ Акбари Деҳхудо. Ёддоштҳо.-Теҳрон, Муассисаи Донишгоҳи луғатномаи Деҳхудо.-1325.
2. Амид Ҳасан. Луғатнома. -Теҳрон, Интишороти Амир Кабир. -1379.
3. Боқири Сорухонӣ. Доиратул маорифи улуми иҷтимоӣ. -Теҳрон, Интишороти Кайҳон. -1376.
4. Густаво Ҷоҳудо. Хурофоти психологӣ. Тарҷумаи Муҳаммадтақи Бароҳанӣ, -Теҳрон: интишороти Най. -1363.
5. Ғуломҳусайн Садрии Афшорӣ. Фарҳанги форсии имрӯза. -Теҳрон, Нашри Калима. -1370.
6. Давон Шултаз. Назарияҳои шахсият. Тарҷумаи Каримӣ ва дигарон, -Теҳрон, Нашри Арсборон. -1381.
7. Кант Томсун ва дигарон. Дин сохтори иҷтимоӣ. Тарҷумаи Баҳромпури Алӣ, Муҳадаси Ҳасан, -Теҳрон, Интишороти Кавир, 1381.
8. Маҷиди Фурӯтан. Фарҳанги форсӣ. -Теҳрон, Интишороти Моҳтоб. -1374.
9. Муҳаммадалии Шуштарӣ. Фарҳанги вожаҳои форсӣ дар забони арабӣ. -Теҳрон, чопхонаи Баҳман. -1367.
10. Муҳаммадҳасани Покдоман. Ҷомеа дар қаболи хурофот. -Гуновақ, Интишороти Гутенбург. -1378.
11. Набии Содиқӣ. Баррасии хурофоти иҷтимоӣ.-Теҳрон, Интишороти Асуҳ, соли 3, шумораи 12. -1375.
12. Равзай Айр. Психологияи тахайюлӣ. Тарҷумаи Асғари Абдуллоҳӣ ва Парвонаи Милонӣ, -Теҳрон, чопи аввал, интишороти Гутенбург. -1371.
13. Ризо Амири Солеҳӣ. Хурофагароӣ. (Пажӯҳишномаи 23), пажӯҳишкадаи таҳқиқоти стратегӣ, -Теҳрон. -1387.
14. Ризои Хошиъӣ. Психологияи иҷтимоии хурофот. Рӯзномаи Ҳамшаҳрӣ, 1380.
15. Содиқи Ҳидоят. Фарҳанги омиёнаи мардуми Эрон. -Теҳрон, Нашри Чашма. -1378.
16. Фарҳанги Оксфорд. Ҷ, 6.

17. Филип Воринг. Фарҳанги хурофот, аҷибтарин хурофоти мардуми ҷаҳон. Тарҷумаи Аҳмад Ҳаҷорон, интишороти Ҳаҷорон, -Теҳрон, 1371.

18. Ҷалоли Сатторӣ. Заминаи фарҳанги мардуми Теҳрон. -Теҳрон, Интишороти Вироста -1370.

19. Яҳёи Нурӣ. Ислом, ақоид ироаи мардум ё ҷоҳилият дар ислом. Чопи шашум, маҷмӯаи мутолиот ва таҳқиқоти исломӣ, -Теҳрон, Маҷмӯаи маорифи исломӣ, чопи шашум. -1354.

20. Ingersol Robert Green. Superstition. Published by Kessinger Publishing. -2002.

21. [Захираи электронӣ]. Peter Kohler, What is Superstition? About.com [Манбаи электронӣ]
URL:(http://urbanlegends.about.com/cs/folklore/f/superstition1.htm) 2000. 25.05.2017.

ЗНАЧЕНИЯ ТЕРМИНА "СУЕВЕРИЯ" И ЕГО НАУЧНОЕ ФОРМИРОВАНИЕ

САДЖОД МУХАММАД ШАРИФЗОДА,
главный специалист отдела современного исламоведения
Центра исламоведения при Президенте Республики Таджикистан
734003, Таджикистан, г. Душанбе, ул. Шодмони №58/1;
тел.: (+992) 985-58-47-61; e-mail: sajod_90@mail.ru

В данной статье рассматривается термин «суеверие» и суеверность, а также анализируется, как оно формируется в социальных науках. При написании данной статьи автор обобщает взгляды различных ученых в области философии, социологии и психологии, исследует их взгляды и позиции по данному вопросу. В статье рассматривается тема суеверий в национальной и религиозной культуре народов планеты, в том числе мусульманских и немусульманских, суннитских и несуннитских, классических и современных. Статья основана на методе сравнительного анализа и прочтения работ ряда известных исследователей в области философии, социологии, психологии и других общественных наук о феномене суеверия.

На основе обзора научных материалов по данной теме автор доказывает, что феномен суеверий в разных частях света имеет давнюю историю, особенно среди невежественных людей, и на этом основании в классическую эпоху социологии, психологии учёные подробно высказали свои взгляды на феномен суеверия.

По мнению автора, феномен суеверия является актуальной проблемой и должным образом присутствует в культуре народов разных стран. Автор статьи также отмечает, что одной из основных причин предубеждений людей в отношении суеверия, безграмотности и ограниченности собственных знаний и мировоззрения, на которую влияет это явление, является одно из вышеприведенных определений понятие суеверия.

Ключевые слова: *Философия, социология, психология, исследователь, суеверие, суеверие, подход, психологический подход, социологический подход, теория.*

EXPLANATION OF SUPERSTITUTION TERMS AND ITS SCIENTIFIC FORMATION

SAJJODI MUHAMMAD SHARIFZODA,
Chief Specialist of the Department of Modern Islamic Studies,
Center for Islamic Studies under the President of the Republic of Tajikistan
734003, Tajikistan, Dushnabe city, Shodmoni street, №58/1;
tel.: (+992) 985-58-47-61; e-mail: sajod_90@mail.ru

This article discusses the term "superstition" and superstition, and analyzes how it is formed in the social sciences. When writing this article, the author summarizes the views of various scientists in the field of philosophy, sociology and psychology, such as Sigmund Freud, Auguste Comte, Albert Bandu and others, and explores their views and positions on this issue. The article deals with the topic of superstitions in the national and religious culture of the peoples of the planet, including Muslim and non-Muslim, Sunni and non-Sunni, classical and modern. The article is based on the method of comparative analysis and reading the works of a number of well-known researchers in the field of philosophy, sociology, psychology and other social sciences on the phenomenon of superstition. Based on a review of scientific materials on this topic, the author proves that the phenomenon of superstition and superstition in different parts of the world has a long history, especially among ignorant and ignorant people, and on this basis, in the classical era of sociology, psychology, scholars expressed in detail their views on the phenomenon of superstition. According to the author, the phenomenon of superstition and superstition is an actual problem and is properly present in the culture of the peoples of different countries. The author of the article also notes that one of the main reasons for people's prejudices regarding superstition, illiteracy and limited knowledge and worldview, which is affected by this phenomenon, is one of the above definitions and the concept of superstition.

Keywords: *Philosophy, sociology, psychology, researcher, superstition, superstition, approach, psychological approach, sociological approach, theory.*

К СВЕДЕНИЮ АВТОРОВ

В Вестнике Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан «Таджикистан и современный мир» печатаются статьи в области политологии, экономики и социологии, которые являются результатами научно-исследовательских работ Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан и других организаций. Редколлегия журнала обращает внимание авторов на необходимость при направлении статьи в редколлегию строго соблюдать следующие правила:

1. Статьи принимаются по рекомендации главного редактора Вестника или его заместителей.

2. Текст статьи представляется редакционной коллегии в виде файла на съемном диске и бумажном носителе и должен быть подготовлен в текстовом редакторе MS Word, шрифтTimes New Roman 12 пт для статей на русском и таджикском языках. Для компьютеров с Windows XP и любой версией МС Офис необходимо использовать клавиатурный редактор Keyman. Интервал между строками– 1,15. Все листы рукописи должны быть пронумерованы.

3. Размер статьи не должен превышать10 стр. компьютерного текста, включая текст, таблицы, список литературы(не более 15 источников), рисунки, число которых не должно превышать 6. ,

4. Рисунки, диаграммы и фотографии прилагаются отдельно в формате той программы, в которой они выполнены. Диаграммы в форматеExcel, ри сунки и фотографии в форматеJPEG.

Оформление статьи:

1. Титульная страница статьи должна содержать: УДК, Ф.И.О. автора(ов) (полностью), ученая степень и(или) звание, должность, название учреждения(ий), в котором выполнена представленная статья, адреса(почтовый и электронный), номера телефонов, полное название специальности.

2. Сокращение слов, имен, названий не допускается, за исключением общепринятых сокращений мер, физических, химических и математических величин, терминов и т.д.

3. Ссылки на цитируемую литературу даются в тексте статьи в квадратных скобках, например: [1], [1, 3–5]. Список литературы приводится общим списком (под заголовком «Литература») в порядке упоминания в тексте и оформляется следующим образом:

Для книг: фамилия и инициалы автора, полное название книги, том или выпуск, место издания, издательство, год издания, номер страницы или общее количество страниц. Для периодических изданий: фамилия и инициалы автора, название статьи, название издания, год и номер издания, номер страницы или первая и последняя страницы статьи.

Например:

1. Махмадов А.Н., Асадуллаев И.К. Национальный интерес Таджикистана. (Методическое руководство). – Душанбе: Авесто, 2009.– С.8.

2. Френсис Фукуяма. Неясность национального интереса// Независимая газета. 1992, 16 октября. -С.3-5.

К статье прилагается резюме на русском, английском и таджикскомязыках(не менее5 строк) и ключевые слова(3–10).

Редколлегия оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения рукописей, рекомендовать статьи к депонированию.

Рукописи, не отвечающие настоящим правилам, редколлегией не принимаются.

Текст присылаемой рукописи является окончательным, должен быть тщательно подготовлен, выверен, без исправлений и подписан автором(ами). Подробную инструкцию по оформлению статей можно скачать на сайте ЦСИ (www.mts.tj) на главной странице в разделе ***ВЕСТНИК– ТАДЖИКИСТАН И СОВРЕМЕННЫЙ МИР.***

Примечание: Позиции авторов и редакционной коллегии могут не совпадать. За правильное использование источников, фактов и цифр ответственность несут авторы.

Адрес редакции: 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки 89,
тел.: (+992 37) 221-11-00; (+992 37) 221-16-36
Факс: (+992 37) 221-11-00
E-mail: info@mts.tj

Ба матбаа 26.07.2022 таҳвил гардид. Чопаш 17.08.2022
ба имзо расид. Коғази офсет. Андозаи 70х100 1/8.
Ҷузъи чопии шартӣ 39.5 Адади нашр 100 нусха.
Супориши № 21/22. Нархаш шартномавӣ.

Маҷалла дар чопхонаи ҶДММ «Аржанг» ба табъ расидааст.
ш. Душанбе, кӯчаи С. Шерозӣ – 21